**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ**

**АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**УДК – 37.0+930 (2 – тоҷ)**

**ББК – 74+74.00+63. 3.(0) (2 – тоҷ)**

**С – 97**

**ГУЛРӮИ СУҲРОБИ ҶУРАХОНЗОДА**

# ХУСУСИЯТҲОИ ТАШАККУЛИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ ХОНАНДАГОН ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК ВА КОРҲОИ БЕРУНАЗДАРСӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD,

доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010301-Педагогикаи умумӣ,

таърихи педагогика ва таҳсилот

**Роҳбари илмӣ:**

номзади илмҳои педагогӣ, дотсент

Расулов Давлатмурод

**Кӯлоб–2022**

Ихтисораҳо

ХМ – худшиносии миллӣ

ИШ – Иттиҳоди Шуравӣ

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

ХХ – худшиносии хонандагон

ИМ – и фтихори миллӣ

КОА – Комиссияи олии атестатсионӣ

ФР – Федератсияи Россия

МУНДАРИҶА

Сарсаҳифа.......................................................................................................1
Ихтисораҳо.....................................................................................................2
Мундариҷа......................................................................................................3
Муқаддима ......................................................................................................4
Тавсифи умумии таҳқиқот..............................................................................8
БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ ХОНАНДАГОН ..................................................................17
§1.1.Мулоҳизаҳои муқаддимотӣ.....................................................................17
§1.2.Моҳият ва сохти худшиносии миллӣ.....................................................24
§1.3.Ташаккул ва рушди худшиносии миллии хонандагон дар раванди худтарбиякунӣ.................................................................................................49
§1.4 Дараҷаи ташаккул ва рушди худшиносии миллии хонандагон......69
Хулосаи боби якум ........................................................................................80
БОБИ 2. ИМКОНИЯТИ ПЕДАГОГИИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК ВА НАҚШИ КОРҲОИ БЕРУНАЗДАРСӢ ДАР ТАШАККУЛИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ ХОНАНДАГОН....83
§2.1.Асосҳои илмӣ–педагогии ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик..............83
§2.2.Шароитҳои педагогӣ ва хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик.............110
§2.3.Ташаккули худшиносии миллии хонандагон ҳангоми омӯзиши маводи таълимии замони навини давлатдории миллӣ.........................121
§2.4. Корҳои беруназдарсӣ омили муҳими ташаккули худшиносии миллии хонандагон.......................................................................................142
Хулосаҳои боби дуюм.................................................................................152
Хулосаҳои умумӣ .........................................................................................155
Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо..........................................159
Рӯйхати адабиёт............................................................................................161
Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.....................................................177
Замимаҳо ......................................................................................................180

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар замони муосир рушди технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва идеологияҳои мухталиф ҷомеаи ҷаҳониро ором нагузошта, хатар ба таъриху фарҳанг, тамаддун бештар шуда, воридшавии унсурҳои бегона ба фарҳанги миллӣ, боиси аз байн рафтани урфу одат, анъана ва ҳувияти миллӣ мегардад. Дар шароити имрӯза масъалаи таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва пойдории ваҳдати миллӣ тавассути ташаккули худшиносии миллӣ, дар заминаи анъанаҳои миллӣ ва динӣ сурат мегирад. Аз ин рӯ, моро мебояд дар ҳамбастагӣ ва ҳамкорӣ тарбияи насли наврасро таҳким бахшида, пояҳои онро мустаҳкам созем ва наврасону ҷавононро ба дарки моҳияти вуҷуди хеш, шинохти аслу насаб, донистани моҳияти маънавӣ, мавқеи худ дар ҷомеа, огоҳии комил аз таърих, фарҳангу тамаддун, забон, адаб, урфу одатҳои аҷдодӣ ҳидоят намоем. Зеро танҳо тарбияи хуб метавонад рушди бомароми кишварро таъмин намуда, мавқеи онро дар арсаи байналмилалӣ боло барад ва устувор гардонад.

Фаъолияти тарбиявии ҳар яки мо бояд аз миллатдӯстӣ ва ватандориҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маншаъ гирад. Чӣ тавре ки Президенти мамлакат таъкид менамояд: «То даме, ки худшиносии миллӣ, пос доштани хотираҳои таърихӣ, ифтихор аз мансубияти миллӣ, дар шуури ҳар яки мо падид наояд, то даме, ки ҳар кадоми мо манфиати миллиро ҳамчун қарзи муқаддаси шаҳрвандӣ эҳсос накунем ва эҳтиром нагузорем, то даме, ки хидмат ба Ватану миллат бароямон ба арзиши олии зиндагӣ табдил наёбад, мо ҳамчун давлати соҳибистиқлоли миллӣ ба камол намерасем»[186].

Ба андешаи сарвари давлат барои он ки наслҳои ояндаи кишвар ба фишори ҷаҳонишавӣ муқовимат карда, асолати миллӣ ва худогоҳиву хештаншиносиашро ҳифз карда тавонад, онҳо бояд мақому манзалати

инсониашро бо решаҳои таърихӣ, бо сарнавишти миллату халқи худ пайванд созанд ва ба Ватану модар, арзишҳои милливу башарӣ арҷ гузоранд, манфиатҳои худро бо манфиати давлат, ҷомеа ва хонаводa пайваста тавонанд ва донанд, ки вазифаҳои онҳо дар назди давлат, ҷамъият ва оила аз чӣ иборат аст, он гоҳ метавонанд ба худшиносию худогоҳии миллӣ расанд.

Масъалаи тарбияи худогоҳиву худшиносии миллӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2013), «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои амалкунандаи меъёрии соҳаи таълиму тарбия инъикос ёфтааст. Масалан, дар Консепсияи миллии тарбия омадааст: «Шаҳрванд бояд қадру қимати худро донад ва онро ҳимоя намояд, аз миллат, таърих ва фарҳанги он бохабар бошад ва онҳоро гиромӣ донад. Худогоҳӣ аз бедории миллии ҳар як шаҳрванди худшинос маншаъ гирифта, ӯро ба сӯи ифтихори миллӣ, пос доштани ҳуввияти миллӣ, софдилона хизмат кардан ва содиқ будан ба Ватану миллат ҳидоят мекунад.

Шаҳрванди худшиносу худогоҳ истиқлолияти давлатии кишвари хешро чун гавҳараки чашм ҳимоя мекунад ва дар ҷодаи ғанӣ гардидани боигариҳои моддию маънавӣ ва фарҳангии миллат саҳм мегузорад, ки ин ҳама ифодагари манфиатҳои миллат мебошад» [176].

Дар шароити ҷаҳони пурҳаводис моро зарур аст, ки наслҳоиояндасози кишварамонро ҳушдор созем, ки мисли солҳои 90–уми асри гузашта фирефтаи таблиғоти неруҳои ифротгаро ва бадхоҳони миллати тоҷик нагарданд, ҳамеша барои ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва давлат омода бошанд.

Насли ҷавониояндасози миллат бояд донад, ки неруҳои ифротгароён инсонҳоро ба ҷангу терроризм ва радикализми динӣ кашида, онҳоро аз аслашон бегона месозанд ва ҳисси худшиносии миллии онҳоро доғдор мекунанд. Наврасону ҷавонон набояд фаромуш

созанд, ки миллати тоҷик бо таърихи қадимаи давлатдорӣ, маънавиёти баланд ва фитрати фарҳангофариаш ҷаҳоншумул буд. Таърих гувоҳ аст, ки ташаккули тоҷикон аз асри якуми мелодӣ оғоз ёфтаву маҳз дар замони Сомониён ба мақоми баланди давлатдорӣ расидааст. Вобаста ба ин омӯзгоронро мебояд, насли наврасро дар рӯҳияи худшиносӣ ва ифтихори миллӣ, ватанпарастӣ, дӯст доштани марзу буми хеш, инсондӯстӣ, эҳтиром ва бузургдошти арзишҳои маънавию фарҳангӣ ва миллӣ тарбия намуда, ин ҳиссиётро дар онҳо ташаккул диҳанд, то ки онҳо ба саволҳои: Мо кистем, аз куҷоем, дар кадом хонавода сабзидаем, нахустин аҷдодонамон киҳоянд, аз куҷо омаданд ва дар кадом сарзамин ошён доштанд?–ҷавоб гуфта тавонанд.

Худогоҳию худшиносии миллӣ, ваҳдату ягонагӣ ва ватанпарварӣ рукни пешрафти ҷомеа маҳсуб ёфта, асоснок кардани мазмун, сохт ва таъмини корҳои ташкилию методии тарбияи худшиносии хонандагон ҳам дар назария, ҳам дар амалия дар таҳкими рушди давлатдорӣ муҳим мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Зимни таҳқиқ ва омӯзиши осори академики барҷаста Ғафуров Б.Ғ. «Тоҷикон» маълум карда шуд, ки ҷанбаҳои масъалаи ташаккули худшиносии миллӣ дар мардонагию далерӣ, фурутанию ватандории қаҳрамонҳою абармардонӣ осори зикр шуда ба таври возеҳу равшан баён гаридааст.

Ба тарбияи худшиносию худогоҳӣ ва хештаншиносии ҷавонон бошад асарҳо ва таъкидҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида шудааст.

Олимон, педагогони хориҷию ватанӣ К.Д. Ушинский, А.С. Макаренко, В.А. Сухомлинский, Ю.К. Бабанский, В.А. Сластёнин, К.К. Атоев, Н.А. Бегишева, В.С. Степанова, О.Н. Парасенко, И.П. Подласий, М.Т. Коджаспирова, М. Лутфуллозода, К.Б. Қодиров, И.Х. Каримова, Ф. Шарифзода, Х. Авзалов, Б. Раҳимов, А. Паҳлавонов, А. Нуров, А.М.

Мирализода, Ф. Гулмадов ва дигарон назария ва амалияи ташаккули ҳамаи сифатҳои шахсии наврасону ҷавонон, худшиносии миллии наврасон дар раванди азхудкунии маданияти этнопедагогӣ, муҳити педагогӣ, омили педагогӣ, ташаккули худшиносии кӯдакони синни калони мактабӣ, шароити педагогии тарбияи образи миллии «Ман»–и кӯдакони синнусоли томактабиро мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

Муҳаққиқону файласуфон Р.Г. Абдулатипов, М.Н. Громова, О.В. Ладигина, М.С. Джунусов, Л.Д. Олейник, Ф.А. Турсунов, ва дигарон моҳияти мафҳуми «Худшиносии миллӣ» – ро таҳқиқ намуда, бештар ба масъалаҳои миллат ва ҷамъият: худшиносии миллӣ ҳамчун падидаи миллат, лаҳзаҳои худшиносии миллии шахсӣ, лаҳзаҳои худшиносии миллӣ дар алоқамандӣ ба раванди иҷтимоӣ, истиқлолияти миллӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ, худшиносии шахсӣ ва роҳҳои ташаккули он, хусусиятҳои маданияти иҷтимоӣ, барқароршавии иҷтимоӣ ва хусусиятҳои психологияи миллӣ диққат додаанд.

Олимону психологон ва таърихшиносон К.А. Абулханова–Славская, Б.Г. Ананьев, А.А. Бодальев, Л.С. Выгодский, Л.И. Божович, И.С. Кон, В.С. Мерлин, С.Л. Рубинштейн, А.Г. Спирикин, И.С. Брагинский, Достиев Абдулмаҷид, Аҳроров Мухтор, Наршахи Муҳаммад, Р. Набиева, Р. Сафар, Н. Салимов, Б. Сафаралиев, У. Иброҳим, С. Хоҷаев, Ҳ. Намоз, Х. Талбак, М.Х. Абдуллоев, М. Шукуров ва дигарон ҷанбаҳои умумии назариявӣ ва методикаи таҳлили қисматҳои сохти худшиносии миллӣ, мафҳумҳои «худшиносӣ», «худбаҳодиҳӣ», «худшиносии миллӣ», моҳияти масъалаи марказии худшиносии миллии «ман»–ро таҳқиқ кардаанд.

Аз таҳлили таҳқиқоти олимон мушаххас гардид, ки масъалаи ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар илми педагогика ҳанӯз ҳам ба таври кофӣ ҳалли худро наёфта, консепсияи ягонаи ташаккули худшиносии миллии насли наврасону ҷавонон дар шакли маҷмуӣ (комплексӣ) таҳқиқ нагардидааст.

Аксари асарҳои ба ташаккули худшиносии миллии хонандагон бахшидашуда, ҷанбаи назариявӣ дорад. Масъалаи мазкур дар ҷараёни таълими фанҳои алоҳида ва корҳои беруназдарсӣ камтар равшан гаридааст, Ҳамчунин дастур, коркардҳои методӣ оид ба ташаккули худшиносии миллии хонандагон кам ба назар мерасад.

Қобили зикр аст, ки дастрасӣ надоштан ба маводи мукаммал ва технологияи амалисозии он вобаста ба мавзуи таҳқиқшаванда кори омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро дар ташаккули худшиносии миллии хонандагон душвор мегардонад.

Камбудию норасоиҳои баёншуда муҳим будани таҳқиқоти моро дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ» собит менамояд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсиони дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи педагогика барои солҳои 2019–2023 дар мавзуи «Худшиносии миллии хонандагон дар раванди корҳои беруназдарсӣ» ва муқаррароти асосии Конститутсияи ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» (2013), «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тағйиру иловаҳо соли 2018», Консепсияи миллии маълумоти ҶТ ва дигар санадҳои амалкунандаи меъёрии соҳаи таълиму тарбия иҷро гаридааст.

## Тавсифи умумии таҳқиқот

**Мақсади таҳқиқот:**–аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок намудани моҳияти хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

1. Таҳлил намудани адабиёти илмию методӣ оид ба имкониятҳои назариявию амалӣ дар раванди хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ;

2. Ба нақша гирифтани корҳои амалӣ ва муайян намудани сатҳи ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

3. Сохтани амсилаи хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ;

4. Муайян намудани шароит ва имкониятҳои истифодабарии корҳои беруназдарсӣ дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик ҳамчун воситаи ёрирасон;

5. Таҳияи технологияи ба донишҳои мукаммали илмию таърихӣ мусаллаҳ намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

6. Ба таври озмоишӣ асоснок намудани самаранокии худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик бо корҳои беруназдарсӣ.

**Объекти таҳқиқот:** фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ташаккули худшиносии миллии хонандагон.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот:** хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ.

**Фарзияи таҳқиқот:** худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҳолате самаранок ташаккул меёбад, ки **агар:**

–ба масъалаи ташаккули худшиносии миллии хонандагон ба тарзи маҷмуӣ (комплексӣ) муносибат карда шавад;

–имкониятҳои педагогие, ки ба ташаккули худшиносии миллии хонандагон бахшида шудааст дар ҳар як бобу зербобҳои фанни таълими таърихи халқи тоҷик муайян карда шуда, дар амал татбиқ карда шаванд;

–дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар баробари маводи таълимӣ дигар сарчашмаҳо низ истифода бурда шавад;

–дар раванди корҳои беруназдарсӣ ва саёҳатҳои таърихӣ, азбар кардани асарҳои олимони таърихшинос, асарҳои бадеию таърихӣ, нақлу ҳикояҳои халқи тоҷик мақсаднок истифода бурда шавад;

–диққати хонандагон ба азхудкунии донишҳои мукаммалу ба низомдаровардашуда равона карда шавад;

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот)**

Омӯхтани сарчашмаҳо ва таҳлил намудани маводҳои лозима вобаста ба мавзуъ дар кори диссертатсия се марҳиларо дар бар мегирад:

**Марҳилаи якум** (солҳои таҳсили 2015–2017). Адабиёти фалсафӣ, сотсиологӣ, таърихӣ, педагогию психологӣ оид ба мавзуи таҳқиқот мавриди таҳлил қарор гирифта, ҷанбаҳои назариявӣ, объект, предмет, фарзия, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шуд, моҳият ва сохти мафҳуми "худшиносии миллӣ" дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди омӯзиш қарор гирифт. Дар баробари ин унсурҳо ва ҷузъҳои таркибии фанни таърихи халқи тоҷик дар ташаккули худшиносии миллии хонандагон аниқ карда шуданд.

**Дар марҳилаи дуюм** (солҳои таҳсили 2018–2019) сатҳи ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, гурӯҳҳои озмоишӣ ва муқаррарӣ муайян карда шуданд. Тавассути усули пурсишнома тасаввуроти омӯзгорон ва хонандагон оид ба худшиносии миллӣ, тайёрии онҳо ба ташаккули худшиносии миллӣ, сабабҳои нокифоягии тайёрии онҳо ба ташаккули худшиносии миллӣ, роҳҳо ва усулҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик муайян карда шуд.

**Дар марҳилаи сеюм** (солҳои таҳсили 2020–2022) натиҷаи корҳои озмоишӣ таҳлил ва ҷамъбаст гардида, дар амал татбиқ гардид. Ҳадафи асосии мавзуи диссертасия ин санҷиши босамари воситаҳои хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик буд, ки хулосабарорӣ низ карда шуд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот:** Назарияи таҳқиқотро маъхазҳои таърихшиносон, файласуфон, педагогон, психологон, бостоншиносон, осори мутаффакирони форсу тоҷик, асарҳои олимону муҳақиқони хориҷию ватанӣ, Конститутсияи ҶТ, Қонуни ҶТ “Дар бораи маориф”, Консепсияи миллии маълумот дар ҶТ”, “Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ то соли 2020”, Консепсияи миллии тарбия дар ҶТ, Қонуни ҶТ “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”ва дигарҳо, ки ба ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот:** Методологияи таҳқиқотро аз рӯи масъалаи ба миён гузошташуда инҳо ташкил медиҳанд:, омӯхтан ва таҳлил намудани сарчашмаҳои таърихӣ, фалсафӣ, педагогию психологӣ, муттаҳид намудани ҳамкории омӯзгорону хонандагон дар ҷараёни таълим, аз ҷиҳати педагогию пихологӣ гузаронидани корҳои таҷрибавию озмоишӣ, мушоҳидаҳои психологию педагогӣ, мубоҳисаҳо бо омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Суҳбати фардӣ ва гурӯҳӣ бо хонандагон, омӯзгорон, ҳамсолон ва дигар намояндагони ҷамъият, мушаххас намудани вазъияти педагогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, саволу ҷавоб бо хонандагон (анкета), таҳлил ва хулосабарории корҳои санҷишӣ.

**Сарчашмаҳои маълумот:**

1. Осори мутафаккирон бахшида ба масъалаи худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ.

2. Асарҳо, рисолаҳо, мақолаҳо ва дигар корҳои илмӣ- таҳқиқотӣ марбут ба худшиносии миллии хонандагон.

3. Феҳристи адабиёти илмӣ-методӣ, сарчашмаҳои фалсафӣ, таърихӣ, педагогию психологӣ ва таҳлили муқоисавии онҳо.

4. Таҳлили таърихии афкори педагогию психологии мутафаккирон ва ҷамъбасти санадҳои ба даст омада.

5. Дар рафти таҳқиқот ташкил ва гузаронидани суҳбату мубоисаҳо бо омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

**Заминаҳои эмперикӣ:** Хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик масъалаи на чандон сода ва одӣ аст. Мо дар кори таҳқиқотии худ аз диди фалсафӣ, зебоипарастӣ, равоншиносӣ, таърихшиносӣ ва монанд ба инҳо такя намуда, ғояҳою падидаҳои педагогию психологии муосирро вобаста ба талабот ба инобат гирифтем, ки дар маҷмуъ чунин усулҳои эмперикӣ мушаххас гардид: озмоиш, мубоҳиса, суҳбат, муқоиса, таҳлил, таҷзия, арзёбӣ, саволнома, тест, санҷиш, индуксия, дедуксия ва ғайра.

**Пойгоҳи таҳқиқот:** Натиҷаи корҳои озмоишию таҷрибавии диссертатсия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №1, №5, №51–и шаҳри Кӯлоб, №1, №5, №15–и ноҳияи Восеъ ва №1–и ноҳияи Ховалинг гузаронида шудааст. Дар таҳқиқот вобаста ба масъалаи ташаккули худшиносии миллии хонандагон 286–нафар хонандагони синфҳои озмоишӣ ва 284–нафар хонандагони синфҳои муқаррарӣ ҷалб гардида буданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот**:

1. Меъёрҳо, роҳҳо ва хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян гардида, истифодаи усули инноватсионии таълими корҳои беруназсинфӣ пешниҳод гардид;

2. Роҳҳо ва нишондиҳандаҳои мусбати ҳисси худшиносии миллии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ асоснок ва ошкор карда шуданд;

3. Нақш ва мақоми худшиносии миллӣ дар муассисаҳои миёнаи умумӣ вобаста ба шароит ва талаботи педагогӣ муайян карда шуд;

4. Амсилаи ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ таҳия карда шуд.

5. Ташкили корҳои тарбиявию беруназдарсӣ дар мактаб ҳамчун заминаи таърихию фарҳангӣ барои рушди минбаъдаи насли наврасу ҷавонон илман асоснок карда шуд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Тайёрии босалоҳияти омӯзгори фанни таърихи халқи тоҷик бо назардошти истифодаи воситаҳои муосири таълим дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик;

2. Технологияи шиносоӣ бо таъриху фарҳанги миллӣ бо назардошти технологияҳои муосир, муносиби таълими онҳо;

3. Тарзҳои воқиф намудани хонандагон ба арзишҳои таъриху фарҳанги миллии тоҷикон оид ба худшиносии миллӣ ва иртиботи он бо падидаҳои ҷаҳонбинии насли нав;

4. Нақш, манзалат ва мақоми таъриху фарҳанги миллӣ дар ташаккули ифтихори миллӣ, ватанпарастӣ ва худогоҳии миллӣ.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот:**

– дар раванди фаъолияти таълимии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ шароити педагогии беҳтар ташаккул додани худшиносии миллии хонандагон ба тариқи озмоишҳо асоснок карда шуданд;

– дастури методии таҳия ва татбиқшудаи фанни таърихи халқи тоҷик имконият медиҳад, ки раванди ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар фаъолияти педагогӣ мақсаднок ба роҳ монда шавад;

– тавсияҳои илмию амалӣ нисбат ба хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон ҳамчун сифати муҳимми шахсии онҳо муайян карда шуданд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот:**

– дар амалияи корҳои таълимию тарбиявии ҳамаи муассисаҳои таълимӣ курсҳои баланд бардоштани ихтисоси муаллимони ҷумҳурӣ роҳандозӣ шудааст;

– машғулиятҳои назариявию амалӣ аз фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Кӯлоб, ноҳияи Восеъ ва ноҳияи Ҳовалинг татбиқ шудаанд;

– ҷанбаҳои педагогии омодасозии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вобаста ба хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллӣ таҳия карда шуданд;

– тавсия ва дастурҳои методӣ марбут ба тарбияи худшиносии милии хонандагони муассисаҳои миёнаи умумӣ пешниҳод гардиданд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ:**

Моҳияти кори диссертатсионӣ ба мазмуни бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 6D010301–педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқ мебошад.

*Банди 1.* Методологияи таҳқиқоти педагогӣ (равишҳои таҳқиқоти дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва уҳдадориҳои татбиқ назарии онҳо, усулҳои таҳқиқотии педагогӣ).

*Банди 6.* Консепсияи таҳсилот (сифати таҳсилот ва технологияҳои арзёбии он; равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот).

*Банди 7.* Педагогикаи амалӣ (ҷамъбасткунии таҷрибаҳои пешқадами педагогӣ, ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот, фаъолияти озмоишию таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ).

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти илмӣ дар таҳқиқот:**

Докторанти PhD дар натиҷаи таҳлили сарчашмаҳои илмӣ–таърихӣ зарурият ва аҳамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявию методологии таҳқиқот, восита ва усулҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот ва навгониҳои илмии таҳқиқотро асоснок карда, фарзия, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқотии масъалаи таҳқиқшавандаро муайян намудааст. Натиҷаи он дар тасдиқи муқаррароти кори илмӣ, дар раванди корҳои озмоишӣ, таҳлил ва хулосабарории корҳои таҷрибавӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳою конференсияҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳо ва таҳияи диссертатсия таҷассум ёфтааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Хулосаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар чунин мавридҳо такмил ёфтааст:

– дар ҷаласаю семинарҳо ва конфронсҳои илмӣ-назариявӣ оид ба масъалаи таълиму тарбияи худшиносии миллии хонандагон;

– дар конфронсҳои ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ;

– дар ҷаласа ва семинарҳои кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мунтазам аз ҷаҳати илмӣ ва амалӣ муҳокима намудан;

– дар курсҳои такмили ихтисосои омӯзгорон;

– баромадҳо ва суханрониҳо дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.**

Натиҷаи рисолаи илмӣ дар кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ, семинарҳои илмӣ, конференсияҳои ҷамъбастии донишгоҳ (солҳои 2016-2022), конференсияҳои ҷумҳуриявӣ (солҳои 2019, 2020, 2021) ва байналмилалӣ (2019) баррасӣ гаштааст.

Ҳамзамон муаллиф дорои 1 монография, 1 дастури таълимӣ ва 14 номгӯи мақолаҳои илмӣ ба табъ расида, мебошад, ки аз ин миқдор 8–

тояшро мачаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА – ФР, 4–тои боқимондаашро маводи конференсияҳои чумҳуриявию байналимлалӣ ташкил медиҳанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия:** таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, ду боб, 8 – зербоб, хулосаҳо, номгӯи адабиёт бо феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда (186) ва замимаҳо иборат буда, ҳаҷми умумии он бо матни Timis New Roman Tj A4 ҳуруфчинишуда, 181 саҳифаи матни компютериро ташкил медиҳад, муҳтавои асосии диссертатсия бошад 160 саҳифаро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ ХОНАНДАГОН

## 1.1. Мулоҳизаҳои муқаддимотӣ

Ҷузъи марказии шуури миллӣ, ХМ – маҷмуи ғояҳо, анъанаҳо ва мафҳумҳои намояндагони миллат мебошад, ки имкон медиҳанд ҷомеаи одамон дар маҷмуъ дубора эҳё шуда, ҳар як фард ҳамчун як шахсияти иҷтимоии додашуда тасниф карда шавад. ХМ асоси низоми муносибатҳои арзёбӣ ва ғояҳои арзишӣ мебошад, ки барои худмуайянкунии дахлдори шахс дар ҳаёти маънавӣ ва иҷтимоию сиёсӣ заруранд.

Вазифаи асосии ҳувияти миллӣ эҷоди ягонагии равонӣ ва иҷтимоию сиёсии воҳидҳои этникӣ мебошад. ХМ маҳсули мураккаби зеҳнист, ки сохтори он унсурҳои бошуурӣ, аз ҷумла архетипҳо ва қолабҳои гуногунро дар бар мегирад. Агар шуури миллӣ афкори умумӣ, муносибат ва ақидаҳои як ҷомеаи миллию этникиро инъикос намояд, ХМ инфиродӣ буда, пеш аз ҳама дараҷаи азхудкунии қисматҳои алоҳидаи шуури миллиро аз ҷониби фарди мушаххас ифода мекунад. Ҳар як намояндаи миллат худро ҳамчун як ҷузъи он дарк мекунад, аз лаҳзаи ба дунё омаданаш барандаи фарҳанги миллӣ мегардад. Барои ҳар як одам ин шуур асоси дохил шудан ба низоми муносибатхои сиёсию ҷамъиятӣ мебошад.

Падидаи ХМ аллакай дар марҳилаҳои аввали таърихи башарият ба вуҷуд меояд. Генезиси он раванди тӯлонӣ, мураккаб, нобаробари фарҳангӣ ва таърихӣ мебошад. Пайдоиши ХМ дар сатҳи оддии этнопсихологӣ бо амали яке аз механизмҳои асосии иҷтимоию психологии рушди шуури инсон дар маҷмуъ, бо ташаккул ва реша дар руҳияи ақидаҳои ин ё он ҷомеа алоқаманд аст. Муқобилияти «мо» ва «онҳо» чун қоида, ба якчанд аломатҳои зоҳирии берунӣ, ки «мо» – ро аз

«дигарон» фарқ мекунанд, асос ёфтааст. Ин намуди зоҳирии ҷисмонӣ (маълумоти антропометрӣ, чеҳра ва ғайра) ё хусусиятҳои иҷтимоӣ – фарҳангӣ (забон, анъанаҳо, урфу одатҳо) мебошад. Он метавонад ҳам эътиқоди динӣ ва ҳам тарзи ҳаёти иқтисодӣ бошад. Инҳо ҳамчунин метавонанд омилҳои иҷтимоӣ–сиёсӣ бошанд, масалан, сохтори сиёсӣ (ташкили қудрат ва назорат) ё идеологияи ҳукмрон (агар вуҷуд дошта бошанд), низоми арзишҳо ва самтҳои арзишӣ ва ғайра. Ин механизмҳо амалан дар ҳамаи таълимоти миллӣ, идеологӣ ва сиёсӣ амал мекунанд.

Дар сатҳи психологии рӯзмарра ба ҳалли масъалаҳои таҷаммуъ ва иттиҳод боз як механизми қолибҳои миллию этникӣ мусоидат мекунад, ки таърихан рушд ёфта, вале то ҳол таъсири худро нигоҳ доштааст. Чунин қолабҳо эҳсосотӣ, возеҳ, вале ботини абстрактӣ, симои баҳодиҳии умумӣ, пурмазмун ва соддакардашудаи баҳодиҳии «намояндагон»-и дигар гурӯҳҳои миллию этникӣ мебошанд. Онҳо дар асоси таассуроти якҷониба, субъективӣ, баъзан якдафъаина ва дарки аз ҳад зиёд эҳсосии намояндагони як гурӯҳи қавмӣ аз ҳисоби мутлақи як ё якчанд хислатҳои рафторӣ (масалан, хислатҳои рафторӣ ё сифатҳои психологӣ) ташаккул меёбанд. ки бевосита, ба таври механикӣ бо баъзе аломатхои берунӣ алоқаманданд, ки нисбат ба хусусиятҳои миллати худ зид мебошанд.

Талаботҳои аз ҷиҳати таърихӣ шартшудаи гурӯҳҳои мушаххаси миллӣ – этникӣ нақши якхела, агар ҳалкунанда набошад ҳам, бозиданд. Ин ба ташаккули ҷомеаҳои иқтисодии одамоне, ки ба гурӯҳҳои миллӣ тааллуқ доранд, вобаста буда, пеш аз ҳама бо ҳудуди умумии истиқомати онҳо муайян карда мешуд, ки бо мурури замон дар он фазои ягонаи иқтисоди бозорӣ ташкил ёфт. Маҳз ҷомеаи иқтисодӣ буд, ки ҷамоаи психологии «мо» – ро мустаҳкам кард, ки ҷамъиятҳои миллию этникиро, ки бо сарҳади феодалӣ ва қабилаӣ ҷудо шуда буданд, минбаъд дар миллатҳои ягона муттаҳид намуда, онҳоро ба оқилтар будан дар бораи худашон ҳамчун як кулли ягона водор намуд.

Омили ҳавасмандкунанда ва суръат бахшидан ба рушди ХМ одатан чунин омилҳое буданд, ки ҳуҷумҳои беруна, ғуломӣ, мустамликасозӣ, ки хатари ассимилятсия, нобудии фарҳангӣ ё пурраи ҷисмонии ҷомеаҳои миллиро доштанд. Дар чунин шароит ташаккули ХМ хеле суръат гирифт ва метавонист муваққатан аз ташаккули иттиҳодияҳои иқтисодӣ ва миллатҳо пеш гузарад. Масалан, муборизаи миллӣ–озодихоҳӣ ба муқобили мустамликадорӣ дар як қатор мамлакатҳои Осиё ва Африқо дар асри ХХ боиси ба вуҷуд омадани шаклҳои рушдкардаи ХМ, то аз байн рафтани тарзи ҳаёти феодалию қабилавӣ ва мувофиқи психологияи патриархату қабилагароӣ гардид.

Мухолифат дар сатхи эмотсионалии як гурӯҳи миллӣ–этникии худ ба дигар ҷамъиятҳо ба интиқоли шуур ба ҳамзистии оқилона, ба категорияи худшиносии маҳдуд тафсиршудаи миллӣ, тамоми асосҳои эмотсионалию эҳсосии психологияи миллӣ мусоидат мекунад.

Он дар бар мегирад:

– худмуайянкунии бошууронаи миллӣ, дарки мансубият ба ҷомеа, ягонагии манфиату мақсад ва зарурати муборизаи якҷоя барои амалӣ гардондани он;

– бедории куллии ҳиссиёти бошууронаи миллӣ (ҳисси мансубият ба сарнавишти ҷомеаи худ, муҳаббат ба Ватани таърихии миллӣ (баъзан новобаста аз зодгоҳ ва ҷои истиқомати воқеии шахс), садоқат ба халқи худ, эҳтиром ба миллати худ; хусусиятҳо ва фарҳанги миллӣ).

Дар ин замина, гарчанде ки вай аз ҷиҳати эҳсосотӣ рангоранг аст, вале аз ҷиҳати рафтор аллакай хеле огоҳ аст, аммо ҳолати равонӣ дар маҷмуъ ба вуҷуд меояд, ки ба кайфияти муайяни шахс мувофиқат мекунад ва масалан, дар саъйи иродаи қавӣ ба мубориза барои истиқлолияти халки худ, озодӣ ва соҳибихтиёрии вай зоҳир мешавад.

Дар таърихи ҳаракатҳои миллӣ – озодихоҳӣ ва инқилобҳои зиддимустамликавӣ, ки онҳо ба амал оварда буданд, мисолҳои

сершумори рафтори сиёсии ин гуна муносибатҳо маълуманд. Ин дар замони пошхурии ИШ низ собит шуд, ки ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ хостани истиқлоли воқеии худро эълон карданд. ХМ – и аҳолии ин ҷумхуриятҳо барои бисёр ходимони сиёсӣ ғайричашмдошт аҳамияти фавқулода муҳиммият пайдо кард. Бисёр субъектҳои миллӣ роҳи мустақилият ва худмуайянкуниро интихоб кардаанд. Аммо амалия нишон медиҳад, ки ин гуна худшиносӣ тамоми бутунии ҷомеаро дарбар намегирад, дар асоси он зиддиятҳои ҷамъиятиеро, ки дар ҳақиқат мавҷуданд, на ҳама вақт ҳал кардан мумкин аст. Дар натиҷа дар як қатор ҷумҳуриҳои собиқ ИШ ихтилофҳо, низоъҳои ҳарбӣ ба амал омад.

Дар бораи рушди ХМ сухан ронда бояд гуфт, ки ин аз раванди оддӣ, вале пурталотум дур нест. Он бо пастиву баландиҳо фарқ мекунад, ки ҳам аз рӯи омилҳои зикршуда ва ҳам аз рӯи формати миллӣ–этникӣ муайян карда мешавад. Маълум аст, ки ҷомеа ҳар қадар хурдтар бошад, дар он мушкилоти ХМ ҳамон қадар тезутундтар вуҷуд дорад ва эҳтимолияти интиқоли шадиди он бештар мешавад. Ва баръакс, ҳар қадаре, ки чунин ҷомеа бузургтар бошад, намояндагонаш ҳамон қадар эътимоди бештар дошта бошанд, ҳамон қадар аз ин мушкилот камтар нигаронанд ва эҳтимоли якбора авҷ гирифтани онҳо камтар мешавад. Намояндагони як миллати бузург, чун қоида, ба тасдиқ ва худшиносии доимии ХМ–и худ эҳтиёҷ надоранд.

Масъалаҳои вобаста ба он қайхо дар асоси дахлдори давлатӣ–сиёсӣ ҳал карда шудаанд. Бинобар ин табиист, ки шуури онҳо бо доираи васеи проблемаҳои боломиллӣ ва байналхалқӣ банд аст.

Ба ғайр аз он, ки раванди рушди ХМ раванди ғайрихаттӣ мебошад, ҳамчунин бо он хос аст, ки вай аз ҷиҳати сиёсӣ нақши дуруст бозӣ карда метавонад. Ин метавонад раванди прогрессивӣ бошад, ки боиси ба дараҷаи сифатан нави рушди ҷамъияти миллӣ–этникӣ гардад. Аммо, аз тарафи дигар, он метавонад ба таъсири баръакс–ба паст шудани сохторҳои арзишӣ–маънои шуур, инкори арзишҳои

умумибашарӣ оварда расонад. Рушди мусбати ХМ дар сурате имконпазир аст, ки агар вай бо роҳи мутлақияти худ набарояд ва ба як навъи хоси бартарият табдил наёбад, агар дигар имконоти рушди шуури намояндагони ҷомеаро маҳкам накунад, онро бо огаҳии ҳувияти миллӣ–этникӣ маҳдуд намекунад.

Аз замоне, ки фалсафаи аврупоӣ ба дарки падидаи фарҳанг дар иртиботаш бо таърихи ҷаҳонӣ шурӯъ кард, мушкилоти ҳувияти миллӣ ба миён омад, зеро ҳар як миллат мероси фарҳангии худро дорад, ки ба решаҳои аслии таърихӣ такя мекунад. Имконияти бо механизми ягонаи хотираи иҷтимоӣ пайвастани хосияти арзишҳои маънавии халқҳои алоҳида барои такрористеҳсоли онҳо файласуфони фарҳангро пайваста нигарон кардааст.

Имрӯз таваҷҷуҳ ба вижагиҳои ҳувияти миллии ҷомеаи тоҷик дар натиҷаи навсозии он дар ҷараёни равандҳои ҷаҳонишавӣ, аз ҷумла дар робита ба зарурати ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кишвари мо нав мешавад. Дуруст аст, ки пешомадҳои дарозмуддати ин равандҳо ҳанӯз комилан равшан нестанд, баҳсу мунозира дар бораи моҳият ва қонуниятҳои онҳо давом дорад, вале омӯхтани хислатҳои хоси онҳо аз ҳама муҳимтар аст. Бо назардошти ҷиҳатҳои фавқулоддаи масъалаҳои ХМ дар робита бо дигаргунсозии маданияти миллӣ, баррасии он дар ин ҷо асосан ба далелҳои таърихи халқи тоҷик асос ёфтааст. Ин гуна маҳдудият худ аз худ максад нест, балки танҳо барои таъкид кардани ҷиҳатҳои мураккаби масъалаи шуури миллӣ умуман, ҳамчунин барои муайян кардани хислатҳои эвристии як қатор мавқеъҳо хизмат мекунад. Дар баробари ин, албатта, муроҷиат ба таҷрибаи таърихи фарҳанги кишварҳои дигар низ истисно нест.

Ба муҳокимаи доираи муайяншудаи масъалаҳо дахл карда, бояд зикр кард, ки таҳқиқи назариявии онҳо, пеш аз ҳама, ба ҷустуҷӯи хусусиятҳои фаъолият ва рушди шуури таърихӣ ҳамчун ҳамин асос

ёфтааст, зеро шакли мушаххаси шуури таърихии ҷомеа лаҳзаи барпокунандаи маданияти он мебошад.

Муҳимтарин ҷузъи шуури таърихӣ имрӯзҳо танҳо ХМ бо ҳама бартариву манфиҳояш ба ҳисоб меравад. Ошкор кардани онҳо яке аз вазифаҳои таъхирнопазири фалсафаи ҷамъиятии муосир мебошад, ки бе ҳалли он эҷодиёти озод ва аз ин рӯ масъулиятнокии фарҳангӣ имруз имконнопазир аст. Шуури таърихӣ ва маданият ба ҳам наздик, вале аз ҷиҳати методологӣ консепсияҳои иҷтимоию фалсафӣ ба таври равшан фарқ мекунанд. Дар наздикшави аввал шуури таърихӣ ба назар мерасад, ки гӯё он як ҷузъи фарҳанг бошад, ки дар як қатор объектҳои дигари тартиботи маънавӣ моҳиятан баробар ҳуқуқанд. Агар аз наздик дида бароем, маълум мешавад, ки шуури таърихӣ на танҳо ҷузъи маданият аст. Он ба ҳама чиз, бидуни истисно, мероси фарҳангии додашударо фаро мегирад, хусусияти умумии онҳоро муайян мекунад. Раванди фарҳангӣ ҷуз дарку фаҳми нақши худ дар гузариши пайвастаи таърих аз гузашта ба оянда чизе нест. Ба ибораи дигар, фарҳанг як шакли худшиносии таърихии ҷомеа аст, ки он ҳудудеро, ки дар он шахс (халқ) фаъолияти эҷодии худро пеш мебарад, нишон медиҳад.

Дар ҳақиқат воқеаҳои ҳаёти халқ, ки дар маданияти вай осори намоёне мегузоранд, танҳо воқеаҳое мебошанд, ки дар маҳсулоти он ҳамчун марҳалаҳои ҳаракати худшиносӣ, ҳамчун маълумотҳои умуман муҳими таҷрибаи таърихии он сабт шудаанд. Ва баръакс, падидаи фарҳанг, агар он хусусиятҳои шуур ва худшиносии ин ҷомеаро дар давраи муайяни рушди худ дар бар гирад, воқеаи таърихии ҳаёти ҷомеа мегардад.

Собиқаю таҷрибаи давлатдории мардумони олам собит менамояд, ки ҳастии ҳар давлату ҷомеа ва рушди озодонаи ҳар як фарди он маҳз ба ҳисси миллии ватандӯстӣ кафолати муҳимтарини бақои миллату давлат вобастагии мустақим дорад.

Ҳарчанд ХМ аз гузаштагонамон ба мо мерос монда бошад ҳам, баъди соҳибистиқлол гардидани ҶТ марҳилаи нави ХМ оғоз гардид. Дар ин давра дар ҶТ вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дигар гардида, арзишҳои моддиву маънавӣ ҳам тағйир ёфтанд.

Чи тавре Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр кардаанд, «Ҷавҳари ХМ аз дӯст доштани Ватан, модар, забон, таърих ва арзишҳои таърихиву фарҳангӣ сарчашма гирифта, ба ташаккули шахсиятҳои дорои ҷаҳонбинии солиму пешрафта боис мегардад» [185].

Худшиносӣ василаи асосии ба маънавият муваффақу муяссар шудани инсону ҷомеа мебошад. ХМ ин решаи миллат аст, агар мактаби миллӣ заиф бошад, миллат иллатнок мегардад. Биноан, бояд баҳри мустаҳкам гардонидани мактаби миллӣ, ки ҷузъҳои асосии он ватанпарастӣ, хештаншиносӣ ва худшиносӣ мебошад, чораҳои зарурӣ андешид.

Дар ҳақиқат, ҳар як инсони бомаърифат бояд ифтихор намояд, ки дар тӯли солҳои Истиқлолияти давлатии ҶТ бо сарварии Пешвои миллат чи қадар дигаргуниҳои куллӣ дар бобати ба эътидол овардани вазъи сиёсию иқтисодии мамлакат, дарёфт намудани роҳи рушди босуботи иқтисодию иҷтимоии кишвар ва дар ин замина афзоиши сатҳи зиндагии мардум ба амал омадааст. Ҳарчанд ки роҳи тайнамудаи Тоҷикистон дар ҷодаи ваҳдату якпорчагӣ ҳамвору яксон набуд, вале мардуми шарафманди мо ба хотири таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ, ҳифзи марзу буми аҷдодӣ, сарҷамъии миллат, густариши фазои сулҳу оромӣ ва тақвияти ХМ саъю талошҳои бесобиқа анҷом доданд.

Бо мақсади таҳкими боз ҳам бештари ин дастовард зарур аст, ки мафҳумҳои истиқлолияту озодӣ ва ваҳдати миллӣ ба ғояи ҳамешагии созанда ва муттаҳидкунандаи ҷомеаи Тоҷикистони демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ табдил дода шаванд, зеро ин мафҳумҳо дар қалбу

шуури шаҳрвандони кишвар ҳисси эҳтиром ба Тоҷикистони азиз ва муқаддасоти Ватанро устувор сохтанд ва ба онҳо эътимод бахшиданд, ки миллати куҳанбунёди тоҷик метавонад танҳо бо ҳамин ғояҳои наҷотбахш корҳои бузурги ободкориву созандагиро ба анҷом расонад ва барои наслҳои оянда як кишвари ободу зеборо ба мерос гузорад.

Марҳалаи начандон тӯлонии таърих собит сохт, ки тоҷикон дар ҳақиқат миллати соҳибмаърифату тамаддунсоз, ватандӯсту ватанпарвар ва сулҳпарвару таҳаммулгаро буда, метавонанд бо ваҳдату сарҷамъии худ ҷомеаи пешрафтаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро бунёд намоянд.

Хулоса, масоили дар боло зикргардида, ҳар як шахсро ҳушдор медиҳад, ки ХМ ва ватанпарастиро шиори доимии хеш қарор дода, баҳри ободию устувории давлати соҳибистиқлоламон саҳми арзандаи хешро гузорад. Нагузорад, ки ягон қувваи носолиму ғаразнок теша ба решаи пойдории ваҳдати миллию рушди иқтисодии давлати мо зананд.

## 1.2. Моҳият ва сохти худшиносии миллӣ

Дар замони соҳибистиқлолии кишвар ташаккули ХМ–и наврасону ҷавонон яке аз масъалаҳои муҳимми сиёсӣ, иҷтимоӣ ва педагогию психологӣ ба ҳисоб меравад. Зарурияти дар дараҷаи баланд барраси намудани масъалаи мазкурро чунин талаботҳои объективона ба миён овардааст: Мустаҳкаму устувор гардонидани соҳибистиқлолии ватани маҳбуб, сулҳу ваҳдати миллӣ, бунёд намудани ҷомеаи навини Тоҷикистони озод, паст будани сатҳи ХМ–и баъзе аз наврасону ҷавонон, ба гурӯҳҳои зараровари ғайридавлатӣ гаравидани баъзе аз онҳо, ваъзияти мураккабшавандаи ҷаҳони муосир ва дигар масъалаҳои ба ин монанд.

Зарурати масъалаи мазкурро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хирадмандона чунин тазаккур додааст: «Худшиносӣ дар таълимоти бузургонамон маънои маҳдуди фардӣ не, балки моҳияти васеъ ва ҳатто кайҳониро дорад: манзур аз ин гуфтаҳо он аст, ки мақому манзалати инсонии худро мо бояд дар пайвастагӣ бо решаҳои таърихии сарнавишти миллату халқи худ бо аҳли башар дарк намоем. Яъне, худшиносӣ дар маҷмуъ моҳияти озодихоҳӣ ва истиқлолиятҷӯиро дорад»[128, с.96].

Воқеан ҳам ташаккули ХМ–и хонандагон масъалаи мураккабу бисёрпаҳлу мебошад. Ҷанбаҳои назариявии он бештар аз ҷониби олимони соҳаи философия Р.Г. Абдулатипов, М.Н. Громова, О.В. Ладыгина, С.Е. Овлякулов, Л.Д. Олейник, А.Г. Саприкин ва дигарон таҳқиқ гардидааст. Асосҳои психологии ташаккули онро олимони соҳаи психология К.А. Абудлханов – Славская, Б.Г. Ананьев, Л.И. Божавич, А.В. Выготский, А.Н. Леонтев, И.С. Кон, В.С. Мерлин, А.Г. Спирикин, В.В. Столин, А.М. Столяренко ва дигарон мавриди пажӯҳиш қарор додаанд.

Роҳу воситаҳои ташаккули ХМ–и хонандагон аз ҷониби олимони соҳаи педагогика Е.А. Березина, Н.А. Бегишева, З.Т. Гасанов, З. Дадабоева, А.А. Кожанов, А.С. Макаренко, А.С. Мирахмедов, М. Лутфуллозода, В.А. Сухомлинский, М.Г. Турсунова, К.Д. Ушинский ва дигарон таҳқиқ карда шудааст.

ХМ ҳамчун категорияи фалсафӣ, педагогию психологӣ сохти мураккабу серпаҳлу буда, ҷузъҳои зиёди этникӣ (авлодӣ) – ро дар бар мегирад, аз ҷумла, худшиносии таърихӣ, ҳувийяити миллӣ, шуури мадании этникӣ, хусусияти миллӣ, тамаддуни миллӣ, маънавиёт, анъанаҳою расму оинҳои миллӣ, муносибатҳои тарафайни байни одамону халқҳо ва ғайра.

ХМ ҷавҳари шуури миллӣ ба ҳисоб рафта. Дар ҳаёти худмуайянкунии маънавӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, баҳодиҳӣ, арзандагии инсон нақши муҳим мебозад.

ХМ низоми нисбатан устувору фаҳмидашаванда ва такроршавандаи воқеаю ҳодисаҳои иҷтимоии аз саргузаронидаи фард ҳамчун намояндаи миллат мебошад.

Муҳаққиқ Н. Булганов худшиносии миллиро нишонаи миллӣ номидааст, ки он таърихи пайдоиши махсус ва хусусиятҳои ба худ хосро дорад. ХМ муайянкунандаи ҳаёти миллӣ аст ва хусусиятҳои он ба миллати худ тааллуқ доштанро шаҳодат медиҳад. Ҳамрангии миллӣ бошад, қисми ХМ будан на танҳо дар намуди фардӣ, балки дар намуди коллективӣ низ маълум мегардад.

ХМ на танҳо аз ҷониби одамон донистану ба миллати худ тааллуқ доштан, балки огоҳонаю бошуурона фаҳмидану донистани ҳақиқати ҳаёти миллат мебошад. Дар раванди ташаккули ХМ эҳсоси маданияту тамаддуни миллӣ, эҳсоси эҳтироми зебоию сермаъноии забони модарӣ, арзишҳои миллии халқи тоҷик, ҳиссиёти баланди ватандӯстӣ, миллатдӯстӣ ва ифтихори ватандорӣ доштан аз ҳама боло меистад. Дар рӯҳияи ХМ тарбия намудани насли наврасу ҷавонон вазифаи муқаддаси оила, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва аҳли ҷомеа мебошад.

Асоси зоҳиршавии худшиносии миллиро падидаи ҳамрангии этникӣ ташкил медиҳад. Яъне лаҳзаи муҳимми ХМ ин ташаккул додани тасаввуротҳои устувори одам дар бораи худ ҳамчун аъзои мушаххаси гурӯҳҳои этникӣ мебошад.

Дар ҳаёти ҳар як қавм манфиат ва майлу хоҳиши миллӣ мақоми хоса дорад. Асоси манфиати миллиро бошад арзишҳои миллии одамони ба гурӯҳи этникӣ тааллуқдошта ташкил медиҳад. Хусусияти манфиати қавмиро майлу хоҳиши миллӣ муайян мекунад. Майлу хоҳиши миллӣ дар рафтор, фаъолият, маданияти миллӣ, дар муносибати байни одамон,

дар санъату адабиёт, тарзи ҳаёт, сару либоси гурӯҳи муайяни этникӣ баён мегардад.

Амалу рафтори одамон дар зери таъсири худбаҳодиҳии миллӣ тараққӣ ва инкишоф меёбад, яъне шахс ба арзишҳои миллати худ назар карда онро ба фарҳанги дигар халқу миллатҳо муқоиса намуда баҳогузори менамояд.

ХМ дар маънои томаш падидаи махсуси иҷтимоӣ–маданӣ иҷтимоию психологӣ ва натиҷаи мураккаби худшиносию худбаҳодиҳии ҳар як шахс мебошад.

ХМ падидаи мураккаби психологӣ буда, ҷудо аз таъсири мутақобили дигар омилҳои асосӣ инкишоф ёфта наметавонад. Яке аз ин гуна омилҳо, омили этникӣ мебошад, ки ба таври мушаххас ба кадом гурӯҳи этникӣ дохил будани хонандаро бо зуҳуроташ дар бар мегирад.

ХМ–и хонандагон на танҳо дарк кардану донистани воқеаю ҳодисаҳои таърихӣ ё меъёрҳои ахлоқие, ки ба мазмуни масъалаи таҳқиқшаванда дохил бударо дар бар мегирад, балки донистани баҳодиҳии эмотсионалиро низ нисбат ба миллати тоҷик таалуқ доштанро дар бар мегирад.

Оид ба мафҳуми ХМ дар соҳаи илмҳои педагогию психологӣ назарияҳои гуногун вуҷуд доранд. Консепсияҳои гуногунро оид ба мафҳуми «ХМ» омӯхтаю таҳлил намуда, чунин хулоса баровардем: ХМ ин маҷмуи ақидаю эътиқод, ормонҳою арзишҳо ва нигаҳдорандаи тамаддуни миллии ҳар як миллат мебошад.

Хулосаи баровардашуда ҳамчун инъикоскунандаи хусусиятҳои миллӣ (ба кадом иттиҳодияҳои этникӣ дохил будан, мавқеъ ва тараққиёти миллат дар байни дигар иттиҳодияҳо, муносибатҳои тарафайн, фикру андешаҳо, умумияти этникӣ, майлу хоҳиш, шаъну шараф, таърихи пайдоиши миллат, ташаккули миллат, шароитҳои иҷтимою сиёсии миллат, тараққиёти ояндаи давлату миллат ва дигарҳо) дар таҳқиқот корҳои озмоиширо ташкил доданд.

ХМ сохти муайян дорад, ки он аз якчанд компонентҳо иборат аст.

1.Қисмати маърифатӣ – донишҳои объективӣ ва фаҳмишу тасаввуроти субъективӣ дар бораи иттиҳодияҳо ё гурӯҳҳои этникии халқи худ ва бегонагонро дар бар мегирад.

2.Қисмати эмотсионалӣ – баҳодиҳӣ- баҳо додан ба сифати худ ва муносибат ба аъзоён ё зарурат ва аҳамияти ин узвият барои ҳар як инсон.

3.Қисмати рафторӣ – на танҳо фаҳмидану донистани мутобиқати этникии ҳақиқӣ, балки худро ҳамчун аъзои этноси муайян донистан, ба ҳайати иҷтимоии он дохил буданро муайян мекунад [103, с.216].

Ба андешаи мо, таснифот барои ташаккули ХМ–и ҳамаи миллатҳо, аз ҷумла миллати тоҷик умумӣ мебошад ва онҳо дар раванди таҳқиқот дар амал татбиқ гардиданд.

Тавснифоти хеле муҳимми ХМ ин дараҷаи дар хонандагон ташаккулёфтаи он мебошад. Дараҷаи ташаккулёфтаи ХМ–и хонандагонро чунин муайян намудем:

1. Дараҷаи баланд (ба қадри зарурӣ дар бораи таъриху тамаддуни миллати худ маълумоти мукаммал ва ҳиссиёти баланди миллатдӯстӣ, нангу номус, шаъну шараф, ифтихори миллӣ доштан).

2. Дараҷаи миёна (дар сатҳи муайян дар бораи таъриху тамаддуни миллати худ маълумот доштан).

3. Дараҷаи паст (ба тарзи эмотсионалӣ фарқ карда тавонистани ягонагӣ ва бо ҳам алоқамандии иттиҳодияи худ аз дигар намояндагони этникӣ).

Ҳангоми ба анҷом расидани таҳқиқот аз рӯйи ин меъёрҳо ба дараҷаи ташаккули ХМ–и хатмкунандагони синфҳои озмоишию муқаррарӣ баҳо дода шуда, хулосаҳои ҷамъбастӣ бароварда шуд.

Ба андешаи мо, таърихи пайдоиши ХМ низ яке аз компоненти хело муҳими сохти ХМ мебошад. Аз ин лиҳоз донистани таърихи пайдоиши миллату давлати худ ва давра ба давра рушду инкишоф

додани ҷаҳони маънавӣ дар ҳаёти хонандагон яке аз масъалаҳои марказии ХМ мебошад.

Таърихи пайдоиш ва тараққиёти ХМ–и тоҷикон давраи дуру дароз ва мухталифи таърихиро аз сар гузаронидааст. ХМ–и халқи тоҷик дар давраи аввали дараҷаи эмпирикии этнопсихологияи асосҳои илмӣ надошта пайдо шудааст. Ин дар алоқамандӣ ба ташаккули психикаи қавмҳои қадимаи тоҷикон дар шакли «мо ва онҳо» пайдо шудааст ва ба андешаи мо, ба замони «авестоӣ» рост меояд.

Дар замони авестоӣ қавмҳои тоҷикону форсҳо дорои низоми таълиму тарбия, истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ва санъату анъанаҳо буданд ва сарзамини худро аз қабилаҳои кӯчманчиёну ғоратгарон ҳимоя мекарданд. Мафҳуми «мо» халқи муқимӣ, эронинажод ва «онҳо» кӯчманчиҳою бегонаҳоро ифода мекунад.

Дар замони давлатдории Сосониён нишонаҳои ХМ–и тоҷикон хеле боло меравад: забони давлатӣ будани забони дарӣ–тоҷикӣ, ягонагии ҳудуд, ба доираи расмӣ даромадани анъана ва расму оинҳо, либоспӯшӣ, оиладорӣ, намози панҷвақта, ҷавонмардӣ, меҳмоннавозӣ, ифтихори миллӣ–озодихоҳӣ, озодии Ватану кишвар, ҷашнҳои пуршукӯҳи Наврӯз, Меҳргон, Сада, машқҳои варзишӣ ва ғайраҳо.

Аломатҳои ХМ–и тоҷикони шарқӣ дар асрҳои III–VIII дар давраи давлати Ҳайтолиён ривоҷ ёфта, дар сохтори ҷомеа ва давлатдории тоҷикон тағйироти куллӣ ба вуҷуд меояд. Дар сохтори давлатӣ вазоратҳо, девонҳо нақши хоса мебозид, шоҳ ба воситаи онҳо давлатро идора мекард.

Дар замони давлатдории Ҳайтолиён намунаҳои ҳунармандию савдо, аз ҷумла мисгарию оҳангарӣ, бофандагӣ, чармгарӣ, гилембофӣ, савдои дохилӣ ва берунӣ, либосу пойафзол, намудҳои гуногуни аслиҳаҳои ҷангӣ, мактабу маориф, забону адабиёт, санъати шаҳрсозӣ хеле хуб тараққӣ карда буд. Бо ин нишонаҳою хусусиятҳои миллӣ тоҷикон аз дигар халқҳо фарқ мекарданд.

Зинаи баландтарини рушди асримиёнагии ХМ–и тоҷикон дар давраи салтанати Сомониён боло рафта буд. Дар асрҳои минбаъд ба тараққиёту ташаккули ҳаёти маданӣ, сиёсӣ ва ХМ–и халқи тоҷик, арабҳо, туркҳо, муғулҳои ғоратгар зарари хеле ҷиддӣ расониданд.

Зинаи аз ҳама баландтарини рушди инкишофи ХМ–и халқи тоҷик ба замони Шӯравӣ ва соҳибистиқлолии ҶТ рост меояд.

Ҳисси арзандагии миллӣ ин андозаи баҳодиҳӣ ба ҷиҳатҳои ботинии инсон, ба хусусиятҳои психологию этникии миллати тоҷик дар умумият ба дигар халқҳо ва фарқ аз онҳо мебошад. Масъалаи мазкур яке аз қисматҳои муҳимми тарбияи ХМ–и хонандагон мебошад.

ХМ қисми марказии худшиносии умумӣ мебошад. Аз ин рӯ ба таври объективӣ зарур шуморидем, ки ба мафҳуми худшиносиро равшани андозем.

Ба масъалаи худшиносӣ ва ташаккули он олимон зиёди, аз ҷумла А.Н. Леонтев, Б.Г. Ананев, Л.И. Божович, П.Р. Чамата, Л.П. Чагай, А.В. Петровский, И.С. Кон, А.Г. Спиркин, В.С. Мерлин, Л.М. Столяренко, В.В. Столин ва дигарон таҳқиқоти намудаанд.

Муҳаққиқони номбаргардида дар таҳқиқоти худ бештар ба ҷиҳатҳои умуминазариявӣ ва методии мафҳуми худшиносӣ дар доираи тараққиёти шахсият ва ба баҳодиҳии коллективӣ диққати махсус додаанд.

Дар асоси омӯхтани сарчашмаҳои лозима, кӯшиш намудем, ки дар пажӯҳиши мазкур дар бораи худшиносӣ, моҳияту сохтор ва ташаккули он ба таври мухтасар маълумот диҳем. Зеро аниқ намудани самтҳои асосии мафҳуми худшиносӣ барои дуруст ба нақша гирифтани амсилаи таҳқиқоти ХМ–и хонандагон ёрӣ мерасонад.

Худшиносӣ дар фалсафа ҳамчун донистани худ, рефлексияи (дудилагӣ, беихтиёрӣ) худро фаҳмидан баҳо дода мешавад. Худшиносӣ дар як вақт ҳамчун фаъолияти беихтиёронаи худро фаҳмидан ва ҳам натиҷаи онро донистан аст.

Мувофиқи назарияи муҳаққиқон В.А. Петровский ва И.С. Кон мазмуни худшиносӣ дар образи «Ман» инъикоси худро ёфтааст. Образи «Ман» ин низоми тасаввуроти такрорнашавандаи нисбатан устувору то андозае даркгардида ва аз сар гузаронандаи фард мебошад, ки ӯ дар асоси он ҳамкориро ба дигарон барқарор менамояд. Муносибати одам нисбат ба худ ба образи «Ман» дохил аст [64, с.56].

Худшиносӣ дар бораи худ маълумот гирифтан аст.

Образи «Ман» дастури иҷтимоии муносибати одам нисбат ба худ буда, се қисмати бо ҳам алоқамандро дар бар мегирад:

1. Дарккунӣ–донистани худ;

2. Тасаввурот дар бораи хусусияту сифатҳои худ;

3. Эмотсионалӣ–баҳо додан ба ин сифатҳо ва дар алоқамандӣ бо онҳо худдӯстдорӣ, худҳурматкунӣ ва дигар эҳсосотҳои рафтор [62, с.190].

Худшиносӣ дорои хусусияти худ мебошад, ки онро муҳаққиқ А.Г. Спиркин чунин таъриф додааст: «Хусусияти худшиносӣ аз он иборат аст, ки вай аз ҷониби одам донистану дарк кардани амал, эҳсос, тафаккур, мақсади рафтор, майлу ҳавас ва ба мавқеи ишғол кардаи худ дар ҷамъият нигаронида шудааст». Ин таъриф ба мазмуни ХМ низ тааллуқ дорад [145, с.141].

Худшиносӣ ҳамчун ҷараёни мураккаб тарафҳои худшиносии инсонро тавсиф мекунад, ки ӯ дар ду нақш, дарккунанда ва даркшаванда баромад мекунад. Тарафи асосии худшиносӣ ва нишондиҳандаи дараҷаи баланди ташаккули он худбаҳодиҳӣ мебошад.

Яке аз лаҳзаҳои асосии худшиносӣ ин худшиносию худбаҳодиҳии мустақилона мебошад. «Инкишофи мустақилона чизи дигаре набуда, гузаштан аз идоракунии беруна ба худидоракунии ботинӣ аст. Вале ҳама гуна худидоракунӣ аз объект ахбор гирифтанро талаб мекунад. Дар худидоракунӣ ин маънои аз ҳама ҷиҳат дар бораи худ маълумот доштан, худшиносӣ аст» [107, с.123].

Худшиносӣ ба қобилияти худдарккунӣ, худдонӣ алоқамандии зич дорад. «Қобилият ба худшиносӣ ва худдарккунӣ муваффақияти беҳамтои одам буда, дар худшиносии худ худро ҳамчун субъекти шуур, муошират, амалан рӯ овардан ба худмуносибаткунӣ аст. Худшиносӣ танҳо дар чунин шакл вуҷуддошта метавонад, ки агар хусусияти он, аз ҷониби шахс ба дарк кардани эҳсос, фикру андеша, мақсаду сабабияти рафтор, ҳавас, муайян кардани мавқеи худ дар ҷамъият нигаронида шавад» [181, с.24].

Худшиносӣ хусусияти аз ҳама беҳтарин барои ҳар як фард буда, мавҷудияти он шарти асосии тараққиёти ҳаматарафагии шахсияти хонандагон ба ҳисоб меравад.

Мафҳуми худшиносӣ сохти муайяни худро дорад, ки он қисматҳои зеринро дар бар мегирад: а) давраҳо ё зинаҳои ташаккули худшиносӣ; б) дараҷаҳои инкишофи худшиносӣ; в) лаҳзаҳо ё қисматҳои мушаххас; г) вазифаҳо ва падидаҳо.

Мувофиқи нишондоди А.Н. Леонтев сохти се гурӯҳи падидаи худшиносӣ вуҷуд дорад:

– падидаҳои дорои шабоҳати объективӣ ва тафриқа:

– падидаҳои худдарккунӣ ва батартибдарории «Ман»:

– падидаҳое, ки дар онҳо вазифаҳои худшиносӣ дар фаъолият, муошират ва тараққиёти фазо зоҳир мегарданд [76, с.304].

Масъалаи марказии мафҳуми худшиносӣ ин муайян ва асоснок намудани моҳияти шахсияти «Ман» ва ташаккул додани он аст.

Худшиносӣ дар ҳаёти инсон, умуман, дар ҳаёти хонандагону ҷавонон нақши муҳим мебозад:

– худшиносӣ барои ба даст овардани розигии ботинии хонанда, шабоҳату якрангии ӯ дар гузашта, ҳозира ва оянда кумак мерасонад;

– характер ва хусусияти таҷрибаҳои азхудкардаи хонандагонро бой мегардонад ва шарҳу эъзоҳ медиҳад;

– барои хонанда ҳамчун манбаи нисбатан худинтизорӣ ва ташаккул додани рафтору фаъолияти худ хизмат мекунад;

– барои хонанда камбудию муваффақиятҳои дар фаъолияту рафтораш ҷойдоштаро маълум мегардонад ва роҳҳои барҳам додани камбудиҳоро муайян намуда, тавсия медиҳад;

– ба хонандагон ба таври воқеӣ ба худ баҳо доданро меомӯзад;

– ба хонандагон роҳу воситаҳои дар худ тарбия ва ташаккул додани сифатҳои баланди шаҳрвандиро нишон медиҳад.

Аз ин лиҳоз, дар илми педагогика ва психология ба ташаккул додани худшиносии хонандагону ҷавонон, ки ояндаи ҷамъият ба ҳисоб мераванд, диққати махсус дода мешавад.

Хонанда дар асоси табиати худ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ дохил гардида, бо хонандагону ҳамсолон ҳамкорию муоширaт карда, дар муҳити атроф худро ҳамчун субъекти ҳолати ҷисмонӣ, психологию маънавӣ ҳис мекунад. Ба таври субъективӣ эҳсос кардани мавҷудияти худи «Ман», пеш аз ҳама, дар он инъикос мегардад, ки хонанда ҳақиқати худро дар ҳозира, гузашта ва оянда мебинад.

Масалан «Ман» имрӯз дар ҳама гуна вазъиятҳои наву ногаҳонӣ, дар ҳама гуна азнавкунии ҳаёт, ҳамон хонандае ҳастам, ки дирӯз чӣ гуна будам ва дохил гардидан ба рӯзи дигар, чӣ гуна мешавам–ро дарк мекунад. Эҳсос кардани вуҷудияти худи «Ман» натиҷаи ҷараёни дуру дарози ташаккулёбии шахсияти хонанда буда, аз синни хурдсолӣ сар шуда, дар солҳои таҳсили мактабӣ пурра ва устувор мегардад.

Яке аз лаҳзаҳои дигари худшиносӣ ин худшиносии маънавӣ мебошад. Худшиносии маънавӣ дорои як қатор омилҳо мебошад.

Омилҳои худшиносии маънавии хонандагон инҳоянд: мавқеи субъективии фаъолияти шахсии хонандагон, бо худ гирифтани арзишҳои маънавӣ, фикру андешаҳои маънавии онҳо, ҷустуҷӯйи таҷрибаи нави маънавӣ, худтаҳлилкунии камбудиҳо, санҷидани имкониятҳои худ, ҳис

кардани масъулиятноки нисбат ба худ, ба дигарон хизмат кардан ва ғайра.

Дар муайян намудани дараҷаи инкишофи худшиносии маънавии хонандагон мавқеи характери дохилии онҳо мақоми хоса дорад: тараққӣ ёфтани худи хонанда ҳамчун субъекти худшиносӣ, муошират, фаъолияти таълимӣ ва ҷамъиятӣ, пуррагӣ ва таъсирбахшандагии худшиносии маънавӣ.

Фаҳмидани сифатҳои психологию маънавии худшиносию худбаҳодиҳӣ дар синну соли наврасӣ ва калони мактабӣ аҳамияти калон дорад, вале вобаста ба он ки ҳамаи қисматҳои худшиносӣ бо ҳам алоқаманд ҳастанд, бой гардидани яке аз онҳо ҳатман намудҳои ин системаро тағйир медиҳад.

В.С. Мерлин [88], В.В. Столин [148], ва дигарон чунин қисматбандӣ, давраҳои ташаккулёбӣ, аҳамият ва баъзе дигар ҷиҳатҳои худшиносиро нишон додананд, ки мо дар таҳқиқотамон ба дараҷаи даркорӣ ба онҳо такя намудаем.

В.С. Мерлин чаҳор давраи ташаккули худшиносиро муайян кардааст.

– фарқи худро аз олами дигар фаҳмидани фард;
– фаҳмидани «Ман» ҳамчун ибтидои фаъолияти субъекти коллектив;
– донистани хусусиятҳои рӯҳӣ (психологӣ)-и худ;
– худбаҳодиҳӣ ва худҳурматкунии иҷтимоӣ–маънавӣ[88, с.64].

Ин давраҳо ба хусусиятҳои хоси худ дар ҳаёти хонандагон пурра амал мекунанд.

Синну соли миёнаю калони мактабӣ давраи худро ҷустуҷӯ кардан, ва шахсияти худро фаҳмидан мебошад. Дар ин зина давраи ташаккулёбии худбаҳодиҳии иҷтимоӣ-маънавӣ анҷом меёбад. Ин давра барои тарбия ва ташаккули худшиносию худбаҳодиҳии хонандагон хеле мувофиқ аст.

Омӯхтани масъалаҳои мазкур нишон дод, ки ба ташаккули ХМ–и хонандагон дар ин давра омилҳои зерин таъсир мерасонанд:

– баҳои коллективона додаи хонандагони синф ва ҳамсолон ба хонанда;

– таносуби «Мани ҳақиқӣ» ва «Мани идеалӣ»;

– баҳо дуруст додан ба натиҷаи фаъолияти таълимии коллективи хонандагон ва ба хонандагони алоҳида;

Маънои умумии ХМ–и хонандагонро қисматҳои марказии худшиносӣ, принсипҳо, вазифаҳо, мазмун ва давраҳои ташаккули ХМ мукаммал мегардонад.

Хусусияти фарқунандаи инсон аз дигар мавҷудоти зинда моҳият ва сохти худшиносӣ мебошад. Масъулиятнокӣ хусусияти инсон аст, зеро ҳар як фард фаъолияти ҳаётиашро ба ирода ва шуур тобеъ мекунад.

Хонанда худро аз муҳите, ки онро иҳота кардааст, метавонад ҷудо созад ё ин ки худро субъекти ҳолатҳои ҷисмонӣ, психологӣ, гигиенӣ ва маънавӣ ҳис кунад. Вай омили вақтро ба гузаштаю ҳозира таври субъективӣ аз сар мегузаронад, мумкин астояндаро ба худ тасаввур кунад.

Дар давраи наврасӣ ва ҷавонӣ низоми иҷтимоию маънавии худбаҳодиҳӣ тараққи ёфта дар натиҷа образии «Ман» барқарор мегардад. Вале таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар синну соли номбаргардида раванди ташаккулёбии худшиносӣ ҳанӯз анҷом наёфтааст. Ҳатто миқдори зиёди ҷавонон худро баҳо дода наметавонанд.

Мушоҳидаҳо маълум намуд, ки дар синну соли наврасию ҷавонӣ кӯшишу ғайрат ба худтарбиякунӣ, донистани мавқеи худ дар ҷамъият зиёд мешавад. Барқароршавии худшиносӣ маҳз бо ин қонуният зич алоқаманд мебошад. Дар хонандагони синфҳои болоӣ образи шахсии «Ман» гарчанде пурра ҳам набошад, ташаккул меёбад («Ман»-образ), («Ман»-консепсия), («Ман»- мустақил).

Образи «Ман» ба сохти шахсият дохил мегардад. Образи «Ман» – ин тартиби такрорнашавандаи тасаввуроти нисбатан устувори дар натиҷаи каму зиёд фаҳмидашуда мебошад. Дар образи «Ман» хонанда муносибаташро ба худаш барқарор менамояд. Мумкин аст хонанда муносибаташро нисбат ба худ тарзе ба роҳ монад, ки ба ҳамсинфон ва наздиконаш ҳамон тавр муносибат мекунад, худро дӯст медорад ё ба худаш нафрат дорад, ҳастии худро мефаҳмад ё намефаҳмад. Хонанда худро тавассути амал ва рафтораш дар нақши дигарон тасаввур мекунад.

Образи «Ман» – дар худ чунин қисматҳоро дар бар мегирад: қисмати якум когнитивӣ. Когнитив аз калимаи лотинии «когнитио» гирифта шуда, маъняш дарк кардан аст. Образ ҳамчун сохтор он чизест, ки одам барои дарк кардани он тайёр аст.

Қисмати дуюми образи «Ман» қисмати эмотсионалӣ-баҳодиҳӣ буда, худҳурматкунӣ, худхизматкунӣ, худдӯстдорӣ, худмаҳкумкунӣ, худҳискунӣ, худбаҳодиҳӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Қисмати сеюми образи «Ман» рафтор буда, кӯшиши худфаҳмӣ, обрупайдокунӣ аз ҷониби коллективи хонандагон ва ёру дӯстон, иззату ҳурмат, кӯшиши баланд бардоштани симои худ ё худхоҳишӣ, назарногир будан, аз баҳодиҳӣ дар канор истодан, камбудиҳои худро пинҳон доштан, дорои сифатҳои баланди маънавию эстетикӣ будани хонандаро дар бар мегирад [88, с.216].

Ҳамин тавр, худшиносӣ, пеш аз ҳама, донистани маҷмуи қисматҳои образи «Ман», когнитивӣ, эмотсионалӣ–баҳодиҳӣ ва рафторро, ки чӣ гуна будани хонандагонро муайян мекунад, дар бар мегирад.

Образи «Ман» дар психология ҳамчун «Мани ҳақиқӣ» ишора мегардад ва «Мани – доимӣ»-и субъект низ номида шудааст. Масалан, хонанда изҳор мекунад ё чунин мешуморад, ки худамро дӯст медорам. Ин ҳолат, махсусан, ба давраи наврасӣ, ки душвор гузариш мебошад, хос аст. Аз ин рӯ, тасаввуроти ӯ ба тарзи дигар тағйир меёбад.

Образи «Ман» дар айни замон «Ман идеалам» субъекти хонанда аст, ки ба фикраш чӣ гуна бояд бошад, то ин ки ба меъёрҳои иҷтимоӣ ва ташаккули «Мани идеалӣ» – и ҷомеаи демократию шаҳрвандӣ мувофиқ бошад.

«Мани идеалӣ» дар хонандагони ҷомеаи демократию шаҳрвандӣ дар зери таъсири образҳои қаҳрамононаи «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, қаҳрамонҳои халқӣ, қаҳрамонҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, Қаҳрамонҳои Тоҷикистон, тағйироти иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мубориза҇ҳои авлодони гузашта баҳри озодию истиқлолият ва ғайра ташаккул меёбад.

«Мани идеалӣ» ҳамчун нишондиҳандаи худтаърифкунии хонандагон баромад мекунад. Муаллим характер ва таъсири ин принсипро муайян намуда, имконият пайдо мекунад, ки ба ташаккули ХМ – и хонандагон таъсир расонад.

Намунаи дигари пайдоиши образи «Ман» дар хонандагон «Мани хаёлӣ» мебошад, яъне хонандагон хоҳиши чӣ гуна субъект шудан доранд, агар ин хоҳиш барояш имконпазир бошад, онҳо худашро чӣ гуна тасаввур мекунанд [88, с.217].

Аҳамияти ин гуна образи «Ман» хеле зиёд аст, махсусан, дар синну соли наврасӣ ва калони мактабӣ. Барои он аҳамиятнок аст, ки хонандагони синфҳои болоӣ барои оянда чӣ кор карданашон: давом додани таҳсил дар мактабҳои миёна, олии касбӣ ё ба истеҳсолот рафтан нақша мекашанд, ки сохтани он бе тасаввурот имконнопазир аст ва он характери орзу карданро мегирад.

Ҳангоми баҳодиҳӣ дар образи «Ман» муаллим бояд донад, ки мабодо аз тарафи хонандагон ба таври объективӣ фаҳмидану донистани мавқеъ ва ҷойи худ муносибати худро бо ҳамсинфону рафиқон ба образи «Мани хаёлӣ» иваз накарда бошад. Аз будаш зиёд баҳо додану бартарӣ доштани хонанда ба рафтори ӯ таъсир расонида, метавонад сатҳи худшиносии онҳоро коста гардонад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки ҳаваси хонанда ба мафҳуми «Ман» дар ҳар як давраи синнусолӣ, мазмуни нав касб намуда бойю ғани гардидан мегирад. «Ман худам»–мегӯяд ҳар як хонанда, махсусан, наврасон. «Ман кӣ ҳастам?», «Ман чӣ гунаам?», «Ман чӣ кор карда метавонам?», «Ман дар назди ҳамсифонам чӣ гунаам?», «Ман ба кадом баҳои коллективи синф сазоворам?» ва ғайра. Дар назди худ гузоштани чунин саволҳо аллакай шакли дигари муносибати баҳодиҳӣ нисбат ба худ мебошад, ки ба ҳисоб гирифтани ин хусусиятҳо дар раванди ташаккулдиҳии ХМ–и хонандагон хеле муҳим аст.

Тараққиёти худшиносии наврасону ҷавонон ба масъалаи барои онҳо асосӣ «Ман метавонам» алоқаманд мебошад. Хонандагони синну соли номбаргардида худро ба калонсолону ҳамсолон муқоиса мекунанд ва кӯшиш менамоянд, ки худро ва онҳоро дуруст фаҳманд.

Хонанда ҳақиқати хусусият ва сифатҳои шахсии худро донистa, чизеро дар атроф тағийр додан мехоҳад. Дар ҳаёти хонанда фаҳмидану донистани худтарбиякунӣ пайдо мешавад. Хонанда кӯшиш мекунад, ки рафторашро дар асоси талаботи калонсолон, муаллимон, коллективи синф ва ҳамсолон ба дараҷаи баланди худбатартибдароваранда ба роҳ монад.

Аксарияти лаҳзаҳои ХМ ба таркиби худшиносии маънавӣ дохил мебошад. Барои хонандагон худшиносии маънавӣ аз ҳама муҳим ва аҳамиятнок аст. Дар раванди таҳлили асосҳои падидаи худшиносӣ ва барқароргардонии он дар энтогенез (авлод) маълум гардид, ки худшиносии шахсӣ дар як вақт ҳам ҷараёни натиҷаи тараққиёти худи шахс ва ҳам омили пурқуввати худназораткунӣ, худмазаматкунӣ, худтакмилдиҳӣ, худтарбиякунӣ мебошад. Худшиносии маънавӣ зери таъсири омилҳои дохилию беруна тараққӣ мекунад.

Хонандагон ташаккули худшиноси миллиро дар энтогенез аз ҷиҳати педагогию психологӣ ба давраҳои синну солӣ алоқаманд бударо аз сар мегузаронад. То синнусоли наврасӣ тараққиёти маънавии

кӯдакону хонандагон ба таври ғайримуташаккилона мегузарад. Дар баробари нигоҳ доштани роҳҳои ғайримуташаккилона боз роҳҳои дигари тараққиёт низ вуҷуд дорад, ки он фаъолиятнокии худи хонандагонро дар назар дорад.

Дар асоси ба ҳисоб гирифтани тасаввуротҳо ва барқароргардии худшиносӣ И.С. Кон [62], В.В. Столин [148] ва дигарон худшиносии маънавиро ҳамчун зинаи баланди шуури маънавии хонандагон ҳисобида, чунин мешуморанд, ки якҷояшавии раванди фаҳмидану дарк намудан дар батартибдарории амал худ, аз рӯи фикр, эҳсосот, маънавиёт дар асоси ба талабот ҷавобгу будани арзишҳои иҷтимоӣ баҳо дода мешавад.

Дар давраҳои гуногуни синнусолӣ мо хусусиятҳои ташаккули худшиносии фардии хонандагонро ба ҳисоб гирифта, чунин мешуморем, ки дар ҳар як қисматҳои худшиносӣ ҷузъҳои асосии басистемадароварировро муайян кардан имконпазир аст. Масалан, дар қисмати когнитивӣ ва худшиносии маънавӣ чунин ҷузъиётҳо асос мебошад: эътиқодҳои маънавӣ, меъёрҳои маънавӣ, талаботҳои маънавӣ, тахминҳои ҳаётӣ, дастури маънавӣ.

Худшиносӣ доимо дар ҳолати инкишоф аст. Ба ин масъала А.Н. Леонтев диққати махсус додааст, хусусан, вақте ки «дар бораи худ донистан ва фаҳмидани худ» – ро қайд карда буд, чунин ибрози ақида намуд. «Дар бораи худ донистан» аз синни хурдсолӣ пайдо мешавад ва дар натиҷа дар онҳо шакли ҳиссиёти дарк кардан ё фаҳмидан, ки ҳатто дар ҳайвонҳои олидараҷа низ мавҷуд аст, маълум мегардад. Худшиносӣ бошад, донистану фаҳмидани моҳияти мафҳуми «Ман» аст [76, с.304].

Барқароргардии худшиносии фардии хонандагонро омилҳои ҷамъиятӣ – маданӣ, ҳамкорӣ, боҳамтаъсиррасонӣ, худфаъолиятӣ, худомӯзӣ, худтарбиякунӣ таъмин менамояд. Аломат ё нишонаи асосии ташаккули худшиносӣ, худбаҳодиҳӣ аст. Худбаҳодиҳӣ яке аз

компонентҳои асоситарини худшиносӣ ва ба анҷомрасии образи «Ман» мебошад.

Дар адабиёти педагогию психологӣ худшиносии шахсӣ бо тарзҳои гуногун таъриф дода шудааст. Масалан, худшиносӣ аз ҷониби одам баҳо додан ба сифатҳою имкониятҳои фаъолияти рафтор худ мебошад. Ё ки худбаҳодиҳӣ ин баҳо додан, ба мавқеи ишғолкардаи худ байни дигарон мебошад [88, с.218].

Ба ин таъриф такя намуда, чунин мешуморем, хонанда бояд ба сатҳи ташаккули ХМ – и худ аз ин нуқтаи назар баҳои ҳақоннӣ диҳад.

Дар илми педагогикаю психология категорияҳои худбаҳодиҳӣ яке аз тарафҳои муҳимму асоситарин, ба ҳисоб рафта, минбаъд ҳам омӯхташаванда ба ҳисоб меравад. Бо ёрии худбаҳодиҳӣ хонандагон камбудиҳои фаъолияти таълимӣ, рафтору одоб ва дараҷаи ташаккули худшиносии миллиашонро муайян менамоянд ва минбаъд дар мувофиқа ба ҷамъият онро ба тартиб медароранд.

Шахс (хонанда) худбаҳодиҳиро чӣ гуна дар амал татбиқ менамояд?

Илм кайҳо боз исбот намудааст, ки одам ҳамон вақт шахсият мешавад, ки агар ба низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ дохил шуда бошад, яъне ба дигарон муносибату муошират карда тавонад, дар истеҳсолот кор кунад, мавқеи худро дар ҷамъият ёбад, аз ҷиҳати фикрӣ, рӯҳӣ, зебопарастӣ тараққӣ карда, дорои сифатҳои баланди шахсӣ гардида бошад.

Ин қонуният ба тараққиёту ташаккулёбии шахсияти хонандагон, аз ҷумла, ба ташаккулёбии ХМ–и онҳо пурра тааллуқ дорад. Хонанда ба намудҳои асосии фаъолият ва муносибатҳои ҷамъиятӣ дохил гардида, он ҷиҳатҳоеро интихоб карда мегиранд, ки барои ташаккулдиҳии шахсияташон онҳоро зарур мешуморанд.

Хонанда ҳама вақт корҳои иҷро кардаи ҳамсинфон, ҳамсолон ва дигаронро ба корҳои иҷро кардаи худ муқоиса мекунад ва ба он баҳое,

ки аз атрофиён интизорӣ мекашанд, ба фикру андеша ва ҳиссиёту талаботи онҳо розӣ шуда, барои худ хулоса мебароранд, ки аз уҳдаи иҷро кардани вазифаҳои пешомада баромада метавонад ё не.

Хонанда дар ҳадди охир агар қонеъ гардидани талаботи табии худро ба як тараф гузошта, ҳамаи он чизҳоеро, ки барои худаш иҷро мекунад, мумкин аст дар айни замон онҳоро барои дигарон аз бунёдаш зиёдтар иҷро кунад.

Хулоса, хонандагон сифатҳои ҳамидаи ҳамсинфон ва дигар хонандагонро мушоҳида намуда, он маълумотҳоеро мегиранд, ки ба ташаккулёбии ҳиссиёти ватандӯстӣ, миллатдӯстӣ, инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ ва ғайра ба онҳо ёрӣ расонида метавонанд, Ин маълумот барои ташаккули сифатҳои шахсии хонанда, аз ҷумла ХМ ёрӣ мерасонад.

Баҳои аллакай муайян натиҷаи ба таври доимӣ муқоиса кардани он амалест, ки хонанда онро дар худ мушоҳида мекунад, ба дигарон нигариста худро муқоиса мекунад, ба назар мегирад, ки хонандагони дигар низ нисбат ба сифатҳои ӯ худро бетараф нагирифтаанд. Ҳамаи инҳо ба худбаҳодиҳии хонанда боис гардида, худҳискунии психикии ӯро муайян мекунад.

Ба тарзи дигар гуем, хонанда ҳама вақт гурӯҳӣ–референтӣ (реалӣ ё идеалӣ)–ро интихоб намуда, амалҳои фоиданокро аз худ менамояд, идеалу арзандагиҳои худро мувофиқи майл ва рағбаташ амалӣ мекунад. Ин хусусиятҳо дар ташаккули ХМ–и хонандагон нақши муҳим мебозад.

Шахсиятро мушоҳида карда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки гӯё дар сиришти ҳар як шахс монометри дохилӣ (асбоби ченкунӣ) мавҷуд аст ва инсон метавонад ба воситаи он муайян намояд, ки ба худаш чӣ гуна баҳо диҳад, худҳискуниаш чӣ гуна аст, вай аз худаш розӣ ҳаст ё не [88, с.219].

Ин қонуният ё амал дар ҳаёти хонандагон ба пуррагӣ татбиқ мегардад. Аҳамияти ин гуна баҳодиҳии маҷмуи оид ба масъалаи аз

сифатҳои шахсии худ қаноатманд гардидани хонанда хеле самарабахш мебошад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки худбаҳодиҳии на танҳо хонандагон, балки калонсолон низ мухталиф аст. Худбаҳодиҳии аз ҳама баланд ё аз ҳад паст мумкин аст сабабгори асосии дар хонанда пайдо шудани мухолифатҳои дохилӣ гардад. Дар хонандагон мухолифатҳои дохилӣ ба тарзҳои гуногун ба амал меояд. Худбаҳодиҳии аз ҳад баланд ба он оварда мерасонад, ки хонанда баъзе вақтҳо худашро аз ҳад зиёд баҳо медиҳад.

Дар натиҷа бисёр ҳолатҳое мешавад, ки ин гуна хонандагон аз тарафи ҳамсинфон, ҳамсолон, рафиқон муқобилият мебинанд, норозигиҳои баён кардаашонро рад мекунанд, хашмгин мешавад, дар назди коллективи хонандагони синф шахси шубҳанок мегарданд, дар охир муносибату муоширати байниҳамдигариро аз даст медиҳанд ва дар доираи танг маҳдуд мегарданд. Ин ҳолат барои дар коллектив зиндагию фаъолият кардан барояшон душвории зиёд меорад ва ба ташаккули худшиносии миллиаш таъсири бад мерасонад.

Худбаҳодиҳии аз ҳад паст мумкин аст нишонаи он бошад, ки дар хонанда маҷмуи ҷиҳатҳои ба худ боварӣ надоштан, аз фаъолиятнокӣ даст кашидан, худайбдоркунӣ, серташвишӣ, пастфитратӣ, ноустуворӣ ва ғайра ҷой дошта бошад.

Вазифаи муаллим аз он иборат аст, ки зараровар будани ҳар ду ҳолатро ба хонандагон дуруст фаҳмонад ва роҳҳою воситаҳои худбаҳодиҳии ҳаққониро ба онҳо тавсия диҳад.

Худбаҳодиҳӣ натиҷаи на ҳама вақт аз ҷониби хонанда фаҳмидани мазмуну сохти «Ман», балки «Мани–идеалӣ» аст ва имконият медиҳад, ки ҷиҳатҳои мураккаби характери худбаҳодиҳӣ на бевосита, балки бо ёрии маҷмӯи мақсад, ҳавас, орзуҳо, идеалҳои худи хонанда дар амал татбиқ гардад. Вале барои тавсифи мавқеи ишғол кардаи хонанда дар

ҳаёт ва дар коллективи хонандагони синф танҳо ба ҳисоб гирифтани худбаҳодиҳии ӯ кифоя нест.

Баҳои аз тарафи коллектив ба коллективу хонандаи маълум додашуда устувор буда, вақте ки хонанда ба коллективи барояш ношинос шомил мегардад, баҳо ба таври куллӣ тағйир ёфта, ноустувор мегардад ва дар ӯ муносибату алоқамандиҳои нав пайдо мешаванд.

Мушоҳидаи мо чунин тағйирёбии баҳодиҳиро исбот намуд: Масалан хонандаи синфи 5–А дар оила, дар коллективи дӯстону ҳамсинфон худро озоду устувор ҳис мекард, вақте ки ба лагери истироҳатӣ шомил гардид, дар он ҷо устувориро то андозае гум кард, зеро дар он ҷо ӯ бо одамони нав ва ӯро намешинохтагӣ вохӯрд, онҳо ҳоло дар бораи ӯ маълумоте надоштаанд, мавқеашонро нисбат ба ӯ ҳанӯз муайян накарда буданд, чӣ гуна баҳо доданашон низ ҳанӯз душвор буд ва танҳо аз рӯйи мушоҳида ва намуди зоҳириаш ба вай баҳо медоданд.

Дар коллективи нав барои баҳои ҳақоннӣ додан аз хонанда интизор буданро тақозо менамояд. Мо дар таҳқиқоти худ дар коллективи нав шомил гардидани хонандагонро бараси намуда, сатҳи ҳамдигарфаҳмӣ ва характери боҳамхудҳисккунии онҳоро муайян намудем. Дар натиҷа маълумоти озмоишие ба даст овардаем, ки хонандагон зери таъсири низоми баҳодиҳии шахсӣ метавонад баробар дар коллективи нав тараққӣ кунанд. Дар натиҷаи мувофиқ наомадан хонанда аз ҷониби коллективи нав баҳои баландро интизор намешавад.

Ғайр аз ин, дар раванди таҳқиқот маълум гашт, ки баҳои баланде, ки хонанда ба коллективи хонандагони синф медиҳад, ба баланд гардидани баҳои додаи дигарон меорад, яъне баҳои додаи хонандаи алоҳида ба баланд гардидани баҳои коллектив сабабгор мешавад.

Тахминҳо ё пешбиниҳои пурра асосноккардашуда собит намуданд, ки ба коллективи худ баҳои баланд додани хонанда шаҳодати он аст, ки дар ҳақиқат ӯ ба коллектив алоқаи хуб дорад ва бо шодию

хурсандии коллектив ҳамроҳ аст, арзишҳои коллективро ҳурмат мекунад, баҳри устуворию муваффақияти коллектив мубориза мебарад, нақши онро дар ташаккулёбии шахсияти худ ҳис мекунад, манфиати коллективиро дарк мекунад ва ғайра. Коллектив дар навбати худ ба ҳар як аъзои худ муносибати дӯстонаю ғамхорона барқарор менамояд ва баҳои баланд медиҳанд.

Таърифи дигари муносибатҳоро дар низоми баҳодиҳии шахсӣ низ дида баромадан аз аҳамият холӣ нест. Масалан, тасаввур мекунем, ки ба яке аз хонандагон баҳои баланд дода шудааст, вале баҳое, ки интизораш будем аз тарафи рафиқонаш камтар аст. Дар чунин ҳолат дар раванди ташаккули сифатҳою хусусиятҳои шахсии ӯ зиддиятҳо пайдо шуда, ба ташаккули ХМ–и ӯ монеа зоҳир мекунад . Дар хонандаи дигар, ки баҳои дараҷаи баланд гирифтанро интизор нест ва сазовор ҳам намебошад баҳои баланди бе асос дода мешавад, дар вай хусусияти бади инсонӣ, аз ҷумлаи ҳавобаландӣ, худписандӣ, мағрурӣ, такаббурӣ, беҳурматӣ нисбат ба коллективи ҳамсинфон ва ҳамсолон пайдо мешавад ва ташаккул меёбад.

Дар ҳама гуна ҳолатҳо, ҳатто агар ин хислатҳои номбаргардида дар рафтору фаъолияти хонанда амалӣ нагардад ҳам, онҳо ба тарзи имконпазир барқарор шудан мегиранд ва дар шароити барояшон мувофиқ дар рафтору муносибати хонанда маълум шуда мегирад.

Ба сохти (структураи) худбаҳодиҳии хонанда се нишондиҳанда рост меояд: а) худбаҳодиҳӣ, б) баҳои интизорӣ ё интизорбуда, в) баҳои ба хонанда додаи гурӯҳ.

Хонанда хоҳ нохоҳ объективона маҷбур аст, ки ченакӣ субъективии худҳискунии худро дар муваффақиятҳою камбудиҳои ҷойдоштааш ба назар гирад. Дар ҳолати надонистани ин нишондиҳандаҳо, таъсири психологии механизми баҳодиҳӣ ва худбаҳодиҳӣ аҳамиятнок аст. Дар маънои механизм ба ботини хонанда дохил намудани механизми алоқамандии иҷтимоӣ, тамоилу рӯёварӣ ба

арзишҳои воло мебошад. Аз рӯйи нишондиҳандаҳо ҳар як хонанда ба хонандаи дигар муқоиса карда мешавад. Хонанда ба низоми муоширату муносибат дохил гардида, фаъолона рафтору фаъолият мекунад.

Одатан, ин гуна санҷишҳо бештар бешуурона мегузаранд ва хонандагон бо реҷаи қабулгардидаи рафтору одоб, ки ченкуниҳо онро муайян мекунанд, мутобиқ мешавад. Вале дар назар доштан лозим аст, ки амалҳои бешуурона иҷрогардида, маънои беназоратиро надорад. Набояд фаромӯш кард, ки ҳама гуна баҳои аҳамиятнок дар раванди фаъолияти хонанда бомақсадона ташаккул меёбад. Пеш аз он ки ин баҳодиҳӣ асоснок карда шаванд, зарур аст, ки пеш аз ҳама дар муносибатҳои байниҳамдигарии хонандагон баҳодиҳии ноодилона аз байн бурда шавад.

Барои бошууронаю мақсаднок роҳбарӣ кардани раванди ташаккули ХМ–и хонандагон ба муаллим лозим аст, ки ба таъсири шакли бошууронаи идоракунии рафтори худ, ки дар хонандагон пайдо гардидааст ва онҳо дар ин асос ҳам ба худ ва ҳам ба ҳамсинфонашон баҳо медиҳанд, диққат диҳад, динамикаи тағйироти дар баҳодиҳӣ рухдиҳандаро бинад, барои хонандагонро хуб фаҳмидан кӯшиш намояд ва ҳама вақт ҳар як хонандаро дар муносибат, муқоиса ва тафовут аз гурӯҳи дигари референтӣ дида тавонад; ҳеҷ гоҳ моҳияти иҷтимоии рафтори хонандаро дар муносибат, муқоиса ва фарқият аз гурӯҳи дигари референтӣ аз хотир набарорад ва ҳамеша дар назар дошта бошад, ки рафтори хонанда чӣ хеле ки набошад, моҳияти иҷтимоӣ дорад.

Худбаҳодиҳӣ ба дараҷаи серталабии шахс зич алоқаманд аст. Шахси серталаб дараҷаи образи ман буда, мақсади дар назди худ гузоштаро ба ҳамаи душвориҳо нигоҳ накарда онро ошкор мекунад. Ин қонуният дар ҳаёту фаъолияти хонандагон пурра амалӣ мешавад.

Дар натиҷаи амалишавии қонуниятҳои дар боло зикр гардида дар хонандагон меъёри худбаҳодиҳӣ вусъат гирифта дар онҳо озодона интихоб намудани душвориҳои навбатӣ пайдо мегардад. Яъне

мухолифати ду равия ба вуҷуд меояд: аз як тараф, кӯшиши баланд бардоштани серталабист, то ин ки муваффақияти максималӣ ба даст оварда шавад ва аз тарафи дигар, кӯшиши паст кардани серталабӣ аст, то ин ки хонанда ба бемуваффақиятӣ гирифтор нашавад.

Дар ҳолати ба даст овардани муваффақият дар таълиму рафтор дараҷаи серталабӣ дар хонанда зиёд мешавад, хонанда тайёр аст, ки масъалаҳои боз ҳам душвортарро иҷро намояд. Дар ҳолати бемуваффақиятӣ табиист, ки талабот пас мегардад.

Ташаккули сатҳи серталабиро на танҳо муваффақиятнокӣ ё бемуваффақиятӣ, балки, дуруст дарк кардану баҳисобгирии муваффақияту камбудиҳои ҷой дошта муайян мекунад. Ташаккули серталабии хонандагонро дар раванди иҷро кардани корҳои таълимӣ, навиштани маърӯзаю реферат, иҷро кардани тестҳои ҷорию ҷамъбастӣ, иштирок дар корҳои ҷамъиятӣ мушоҳида кардан мумкин аст.

Таҷриба нишон дод, ки омӯзиши дараҷаи серталабии хонандагон на танҳо аз рӯи таъсиррасониашон, балки аз рӯйи мазмун, алоқамандӣ, мақсаду вазифаҳо, рафтор муайян карда мешавад. Ба худ баҳои ҳаққонӣ надодан устувориро дар роҳи ба даст овардани муваффақият гум мекунад. Такрор шуда истодани бемуваффақиятӣ ба паст шудани худбаҳодиҳӣ меорад, дар хонанда ташвишҳои эмотсионалӣ ва мухолифат пайдо мешавад ва дар охир аз ҳама чи рӯ мегардонад. Ин ҳолати ноустуворӣ ва бемуваффақиятӣ метавонад хонандагонро ба гурӯҳҳои зараровари ҷамъиятӣ шомил гардонад. Дар чунин ҳолат дар онҳо ташаккул додани ХМ шояд имконнопазир гардад.

Роҳҳои баланд гардидани серталабӣ гуногунанд, пешравии он аз фарзияти хонанда ва имкониятҳои реалии омӯзгор вобаста мебошад. Дар ин ҷо ёрии ошкорою бевоситаи муаллим, коллективи синф, усули гуногуни муайян кардани оянда барои хонанда нақши асосӣ мебозад.

Дар баъзе ҳолатҳо барои муаллим то андозае паст гардидани серталабии хонандагон баҳри дар худ ташаккул додани ХМ махсусан,

дар он ҷое, ки онҳо дар назди худ вазифаҳо гузоштаанду вазъияти иҷро гардиданашон мувофиқ нест ва натиҷаи имкониятҳои худбаҳодиҳии хонандагон беасос баланд шудан мегирад ва дар онҳо мағрурӣ, худписандӣ, маҷмуи бо ном бартарӣ доштан дар муқоиса бо дигарон пайдо мешавад, маълум мегардад.

Дар бисёр ҳолатҳо хонанда ба бемуваффақиятиаш, ки ба баланд бардоштани сатҳи худбаҳодиҳӣ оварда расонидааст, қоил мешавад. Худро дар як ҳолат нигоҳ дошта наметавонад, мухолифат мекунад, камбудиҳояшро ба гардан намегирад ё кӯшиш мекунад, ки бемуваффақиятии худро ба сари дигарон бор кунад. Ба муаллим лозим аст, ки дар раванди тарбия чунин ҳолатҳоро дар назар дошта бошад.

Худбаҳодиҳиро истифода намуда, хонанда бояд бомуваффақиятӣ ва серталабии ҳақиқиро дар фаъолияти минбаъдааш ба эътибор гирад. Хусусияти асосии худбаҳодиҳӣ пухта расидани соҳаи фаъолиятест, ки хонанда ба он эътимод дорад, натиҷаи баланди меҳнат ба даст меорад ва дар ҷойҳои зарурӣ онро дар амал татбиқ мекунад.

Омӯзиши масъала нишон дод, ки ташаккули худшиносию хубаҳодиҳӣ, фаъолияту худфаъолиятӣ, худмушоҳидакунию худшиносӣ ба таври доимӣ диққати хонандаро ба худ ҷалб менамояд. Хонандагонро дар ваъзияте мегузорад, ки он бояд ҳатман чизеро иҷро кунад ва қоидаҳои рафтору одоби бошуурона, сифатҳои баланди шахсии маънавӣ, аз ҷумла ватандӯстӣ, миллатдӯстӣ ва ифтихори ватандориро дар худ нишон диҳанд.

Дар раванди ташаккулдиҳии ХМ–и хонандагон ба чунин ҷиҳатҳои муносибати онҳо такя намудан хеле аҳамиятнок аст.

Дар назар доштан лозим аст, ки дар ҳар як давраи синнусолӣ ба ташаккули худшиносӣ, ХМ ва худбаҳодиҳии хонандагон он фаъолиятҳое таъсир мерасонад, ки барои ҳар яки онҳо асосӣ ба ҳисоб меравад. Масалан, дар синну соли хурди мактабӣ барои хонандагон аввал таълим ва дувум бозӣ фаъолияти асосӣ ба шумор меравад. Барои хонандагони

синфҳои миёнаю болоии мактабӣ бошад, фаъолияти асосӣ таълим ва лаҳзаҳои ба он алоқаманд, худомӯзӣ, корҳои мустақилонаю эҷодӣ, иштирок дар конфронсҳо, озмунҳо ба ҳисоб меравад, ки ин хусусиятҳо барои ташаккули ХМ–и онҳо хеле заруру аҳамиятнок аст.

Дар синну соли наврасию ҷавонӣ дар хонанда майлу рағбати дар байни ҳамсолону ҳамсинфон, рафиқон ва муаллимон, шахси обруманд будан пайдо мегардад. Аммо бемуваффақиятӣ дар таълиму донишгирӣ на танҳо ба иҷро гардидани ин мақсад монеъ мешавад, балки сустии онро ошкор мекунад, дар ӯ нисбат ба имкониятҳои худ нобоварӣ пайдо мешавад. Ин ҷиҳат ба раванди худшиносию худбаҳодиҳӣ ва ташаккули ХМ-и наврасону ҷавонон таъсири манфӣ мерасонад. Дар чунин ҳолат муаллимон ва падару модарон вазифадоранд, ки барои аз байн бурдани нобоварӣ нисбат ба қувваю қобилияти худ ба баҳодиҳии наврасон ёрии амалӣ расонанд.

Наврасону ҷавонон барои тақлид кардан аз байни рафиқонашон шахси маъқулу намунавиро ҷустуҷӯ мекунанд. Сифатҳои шахсиашонро ба чӣ гуна шахс будани дигар кас муқоиса менамоянд. Ба саволи; Кадом ҷиҳатҳои рафиқат ба ту писанд аст? Чунин ҷавоб гирифта шуд: «Ӯ рафиқи бисёр нағз аст, аз ёрӣ додан рӯй намегардонад, рафиқашро дар вазъияти душвор намегузорад, ҳамсолону рафиқони сусташро пуштибонӣ мекунад, нохушиҳои дар рафиқаш рӯйдодаро эҳсос мекунад, рафиқашро намефурӯшад, ба кори хонандагон ҷиддӣ муносибат мекунад, хасис нест, маслиҳатҳои хуб медиҳад, ҷанҷол намекунад, яъне «дӯсти ҳақиқӣ» шуда метавонад».

Ҳамаи ин сифатҳои маънавӣ далели он аст, ки наврасону ҷавонон маҳорати ба таври ҳаққонӣ ба худ баҳо дода тавонистанро ноил гардидаанд.

Ба онҳое, ки субъекти тарбияи насли наврасу ҷавонон ҳастанд, донистанашон лозим аст, ки дар ҳолати барор нагирифтани муошират

бо ҳамсолону рафиқони дур аз мактаб ва ба дигар сабабҳо ба муҳити носолим шомил гардидани онҳо аз эҳтимол дур нест.

Дар синни наврасию ҷавонӣ хонандагон шахсияти худро аз ҷиҳати педагогию психологӣ баҳо медиҳанд. Донистани худ ва сифатҳои шахсии худ дар ин давра характери ҷамъбастӣ мегирад. Қайд кардан ба маврид аст, ки он хусусиятҳое, ки дар амалу рафтори наврасону ҷавонон пайдо мегардад, ба тағйироти дар ҳаёти онҳо рухдода вобастагӣ дорад.

Дар ин зербоб дар бораи моҳияти мафҳуми «ХМ» ҳамчун раванди мураккаби психологӣ, шакли махсуси шуури миллӣ, нишонаи миллат, муайянкунандаи ҳаёти миллӣ, компонентҳои сохти ХМ, маърифатӣ, эмотсионалӣ-баҳодиҳӣ, рафтор, вазифаҳои ХМ, ба танзим даровcomponentдаи ХМ, ҳаллу фасли худро баҳри ба даст овардани мақсади муайян дар марҳилаҳои этникӣ ёфтааст, ки натиҷаи ташаккули ХМ дар меъёрҳои баланд, миёна ва паст мушаххаст гаридадаст.

Хулоса дар зербоби мазкур мазмуни худшиносии умумӣ, ки ХМ ба он дохил аст ҳамчун раванд аз ҷониби шахс дарк кардани амал, эҳсос, фикру андешаҳо, мақсад, рафтор, ҳавас ва сохти худшиносӣ, панҷ гурӯҳи падидаҳоро дар бар мегирад:

a) нақши худшиносӣ дар ҳаёти инсон;
b) давраи ташаккулёбии худшиносӣ;
c) омилҳое, ки ба ташаккули худшиносӣ таъсир мерасонанд;
d) компонентҳои сохти худшиносӣ;
e) вазифаҳои худшиносӣ худбаҳодиҳӣ.

## 1.3. Ташаккул ва рушди худшиносии миллии хонандагон дар раванди худтарбиякунӣ

Дар синну соли наврасӣ ва калони мактабӣ кӯшиши хонандагон ба худтарбиякунӣ, фаҳмидану донистани ҷойи худ дар ҳаёти шахсию

ҷамъиятӣ ҳамчун субъект нисбат ба атрофиён пурзӯр мегардад. Ин лиҳоз серталабии «Мани идеалӣ» ба ташаккули ХХ зич алоқаманд буда,. ҳамчун тамоюли аломати зарӯрӣ дар худтарбиякунӣ бароммад мекунад.

Асосогузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба ин матлаб дар мулоқот бо намояндагони аҳли ҷомеаи мамлакат қайд карда буданд: «Дар замони ҷаҳонишавии босуръат, мо амнияти давлат, ҷомеа, ваҳдати миллӣ, зиндагии орому осуда ва устувори вояҳои давлатдории миллатамонро ҳамон вақт пурра таъмин карда метавонем, ки барои баланд бардоштани маърифати сиёсӣ, худогоҳӣ ва ХМ пайваста насли наврасу ҷавононро ба худтарбиякунӣ водор намоем» [185, с.47с].

Нишондодҳои Сарвари давлат дар бораи худшиносию худогоҳии миллӣ дар ҷараёни таълиму тарбия дар раванди худтарбиякунӣ тадбиқ мегардад. Барои дуруст дарк кардани мафҳуми худтарбиякунӣ ҳамчун омили ташаккули худшиносии миллӣ, донистани моҳият ва нақши тарбия дар ташаккуи ҳамаи сифатҳои шахсии хонанда маълумоти зарурӣ доштан лозим аст.

«Ҷараёни тарбия ин ҷараёни боҳамтаъсиррасонию ҳамкориест, ки он дар мувофиқа ба мақсаду вазифаҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ таъсири муташаккилонаи тарбиявӣ мерасонад, яъне ташкил кардан ва ҳавасмандгардони хонандагон барои аз худ намудани таҷрибаи иҷтимоию рӯҳӣ назарас мебошад» [6, с.170].

Дар ташаккулёбии қобилият ва талабот ба худшиносию худогоҳӣ ҳамчун лаҳзаҳои муҳими худшиносии миллӣ, худтарбиякунӣ нақши арзанда мегузорад. Қобилият ба худшиносӣ ва худфаҳмию худдонӣ, арзиши баландтарини одамӣ аст, ки ӯ дар худшиносӣ худро ҳамчун субъекти шуур, муошират ва амал, донандаи таъриху миллати худ дарк мекунад ва нисбат ба худ низ муносибат доштанро муайян мекунад. Танҳо дар чунин шакл худшиносӣ арзи вуҷуд карда метавонад ва

хусусиятҳои он аз ҷониби одам фикру андеша майлу ҳаваси рафтор, вазъияти худ дар ҷамъият нигаронида шудааст. Ба хусусияти махсуси худшиносӣ на танҳо хусусиятҳои психологӣ, балки хусусиятҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла инсондӯстӣ, ватандӯстӣ, ифтихори миллию ватандорӣ, нангу номуси миллӣ, эҳсос кардани тамаддуни анъанаҳои миллӣ, донистану дӯст доштани забони модарӣ ва монанди инҳо мансубанд.

Худтарбиякунӣ ҳамчун омили муҳими ташаккулдиҳии ХМ дар зери таъсири тарбиявии ҷараёни таълиму тарбия, ҳамкории мактабу оила ва омилҳои гуногуни ҷамъият ташаккул меёбад.

Муаллим дар ҷараёни таълиму тарбия характер ва таъсиррасонии ин тамоюлро муайян намуда, барои ба хонандагон таъсири ҳақиқӣ расонидан имконият пайдо мекунад. Баробари ин донистани муаллим зарур аст, ки хонанда ба кадом идеал ҳамчун намуна барои ташкил кардани фаъолияти асосиаш майл дорад, зеро арзишҳои иҷтимоии ин намунаҳо ҳархелаанд, вале аҳамияти мотиватсияашон хело муҳим аст.

Худтарбиякунӣ ба масъалаҳои гуногуни педагогӣ, аз ҷумла ба худтарбиякунии маънавӣ бахшида шудааст, зеро сифатҳои зиёди ХМ–и хонандагон ба маънавиёт вобаста мебошад.

Худтарбиякунии маънавӣ ин кӯшишу ғайрати ҳар як хонанда буда, ба ташаккули доимии ӯ ҳамчун як шахси фаъоли худшиноси ҷамъият бо мақсади бой гардонидани хазинаи интеллектуалию худмаълумотгирии худ вобаста ба талаботи маърифаткунонӣ равона карда шудааст.

Олимони соҳаи педагогикаю психология ба масъалаи худтарбиякунӣ ва нақши он дар ташаккули сифатҳои шахсии насли наврасу ҷавонон, ки худшиносию худбаҳодиҳӣ низ ба ин сифатҳо дохил мешаванд, диққати ҷиддӣ додаанд. Масалан: педагоги машҳур А.С. Макаренко худтарбиякуниро натиҷаи инкишофи табии шахс дар коллектив номидааст.

Педагоги машҳур В.А. Сухомлинский навиштааст – «Насли наврас дар он ҳолате инсони ҳақиқӣ шуда метавонад, ки агар ӯ ба таври доимӣ барои дарк кардани на танҳо олами гирду атроф, воқеаҳою ашёҳои иҳотакардашуда, қувваю қобилияти рӯҳии худ, балки барои беҳтар кардану такмил додани худ равона карда шуда бошад» [151, с.619].

Муҳаққиқ С.М. Ковалёв навиштааст: «Худтарбиякунӣ дар маънои маҳдудаш бошууронаю мунтазам, бо мақсади бартараф намудани камбудиҳо ва дар худ ташаккул додани хусусиятҳои мусбати ба талаботҳои ҷамъияту тараққиёти шахсӣ мувофиқбуда мебошад» [58, с.127].

Муҳаққиқ А.А. Кажанов «Худтарбиякуниро роҳбари бошууронаи худтараққиёбии шахс номидааст, яъне шахс мувофиқи мақсаду қобилияти банақшагирифтаи худ вобаста ба талаботҳои ҷамъиятӣ ташаккул меёбад» [60, с.21].

Муҳаққиқ С.М. Арупонов дар таҳқиқоти худ ба дараҷаи алоқамандии раванди худтарбиякунӣ аз ҷиҳати интеллектуалӣ, эмотсионалӣ, психологӣ, шуурнокӣ ва ҳисси масъулиятнокӣ дар назди ҷамъият баҳо додааст [6].

Муҳаққиқ А.А. Иванова худтарбиякуниро ҳамчун кӯшиши одам барои пурзӯр намудани таҷрибаҳои гуногуни иҷтимоӣ ва худро ҳамчун шахсият нишон додан ба иҷро гардидани нақшаҳои ҳаёти баҳо додааст [50].

Муҳаққиқи дигар Л.И. Рувинский чунин мешуморад, ки масъалаи худтарбиякуниро бояд танҳо бо ташаккул додани сифатҳои мусбӣ маҳдуд гардонид. Ба андешаи ӯ худтарбиякунӣ барои инсон роҳи беҳтар ва фоидабахш аст. Зеро тарбия ва худтарбиякунӣ бо аз худ намудани идеалҳои муайяни ҷамъиятӣ, меъёрҳо ва принсипҳое, ки метавонанд дар

муносибати ҷамъиятӣ ҳам мусбат ва ҳам манфӣ гардад, равона гардида аст [134, с.385].

Ба ин фикри Рувинский то андозае розӣ шудан мумкин аст. Масалан, дар замони ҳозира худтарбиякунии қисме аз наврасону ҷавонон ба ташаккули хислатҳо на танҳо барои худи онҳо, балки барои ҷамъият зараровар, аз ҷумла ба худпарастӣ, якравӣ, терроризм, экстремизм ва ғайра оварда расонидааст.

Аз ин ҷо ба чунин хулоса омадан зарур аст: Ҳангоми дар хонандагон пайдо гардидани талаботи худтарбиякунӣ, муаллимонро зарур аст, ки ин масъаларо тарзе ба роҳ монанд, то натиҷаи мусбат диҳад ва дар онҳо мунтазам ташаккулёбӣ ва баҳодиҳӣ бедор гардад.

Аз ҷониби олимони алоҳида худтарбиякунӣ бо тарзҳои гуногун баҳо дода шудааст. Таҳлили ҳамаҷонибаи онҳо собит намуд, ки мақсаду мазмуни худтарбиякунӣ дар якҷоягӣ ба ташаккул додани сифатҳои мусбати шахсӣ, ки худшиносию худбаҳодиҳиро дар бар мегирад, равона гаридааст.

Дар адабиёти илмӣ–педагогӣ нуқтаи назари ягона оид ба худтарбиякунӣ вуҷуд надорад, аз ин лиҳоз худтакмилдиҳӣ ва ташаккулии хонандагон дар мувофиқа бо меъёрҳои ҷамъиятӣ, имконпазир мебошад. Дар бораи худтарбиякунӣ сухан ронда манънои онро надорад, ки худшиносӣ ва худбаҳодиҳии хонандагон ҷудо аз тарбия мегузарад.

Тарбия ва худтарбиякунӣ ду самти бо ҳам алоқаманду ягонаи равнди педагогӣ мебошад. Тарбия самт ва мазмуни мақсадеро, ки хонанда оид ба худшиносӣ дар назди худ гузоштаро аз рӯи фаъолият ва тахминкунӣ муайян мекунад. Хулас, ҷараёни тарбия барои хонандагон заминаҳои маънавӣ, психологӣ, маърифаткунӣ, худтакмилдиҳӣ ва иродавиро тайёр мекунад.

Дар бораи худтарбиякунӣ сухан ронда манъноиронро надорад, ки худшиносӣ ва худбаҳодиҳии хонандагон ҷудо аз тарбия мегузарад. Тарбия ва худтарбиякунӣ ду самти бо ҳам алоқаманду ягонаи масъалаҳои педагогӣ мебошанд.

Хонандагон дар ҳолате ҳаматарафа тараққӣ мекунанд, ки агар муаллимон ҷараёни тарбияро ба зинаҳои нав баланд бардоранд. В.А. Сухомлинский худтарбиякуниро «зинаи баландтарини худфаъолиятӣ» номидааст, ки ба даст омадани он бояд қуллаи баланди маҳорати педагогӣ бошад. Худфаъолиятӣ дар навбати худ яке аз воситаҳои ташаккули худшиносии миллӣ ба ҳисоб меравад.

Ягонагии мақсаду вазифаҳои тараққиёти ҳаматарафагии шахсияти хонандагон, созандагони фаъоли ҷамъияти шарвандӣ дар он аст, ки худшиносӣ сифати махсуси онҳост ва онҳо дар ин рӯҳия тарбия ёфта ба камол мерасанд. Тарбия ва худтарбиякунӣ дар айни замон аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Масалан, тарбия омили таъсиррасонии берунаи тараққиёбии шахсияти хонандагон, аз ҷумла худшиносию худбаҳодии онҳо мебошад. Тарбия ба он нигаронида шудааст, ки захираҳои психикии хонандагонро васеъ намуда, зеҳн, шуур ва тафаккури онҳоро дар тараққиёти ҳаматарафагии шахсият барои аз болои худ мунтазам кор кардан омода бошанд. Талабот барои аз болои худ кор кардан ба ташаккули худшиносию худбаҳодии хонанда бевосита ёрӣ мерасонад.

Худтарбиякунӣ бошад ба кӯшиши доимии шахс асос меёбад. Худтарбиякунӣ на таҳо ба азхудкунии дониш, такмил ёфтани қувваи ҷисмонӣ ва васеъ гардидани мафкураи хонандагон, балки ба азхудкунии таҷрибаҳои гуногуни иҷтимоӣ, ташаккули сифатҳои маънавӣ, меъёрҳои ахлоқӣ, ҷамъиятӣ ва шаҳрвандии хонандагон нигаронида шудааст.

Боҳамалоқамандии тарбия ва хубтарбиякунии хонандагон аз як раванд ба раванди дигар худро муайян мекунад, яъне вақте ки дар хонандагон кӯшиш барои худшиносию такмил додани сифатҳои шахсӣ

пайдо мешавад, тарбия қувваи дохилии хонанда мегардад ва ба худтарбиякунӣ табдил меёбад. Вазифаи асосии худтарбиякунӣ дар хонандагон ташаккул додани сифатҳои шахсӣ, аз ҷумла, худшиносию худбаҳодиҳӣ ва дар ин асос ХМ мебошад.

Мақсади асосӣ ва натиҷаи таъсиррасонии раванди тарбия дар хонандагон ин худтарбиякунӣ ҳамчун фаъолияти бомақсадонаю бошууронаи такмилдиҳии сифатҳои мусбӣ ва бартараф кардани хусусиятҳои манфӣ мебошад. Худтарбиякунӣ ҷараёни нисбатан мустақил буда, қувваи ҳаракатдиҳандаю пешбарандааш зиддиятҳои дохилии худи он аст. Ин зиддиятҳо чунинанд: зиддияти байни талабот нисбат ба хонанда, дараҷаи худшиносию худбаҳодиҳии онҳо, зиддияти майлу хоҳиши худро тағйир додан, надонистани методҳои худтарбиякунӣ, аз болои худ кор бурда натавонистани хонанда ва монанд ба инҳо.

Худтарбиякунӣ дар бисёр ҳолатҳо аз тайёрии психологии хонандагон вобаста аст. Асоси худтарбиякуниро ирода ташкил медиҳад. Кӯшишу ғайрат ва қувваи иродавӣ имконият медиҳад, ки хонандагон дар худ сифатҳои мусбат ва худбаҳодиҳиро тарбия намоянд, одат ва ақидаҳою эътиқодҳояшонро ташаккул диҳанд.

Самаранокии худтарбиякунӣ ва ташаккули худшиносӣ ба он вобаста аст, ки хонанда то чӣ андоза моҳияту зарурияти дар худ ташаккул додани худшиносию худбаҳодиҳиро дуруст дарк кардааст ва аз муваффақиятҳои ба дастовардааш шоду хурсанд мебошанд.

Қайд намудан ба маврид аст, ки яке аз вазифаҳои ҷараёни тарбия ин ташаккул додани ХМ–и хонандагон, аз ҷумла ҳисси арзандагию шахсӣ, муносибати арзандагӣ ба ҳаёти шахсӣ, талабот ва банақшагирии татбиқи мақсад, қобилият ва худро шинохтан, худмукаммалгардонӣ, худтатбиққунӣ, худбатанзимдарорӣ ва худбаҳодиҳии объективӣ мебошад.

Таҳқиқот собит намуд, муаллимонро зарур аст, ки барои қувваи дохилии хонандагонро фаҳмидан пеш аз ҳама бояд мавқеи онҳоро дар ҳаёт, ҷамъият ва коллективи синф муайян намоянд, то ин ки дар ҷараёни тарбия шуури ҷаҳонбинии илмии онҳоро такмил дода, дарки худшиносии миллиро дар сиришти онҳо бедор намоянд.

Дар таҳқиқоти худ мо боҳамалоқамандии тарбия ва худтарбиякуниро дар ташаккули худшиносии шахсияти хонандагонро дида баромадем. Акнун мақсад гузоштем, ки мазмун ва нақши худтарбикуниро дар ин раванд васеътар дида мебароем.

Худтарбиякунӣ ин фаъолияти мунтазаму бомақсадона ва бошууронаи хонандагон буда, ба худтараққиёбӣ ва ташаккули базаи маданияти шахсии онҳо равона карда шудааст. Худтарбиякунӣ ин мунтазам инкишоф додани қобилияти хонандагон баҳри бо хоҳиши худ иҷро кардани уҳдориҳои шахсӣ мебошад, ки он ба талаботи коллективӣ, одатҳои зарурӣ, рафтор, сифатҳои иродавӣ асосёфтааст.

Худбаҳодиҳӣ қисми тартибии худтарбиякунӣ ва раванди ташаккулёбии шахсияти хонандагон мебошад. Худтарбиякунӣ фаъолияти бошууронаи хонандагон дар раванди ташаккулёбии худшиносӣ буда, дар онҳо ташаккул додани сифатҳои мусбати ба худшиносию худбаҳодиҳӣ хосбуда ва аз худ дур кардани хислатҳои манфию зарарасон мебошад.

Худтарбиякунӣ аз хонандагон устувории дуру дарози иродавӣ, маҳорати худро дарк кардану баҳо додан, ба даст даровардани мақсади дар назди худ гузошташуда ва аз бемуваффаққиятӣ ноумед нашуданро талаб мекунад. Аз ин рӯ, хонандагонро ба он намудҳои фаъолияте ҷалб кардан лозим аст, ки аз онҳо муташаккилӣ, масъулиятнокӣ, қобилияти бартараф кардаро талаб намояд. Чунин намудҳои фаъолият иродаи хонандагонро мустаҳкам мекунад, оддати корро ба охир расониданро ташаккул медиҳад, эътиқоди онҳоро нисбат ба муваффақиятҳои ба даст

омада устувор намуда, қобилияту арзандагии онҳоро боқувват мегардонад.

Дар таҳқиқот масъалаи худтарбиякунӣ дар таҷрибаҳои гузаронида шуда ба таври боварибахш собит гардид, ки омили муҳимми худтарбиякунӣ ин ташаккули худшиносию худбаҳодиҳии хонандагон дар алоҳидагӣ ба ҳисоб меравад.

Худтарбиякунӣ дорои компонентҳои ба худ хос мебошад. Дар байни компонентҳо бояд дар мадди аввал мазмуни қисматҳои сермазмун муайян карда шавад, то ин ки чунин ҷиҳатҳоро дар бар гирад:

a) таҳлил ва худтаҳлилкунии мақсаду вазифаҳое, ки ба худшиносӣ ва худбаҳодиҳӣ равона карда шудааст;

b) пайдо кардани идеалҳои ҳаётие, ки асоси барномаи худтакмилдиҳӣ ва худшиносиро ташкил медиҳад;

c) таҳлил ва аз худ намудани талаботҳое, ки нисбат ба фаъолият ва сифатҳои XX нигаронида шудааст;

d) донишҳои педагогию психологӣ, методҳои худтарбиякунӣ ва маҳорати дар ҳамагуна шароитҳо бо онҳо кор бурдан;

e) мавҷуд будани нишондиҳандаҳои дохилии худшиносии тараққи кардаистода;

f) қобилияти ба таври объективӣ аз нигоҳи танқидӣ ба рафторӣ худ баҳо додан;

Қисматҳои худтарбиякунӣ чун дигар намудҳои фаъолият мотивҳое мебошад, ки ин ба таври мураккаб ва чуқур фаҳмидани бедоркунандаи дохилӣ барои мунтазам ва фаъолона аз болои худшиносии худ кор бурдани хонандагонро дар назар дорад.

Таҷриба нишон дод, ки ҳар як компоненти худтарбиякунӣ мазмун ва хусусиятҳои ба худ хос дорад. Он хусусиятҳо аз хонандагон инкишофи доимии ақл, зеҳн, ҳиссиёт, ирода, эътиқод ва одатҳои рафторро талаб

мекунад. Дар ин самт худфаҳмӣ ва худтаҳлилкунии хонанда накши асосӣ мебозад.

Рафторе, ки муносибати худтанқидкунӣ ба имкониятҳои рӯҳӣ ва ҷисмониро дорад, дар айни замон ба худбаҳодиҳӣ алоқамандии зич дорад. Дар ҳолати набудани чунин алоқамандӣ худмуайянкунӣ, худмаъқулдонӣ дар байни аҳли коллектив ва ҳамсинфон аз имкон дур аст.

Омӯхтани масъала нишон дод, ки аз сабаби нокифоя будани тайёрии педагогию психологии амалӣ, аз болои худ кор набурдан ва нокифоя будани таҷрибаҳо дар соҳаи худтарбиякунӣ ба содир кардани камбудиҳо роҳ медиҳанд, ки ин ҳама ба бемуваффақиятӣ дар ин раванд гирифтор мешаванд. Аниқтараш дар онҳо ваъзияти хурсандӣ ба ноумедӣ иваз мешавад, ғайрифаъол гардани хонанда, шавқу ҳавас ва қобилияти онҳоро нисбат ба худтарбиякунию худбаҳодиҳӣ гум месозад. Дар чунин ваъзият ташаккулии худшиносию худбаҳодиҳӣ раванди худтарбиякунӣ барои хонанда душвор мегардад.

Дар назар доштан лозим аст, ки субъекти худтарбиякунӣ худи хонанда ва субъекти ҳавасмандагардонии ин раванд ҳамаи иштирокчиёни ҷараёни тарбия: муаллимон падару модарон, дустону рафиқон мебошанд. Барои муаллим вазифаи ҳавасмандгардонии хонандагон ба худтарбиякунӣ бояд ба комплекси вазифаҳои корҳои тарбиявӣ дохил гардад.

Чи тавре ки таҷрибаҳои пешқадами муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нишон медиҳад, ҳисси ХМ–и хонандагон дар он ҳолате ба муваффақият пеш меравад, ки агар муаллимон дар раванди таълим низоми хуби воситаҳою методҳои ҳавасмандгардонии худтарбиякуниро истифода бурда тавонанд. Яке аз воситаи муҳими ҳавасмандгардонии хонандагон нисбат ба худтарбиякунӣ ин муошират мебошад.

Омӯзиши масъала собит менамояд, ки агар дар синну соли томактабӣ ва синни хурди мактабӣ, кӯдакон ба баҳодиҳии калонсолон ҳавас дошта бошанд, дар синни наврасӣ таъсири баҳои ҳамсолон ва коллектив нисбат ба тараққиёти шахсии онҳо ниҳоят бузург аст. Аз ин рӯ, барои худтарбиякунию худбаҳодиҳии хонандагон коллективро ташкил кардан лозим аст. Дар коллектив ҳар як хонанда дар фаъолияти умумӣ ва хусусиятҳои қобилиятнокии худ кӯшиш менамояд, ки ҷойи худро пайдо кунад, то ин ки аҳли коллектив ба худшиносии ӯ баҳои реалӣ дода тавонад.

Дар синни наврасӣ дар инкишофи худтарбиякунӣ ва худбаҳодиҳӣ хонандагон норасоиҳое мушоҳида карда мешавад, ки ба идеалҳояшон мувофиқат намекунанд ва он норасоиҳо сабабгори пайдо шудани норозигӣ мегардад. Дар синну соли калони мактабӣ, вақте ки хонандагон ҷойи худро дар коллективу ҳаёти ҷамъиятӣ пайдо мекунанд, худтарбиякунии онҳо характери бомақсадона мегирад. Худтарбиякунӣ ҷудо аз таҳлили хусусиятҳои фардӣ, қобилияту имкониятҳои хонанда ғайри имкон аст. Самаранокии худтарбиякунӣ дар ташаккули худбаҳодиҳии реалӣ ба қобилияту имкониятҳои мувофиқ будаи хонандагон ёрӣ мерасонад.

Худтарбиякунӣ фаъолияти бошууронаю бомақсадонаи хонандагон оид ба ташаккулдиҳию инкишофи сифатҳои мусбати шахс мебошад. Шарти зарурии худтарбиякунии хонандагон мавҷуд будани миқдори муайяни дониш дар бораи худашон, худбаҳодиҳӣ ва худшиносии ҳақиқӣ мебошад.

Худтарбиякунии хонандагон ба як қатор сабабҳои объективию субъективӣ алоқамандӣ дорад. Дар зери таъсири ин сабабҳо дар хонандагон барои худшиносию худтарбиякунӣ имкониятҳои дохили пайдо мешавад талабот, ақида, ва эътиқодҳо ташаккул меёбанд, мақсаду амалҳои ҳаётии онҳо аниқ мегардад.

Копонентҳои зарурии худтарбиякунӣ ин худтаҳлилкунии шахсӣ, худназораткунӣ, худҳисоботдиҳӣ мебошанд, ки ба муайян кардани сатҳи XX ёрӣ мерасонад.

Худтарбиякунии мутушаккилона чизи дигаре набуда, ҳавасмандардонии хонандагонро баҳри аз болои худ кор кардан дар рӯҳияи худшиносӣ такмил медиҳад. Ин кор танҳо бо таъсири тарбиявии муаллим вусъат мегирад. Муаллимон ба хонандагон корҳои тарбиявию худтарбиякуниро мутобиқи талаботи муайян одат мекунонанд.

Мушоҳида нишон дод, ки қисми муайяни хонандагон худашон оид ба тараққӣ додани сохти худшиносию худтакмилдиҳӣ дар наздашон вазифаҳо мегузорад, роҳҳои ҳалли онро муайян мекунанд, барои ба даст овардани мақсади гузоштаашон устуворона кӯшиш мекунанд.

Худтарбиякунӣ дар тараққиёту ташаккулёбии хонандагон, ки худшиносию худбаҳодиҳӣ ба мазмуни он дохиласт нақши муҳим мебозад. Аз ҳамин сабаб олимони соҳаи педагогикаю психология А.Г. Ковалёв, М.Н. Громова, И.С. Кон, Л.И. Рувинский ва дигрон асосҳои психологию педагогии худтарбиякуниро дақиқ кор кардаанд.

Худтарбиякунӣ ин бошуурона, бо мақсадона ва ба тариқи нақшави дар худ ташаккул додани он хусусиятҳо ва сифатҳое фаҳмида мешавад, ки ба талаботҳои ҷамъиятӣ хос аст.

Таҷриба нишон медиҳад, ки хонандагон ба худтарбиякунӣ он вақт машғул мешаванд, ки барои амалу рафтор худ ҳисобот медиҳанд, вақте ки дар онҳо қобилияти худбаҳодиҳӣ пайдо мешавад, кӯшиш ба фаҳмидану донистани сифатҳои мусбату манфии худ ба миён меояд ва ба худтакмилдиҳӣ талабот пайдо мекунанд.

Савол ба миён меояд, ки оё ҳамаи наврасон ва хонандагони синфҳои болоӣ ба худшиносию худтарбиякунӣ машғул мешаванд? Дар суҳбат муаллимон, роҳбарони синфҳо чунин ҷавоб додаанд: на ҳамаашон.

Вале ба ҳар ҳол қисми муайяни онҳо дар борaи худро такмил додан, худро шинохтан фикр мекунанд ва барои аз болои худ кор бурдан кӯшиш мекунанд. Бештар ин корро он хонандагоне иҷро мекунанд, ки дорои сифатҳои мустаҳками иродавианд, худро ба машқ кардан машғул мекунанд, камбудиҳояшонро бартараф карданд ва дар худ ташаккул додани он сифатҳоеро мехоҳанд, ки дар онҳо ҳанӯз нест. Барои дар хонандагон бедор намудани майлу хоҳиш ба худтарбиякунию худшиносӣ дар онҳо ташаккул додани идеалҳои ҷамъиятӣ хеле аҳамиятнок мебошад.

Бо ин мақсад дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ татбиқ намудани тарбияи ҷамъиятӣ ва дар хонандагон ташаккул додани сифатҳои шаҳрвандию маънавӣ хело аҳамиятнок мебошад. Бо он кӯшиш намудан лозим аст, ки ҳар як хонанда қаҳрамони дӯстдоштаи худро дошта бошад ва онро идеали ҳаётии худ интихоб намояд. Дар ин ҳолат хонанда сифатҳои шахсии худро ба сифатҳои қаҳрамони интихобкардааш муқоиса намуда, ба мукаммал гардонидани сифатҳои мусбати шахсияш кӯшиш менамояд, ҳавасу хоҳиш пайдо мекунад. Шиносои ба ҳаёту фаъолияти олимон, нависандагон, варзишгарон, ходимони давлатию ҷамъиятӣ дар ташаккули сифатҳои ХМ–и хонандагон хеле аҳамиятнок мебошанд.

Дар зери мафҳуми «худтарбиякунӣ» олами дохилию рӯҳии хонанда, қобилияти он барои худшиносӣ ва худтараққидиҳандаги дар назар дошта мешавад. Худтарбиякунӣ ин фаъолияти худи хонандагон аст, ки бошуурона омӯхтану донистани шахсияти ҳар яки онҳо вобаста ба эътиқод мебошад.

Худтарбиякунӣ истифодабарии чунин усулҳоро дар назар дорад: худуҳдорорӣ, худҳисоботкунӣ, фаҳмидани фаъолияту рафтори худ, худназораткунӣ ва худбаҳодиҳӣ.

Худтарбиякунӣ дараҷаи олии худидоракунӣ мебошад. Маҳз аз ҳамин сабаб худтарбиякунии муташаккилона, нақшавӣ ва бомақсадона

омили муҳимми ташаккулёбии худшиносӣ ва худбаҳодиҳии хонандагон ба ҳисоб меравад.

Давраи аз ҳама мувофиқи тараққиёти худтарбиякунии хонандагон ин давраи синну соли калони мактабӣ мебошад. Дар синфҳои ибтидоӣ ва хурди наврасӣ аллакай барои тараққиёти минбаъдаи худтарбиякунӣ асос гузошта мешавад.

Яке аз омили муҳимми худтарбиякунӣ ин гузаронидани корҳои беруназдарсӣ ба тариқи мубоҳиса ва мусобиқа мебошад. Корҳои беруназдарсии фоиданоки ҷамъиятӣ ва оммавӣ дар хонандагон хусусиятҳои гуногунро ба вуҷуд меорад. Дар чунин ҳолат миқдори зиёди хонандагон камбудиҳояшонро дар характеру рафтор мебинанд ва барои бартараф кардани онҳо дар худ парваридани сифатҳои зарурӣ дар назди худ вазифаҳо мегузоранд, ки ин яке аз нишонаҳои ба худтарбиякунӣ машғул шудани онҳо мебошад.

Дар баробари омили зикргардида, боз омилҳои зиёди дигаре низ ҳастанд, ки хонандагонро махсусан наврасону мактаббачагони синфҳои болоиро ба худтарбиякунӣ, баҳсҳои солими маънавӣ, муносибати танқидӣ, баҳои ҳаққонӣ додан ба камбудиҳою характери ҳар як хонанда ҳавасманд мегардонанд.

Механизмҳои педагогию психологии таъсиррасонии ҳавасманд гардонидании худтарбиякунию худшиносӣ дар он аст, ки дар хонандагон майлу хоҳишро дараҷаи зарурии тараққиёти шахсиро вуҷуд меорад. Чунин талаботҳо дар ҳар як давра дар хонандагон пайдо шудан мегирад, ва барои он ки он аз байн нараванд, ба муаллимону роҳбарони синф лозим аст, ки ба ташкили муташаккилонаи худтарбиякунии хонандагон диққати махсус диҳанд.

Худтарбиякунӣ дорои методҳои ба худ хос мебошад, ки онҳо чунинанд: худдарккунӣ, худшиносӣ, худфаҳмӣ, худҳавасмандгардонӣ,

худидоракунӣ, худбоваркунӣ, худмустаҳкамкунӣ, худмаҷбуркунӣ, худтақлидкунӣ, худдорӣ ва дигарҳо.

Ба ҳисоб гирифтан лозим аст, ки наврасон ва хонандагони синни калони мактабӣ объекти ғайрифаъоли таъсиррасонии педагогӣ нестанд. Дар онҳо нисбат ба ин таъсиррасонӣ мавқеи дохилӣ ташаккул меёбад, дар вобастагӣ бо онҳо метавонанд ба таври фаъол дар раванди худтарбиякунӣ оид ба худшиносию худтакмилдиҳӣ аз болои худ кор баранд.

Аллакай дар синни соли хурди мактабӣ худтарбиякунии хонандагонро намуди нави фаъолият, фаъолияти таълимӣ муайян мекунад. Ин намуди фаъолият ба тараққи ёфтани сифатҳои иродавӣ, масъулиятнокӣ, муносибатҳои байни шахсӣ дар коллективи синф буда, бовиҷдона дарс тайёр кардан, худро ирода карда тавонистан, равона карда шудааст, ки онҳо ба ибтидои ташаккулёбии бевоситаи худшиносӣ асос мегузоранд.

Дар ҳаёт ҳеҷ чиз ба мисли объективона ба худ баҳо додан мураккабтару аҳамиятнок нест. Аз ин рӯ, мутафаккирони гузаштаи мо дар панду ҳикматҳояшон ҷавононро таъкид кардаанд, ки дар ҳама ҷо худро назорат кунанд, суханҳои беъманӣ нагӯянд, ба худнишондиҳии беасос кӯшиш накунанд, кӯшиш кунанд, ки худашонро фаҳманд ва баҳо диҳанд.

Барои дуруст ба роҳ мондани худшиносии миллӣ сараввал ба ҳалли ду масъалаи асосӣ диққат додани муаллимон зарур аст:

1. Муайян намудани миқдори қоидаҳое, ки барои ташаккули ХМ заруранд ва хонандагон фоидаю зарурати онҳоро дарк менамоянд. Ба ин гурӯҳ қоидаҳои зерин мисол шуда метавонанд: бовиҷдон будан, талаботи муаллимонро бовиҷдона ба ҷо овардан, ҳамеша хайрхоҳу ростгӯ будан, хоҳиши худро ба хоҳиши коллективи синф зич пайвастан, аз бемуваффақиятӣ рӯҳафтода нашудан, барои бартараф кардани

норасоиҳо, душвориҳо кӯшишу ғайрат кардан, аз дигарон омӯхта, аз дигарон пурсидан, бовиҷдону меҳнатдӯст будан, ҳушёру ғамхор бурдан, бодиққату устувор будан, ба ҳамсинфону рафиқон дағалӣ ва ҷангу ҷанҷол накардан, худро нигоҳ дошта тавонистан, ба рафтори худ баҳо додан, аввал фикр баъд амал кардан ва ғайра.

2. Хонандагон дуруст дарк кунанд, ки худфаҳмӣ, худшиносӣ ба онҳо чиҳо медиҳад: ба худ баҳои объетивона додан, имконияту қобилияти худро фаҳмидан, фаъолияти рафторро муайян кардан, ба хатогиҳою каҷравиҳо роҳ надодан, муайян намудани майлу орзуҳои худ, ба ҳамсинфону ҳамсолон диққати махсус додан, мақсад гузоштан, хоксорию арзандагӣ нишон дода, сабабҳои нохушию нофаҳмиро на дар дигарон, балки дар худ ҷустан, бемуваффақиятию камбудиҳоро сари вақт бартараф кардан, аз ҷониби ҳамсинфон, рафиқон, муаллимон ва дигарон сазовари баҳои баланд гардидад, фаҳмидану ҳис кардани шахсияти худ ва ғайра.

Ҳамин тавр, ба хулосае омадан зарур аст, ки моҳияти худтарбиякунӣ тарбия кардану ба камол расонидани шахсиятест, ки ҳамаҷониба тавонад ба ҳаёти ҷамъиятӣ дохил гардад. Худтарбиякунии хонанда ин худаш худбаҳодиҳӣ мебошад. Табиатан дар одамизод имконияти мунтазам худтараққиёбӣ, кӯшиши худ актуалгардонӣ мавҷуд аст.

Худтарбиякунӣ барои хонандагон раванди бомақсадонаи дар худ ташаккул додани сифатҳои арзандаи шахсӣ мебошад, ки дар натиҷа чунин омилҳо хонандагонро ба худтарбиякунӣ ҳавасманд мегардонанд:

1. Хонандагон ҳамон вақт ба худтарбиякунӣ майл менамоянд, ки агар дар онҳо қобилияти таҳлилу баҳодиҳии сифатҳою хусусиятҳо ва шавқи дохилӣ нисбат ба тараққиёту такмилёбӣ пайдо шавад. Одатан чунин ҳолат дар синну соли наврасии хонандагон мегузарад. Дар баробари ин фаромӯш кардан лозим нест, ки баъзе наврасон ва ҳатто

хонандагони синну соли мактабӣ дар раванди худбатарбиякунӣ ба амалҳою рафторҳои хавфноку зараровар тақлид мекунанд.

2. Талаботҳое, ки ҷамъият нисбат ба тараққиёти аъзоёнаш муайян мекунад бояд хонандагоро ба идеалҳои иҷтимоӣ, мисолу намунаҳои маънавӣ ҷалб карда тавонад. Ҳамаи инҳо зарурати масъалаҳои мазкурро оид ба он ки хонандагону ҷавонони имрӯза бояд чӣ гуна бошанд, дорои кадом сифатҳою хусусиятҳо гарданд ба миён мегузорад. Дар раванди худтарбиякунӣ ба он муяссар шудан лозим аст, ки ҳар як хонанда қаҳрамони худро дошта бошад, ҳаёт ва фаъолияти ҳаваси ӯро ба тақлидкорӣ ва тараққиёту такмилёбӣ бедор намояд, инкишоф диҳад.

3. Омили муҳимми худтарбиякунӣ серталабии шахсии худи хонанда ба эътироф намудани мавқеи арзандагии худ дар коллектив, байни ҳамсинфону ҳамсолон мебошад. Агар ин серталабӣ самти солиму сермазмуни маънавӣ дошта бошад, муаллим бояд онро дастгирӣ намоянд. Амалҳои мусбат ва рафтори хуби хонандагонро устуворона қайд кардан, муваффақиятҳои онҳоро ҳавасмандона дастгирӣ намудан, дар бораи ташкил намудани муносибати ғамхорона нисбат ба ҳар як мактаббача кӯшиш намудан лозим аст. Дар айни замон ҳангоми баҳо додан ба ин ё он намуди рафтору амали хонанда, ки худдӯстдории ӯро паст мезанад, мавқеи ӯро дар синфу мактаб суст мегардонад ва дар он нооромиро ба вуҷуд меорад, эҳтиёткорона муносибат кардан лозим аст.

4. Таъсири мусбат расонидан ба ҳавасмандагардонии хонандагон нисбат ба худтарбиякунию худшиносӣ дастгирии ҳамсинфону ҳамсолони худи онҳо дар бораи баланд гардидани сатҳи арзандагии онҳо мебошад.

5. Ба худтарбиякунию XX мисолҳои мусбат аз ҳаёти ҳамсолон, шахсони намоён, созмонҳои талабагии мактаб низ ёрӣ мерасонад.

6. Аз ҷониби муаллимони, мураббиён муйаян намудани дараҷаи мусбати хонандагон ба худшиносию худтарбиякунӣ. Бо ин мақсад муаллимон метавонанд оромонаю устуворона бо чунин саволҳо бо хонандагон суҳбат кунанд: шумо ба худтарбиякуниатон машғул ҳастед?, бо кадом мақсад ба худтарбиякунӣ машғул ҳастед?, худро шинохта ва баҳо дода метавонӣ? Ба ин саволҳо ҷавоб ёфта, хонанда ба худтарбиякунию худшиносӣ бошууронаю бомақсадона муносибат кардан мегирад. Хонанда мефаҳмад, ки ояндаи ӯ на таҳо ба корҳои тарбиявии мактаб, инчунин ба корҳои мустақилонаи аз болои худ кор кардан ва дар раванди худтарбиякунӣ иҷрогардидани он низ вобастагии калон дорад.

7. Дар хонандагон пайдо шудани ҳавас ва кӯшишу ғайрат ба худтакмилдиҳию худшиносӣ. Дар ин ҳолат муаллимон, бояд дар хонандагон фарқи байни худ ва идеалашонро муайян кунанд, барои ба идеал ноил гардидан, бояд онҳо донанд, ки кадом сифатҳоро дар худ ташаккул диҳад, зеро худи хонанда мунтазам дар ҳолати тағйирёбию пешравӣ аст. Идеал худтакмилёбии хонандаро аз ҷиҳати маънавию интеллектуалӣ бой гардонида аз ӯ талаб менамояд, ки дар бораиояндааш фикр кунад ва нақшаи дурнамо созад.

8. Мустақилона аз болои худ кор бурдан дар раванди худтарбиякунӣ. Ин раванд дар иҷро намудани намудҳои гуногуни фаъолият, аз ҷумла хондан, меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ, иштирок дар кори маҳфилҳои фаннӣ, мусобиқаҳою озмунҳо, иҷро кардани супоришҳои муаллимону мураббиён, татбиқ мегардад. Муаллимон ба хонандагон ёрӣ мерасонанд ва иҷроиши татбиқгардии корҳояшонро назорат мекунанд.

Омилҳои номбаргардида давраҳои гуногуни синусолии худтарбиякуниро дар бар мегирад аз ин рӯ, вазифаи асосии роҳбарони синф дар мактаб аз он иборат аст, намунаи барномаи ташаккулдиҳии

ХМ–и хонандагонро дар ҷараёни худтарбиякунӣ тартиб дода, ба он барнома масъалаҳои зеринро дохил намоянд:

– худшиносӣ барои хонанда чӣ маъно дорад ва кадом сифатҳои шахсии ӯро дар назар дорад;

– худшиносӣ ба инсон, аз ҷумла насли наврасу ҷавонон чиҳоро медиҳад;

– дар хонандагон ташаккул додани худшиносӣ ин талаботи шахсӣ аст ё ҷамъиятӣ;

– худбаҳодиҳӣ чӣ маъно дорад ва барои хонанда чӣ фоида мебахшад;

– хонанда ба кадом сифатҳою хусусиятҳои шахсии худ ва сатҳи ташаккулёфтаи худшиносии худ баҳо доданаш лозим аст;

– меъёрҳои баҳодиҳӣ ба сатҳи ташаккулёфтаи ХХ кадомҳоянд;

– худтарбиякунӣ чӣ маъно дорад ва мотиватсияи хонандагон дар худтарбиякунӣ дар чист;

– оғозёбии худтарбиякунӣ аз кадом давраи синну солӣ характери муташаккилонаю бомақсадона мегирад;

– бомуваффақият тараққӣ кардани худтарбиякунии хонандагон ба кадом омилиҳо вобастагӣ дорад;

– дар раванди худтарбиякунӣ бо мақсади дар худ ташаккул додани худшиносӣ кадом корҳоро мустақилона иҷро мекунанд ва аз болои худ кор мебаранд;

– худтарбиякунӣ дар ташаккулёбию тараққиёти ХХ чӣ нақш мебозад;

– боҳамалоқамандии худшиносию худтарбиякунӣ дар чӣ ифода мегардад ва ғайра.

Роҳбари синф, мураббӣ ҳангоми тартиб додани нақшаи корҳои тарбиявӣ бояд оид ба тарбияю ташаккулдиҳии хонандагон шартҳои дар боло номбаргардидаро ба асос гирад.

Хулоса бо маслиҳати мо муаллимону роҳбарони синфҳо барои муайян намудани дараҷаи ХМ–и хонандагон ба тариқи анъанавӣ дар байни 280-нафар хонандагони синфҳои 11–и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи мумӣ пурсиши анкетавӣ гузаронида шуд. Дар анкета омӯзгорон бо саволҳои зерин ба ҳар як хонанда мурочиат намуданд:

1. Падару модарат ба кадом корҳо машғуланд?
2. Дар шумо майли худро фаҳмидану донистан мавҷуд аст?
3. Ба муваффақиятҳою камбудиҳоии рафтору худ баҳо дода метавонӣ?
4. Сифатҳои мусбати рафтору фаъолиятро ба таври реалӣ номбар намоед?
5. Худатро ба ҳамсинфону ҳамсолон муқоиса карда метавонӣ ва аз дигарон чӣ фарқ дорӣ?
6. Дар муносибату муошират аз ҳамсинфону ҳамсолон чӣ гуна баҳо доданро интизор будӣ?
7. Ба ҳамсинфону ҳамсолон аз кадом ҷиҳат баҳо медиҳӣ?
8. Аз ҷониби коллективи синф ва ҳамсолон чӣ гуна баҳодиҳиро нисбат ба худ интизорӣ?
9. Баҳои ба ту додаи ҳамсолон ва ҳамсинфон нисба ба ту ҳаққонианд?
10. Барои худатро нағз шинохтану донистан кадом корҳои мустақилонаро иҷро мекунӣ?

Ба саволҳои гузошташуда, ҷавобҳои хонандагонро ҳамаҷониба таҳлил намуда, ба хулосае омадем, ки қариб 80% -и хонандагон дар бораи худшиносию худбаҳодиҳӣ ва нақши худтарбиякунӣ дар ин раванд пурра ҳам набошад, аммо маълумоти зарурро гирифтанд.

### 1.4. Дарачаи ташаккул ва рушди худшиносии миллии хонандагон

Инкишофи ХМ–и хонандагон аз пайдо гардидану минбаъд такмил ёфтани чунин ҳиссиёти миллӣ: муҳаббат ба ватану халқи худ, ба маданияти миллии тоҷикон ва забони модарӣ; ҳис намудани масъулият нисбат ба тақдири халқу Ватани худ, ҳисси ифтихори миллию ватандорӣ ва ҳифзи истиқлолияти халқу Ватани худ ва ғайра оғоз меёбад.

Ҷараёни ташаккули ХМ–и коллективи хонандагон ва ҳар яки онҳо дар алоҳидагӣ чунин давраҳоро дар бар мегирад:

1. Худмонандии миллӣ-донистани он ки хонанда намояндаи миллати тоҷик аст.

2. Тараққиёти тақсимоти миллӣ ва умумибашарӣ:

a) ташаккули шуури ватандӯстии хонандагон–фаҳмидану донистани чунин меъёрҳо ба Ватан, ба халқи худ меҳрубон будану хизмат кардан; аз худ намудани мазмуни миқдори муайянгардидаи дастуру нишондодҳои ба халқу Ватани худ содиқ будан; пайдоишу тараққӣ ёфтани арзишҳои миллии халқи тоҷик; ташаккулу тараққиёти ҳисси ватандӯстӣ дар асоси ҳисси ифтихори миллӣ; худшиносии таърихӣ; анъана ва расму одатҳои миллати тоҷик;

b) ташаккули муносибати дӯстона доштан ба дигар миллатҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он истиқомат мекунанд.

Ин муносибат дар асоси таҷрибаҳои гузаштаю ҳозира, қолиби ташаккулёфтаи миллати тоҷик (низоми тарбияи хонандагон дар зери таъсири муҳити атроф, оила, хешу табор, ҳамсолон, ҳамсинфон, намояндагони дигар миллат, таъсири корҳои таълиму тарбиявии мактаб ва муассисаҳои таълиму тарбиявии беруназмактабӣ, воситаҳои ахбори умум ва робита барқароркунӣ), мақсади амалиёт, ки ба ташаккул додани маданияти муошират байни халқҳову миллатҳо равона гардидааст, ба роҳ монда мешавад.

3. Ташаккули маданияти сиёсӣ, аз ҷумла дар соҳаи муносибатҳои миллӣ, ки баҳо додан ба вазъияти сиёсӣ, воқеаю ҳодисаҳои сиёсӣ, муносибат ба ҳокимияти сиёсӣ ва ниҳодҳои он, шуурнокию фаъолиятнокии ҷамъиятӣ, фаҳмидани моҳияти рамзҳои давлатӣ, ташаккули ақидаю эътиқодҳо, дӯстдорию бадбинӣ ва тайёр будан баҳри татбиқи фаъолияти таълимию ҷамъиятӣ равона карда шудааст.

Ба ташаккули ХМ–и хонандагон омилҳои гуногун таъсир мерасонад, аз ҷумла муҳити этникии ба халқи тоҷик мансуб буда, анъанаҳо ва расму оинҳои этникии халқи тоҷик; вазъиятҳои ичтимоӣ-этникии ҷумҳурӣ; муносибатҳои фаъоли робитавӣ бо дигар халқҳою миллатҳо; давлат ва ниҳодҳои он; муассисаҳои маданӣ; таълиму тарбиявӣ ва инчунин намояндагони махсуси коллективҳои этникӣ-таърихии пайдоиши халқи тоҷик.

Ба ташаккулёбии ХМ–навиштааст А.И. Соловёв, барои дар сатҳи идеологӣ ва майлу ҳаваси миллӣ фаҳмидани афзалияти миллӣ аз ҳама бештар таъсир мерасонад [140, с.559].

ХМ яке аз масъалаҳо мураккаби психологӣ аст ва ҷудо аз таъсири мутақобили омилҳои дигари асосӣ тараққӣ карда наметавонад. Яке аз ин гуна омилҳои асосӣ омили этникӣ мебошад, ки чунин ҷиҳатҳоро ба тарзи мушаххас ба кадом умумияти этникӣ дохил будани одам, дар айни замон дар кадом доираи умумиятҳои этникӣ хонанда таваллуд ёфта, тарбия гирифтааст, дар давраи бачагӣ барои ташаккулёбии худшиносии шахсӣ ва ХМ–и хонанда чӣ гуна шароит муҳайё карда шудааст. Ин омилҳо дар ташаккули ХМ–и хонандагон нақши муҳим мебозад.

Ба ташаккули ХМ–и хонандагон донистану ба ҷо овардани анъанаҳо ва расму оинҳои миллӣ, махсусан, ҷашни Наврӯз, ки байналмилалӣ гардидааст таъсири калон мерасонад.

Тавре ки тадқиқоти педагогию психологӣ исбот намудааст, давраи наврасӣ ва калони мактабӣ барои тараққиёти худшиносӣ ва

худбаҳодиҳӣ хеле мувофиқ аст. Дар ин давра алоқамандии байни худшиносии фардӣ ва ХМ мустаҳкам гардида, ба инкишофи ХМ асоси устувор мегузорад ва дар ҳаёти хонандагон тағйироти куллӣ ба амал меояд. Ақидаю эътиқодҳо, шууру ҷаҳонбинӣ дар дараҷаи зарурӣ ташаккул ёфта, инчунин аз ҷиҳати фикрию зеҳнӣ ва ҳисси эмотсионалӣ тараққӣ меёбанд. Қобилияти муҳокимаронию баҳодиҳӣ, худбаҳодиҳӣ, худидоракунии онҳо инкишоф ёфта, сифатҳои мусбати маънавӣ ташаккул меёбад. Ҳавасмандии рафтору фаъолият тараққӣ карда, муносибати онҳо ба таълиму донишандузӣ характери мақсаднок мегирад ва ғайра. Ин ҷиҳатҳо барои ташаккулёбии ХМ–и хонандагон боис мешаванд.

Дар ин давраи синнусолӣ омили асосии тараққиёту ташаккулёбии ХМ–и хонандагон, ҷараёни таълим ва корҳои таълиму тарбиявии беруназдарсӣ ба ҳисоб меравад, зеро ҷараёни таълиму тарбия, ҷараёни бомақсад, муташаккилона ва нақшавӣ буда, таҳти роҳбарии муаллим мегузарад. Акнун хонандагон ба таълим на танҳо бо мақсади баҳои мусбат гирифтан назар мекунанд, балки аҳамияту зарурати таълиму донишандӯзиро дар ҳаёт ва фаъолияти оянда дуруст дарк кардан мехоҳанд. Диққати онҳоро ҷавоб ёфтан ба масъалаҳои зиёди ҳаётӣ-иҷтимоӣ, ахлоқӣ, ташаккули ХМ, воқеаю ҳодисаҳо ва ғайра ҷалб мекунад. Онҳо ба донистани масъалаҳои гуногуни соҳаи ХМ, аз ҷумла таърихи пайдоиши халқи тоҷик (аз кадом қавмҳою авлод пайдо шудани тоҷикон) аз куҷо номи тоҷикро гирифтан, чаро тоҷиконро ориёӣ меноманд, таърихи давлатдории тоҷикон ва ғайра майлу хоҳиши ҷиддӣ пайдо мекунад. Ин ҷиҳатҳо ба ташаккулёбии ХМ–и хонандагон ва самаранок гардидани кори муаллим дар ин соҳа ёрӣ мерасонад.

Ба ташаккули ХМ–и хонандагон омилҳои хеле зиёду гуногун таъсир мерасонанд (ба шарте ки ба онҳо характери бомақсадона, муташаккилона дода шавад). Муҳити этникӣ муҳити ба халқи тоҷик мансуб буда, анъанаҳо ва расму оинҳои этникии халқи тоҷик, вазъияти

иҷтимоӣ-этникии ҶТ, муносибатҳои фаъоли робитавӣ ба дигар халқҳою миллатҳо, давлат ва ниҳодҳои он, фаъолияти муассисаҳои маданӣ, таълиму тарбиявӣ, истифодаи мавод аз эҷодиёти даҳонии халқ, донистани фаъолияти аввалин ташкилоти сиёсии ҷавонони тоҷик-футувват (ҷавонмардӣ ва муборизаю қаҳрамониҳои мардуми тоҷик бар зидди аҷнабиёни арабҳою муғулҳо, ба халқи худ хиёнат кардани баъзе намояндагони наслҳои гузаштаи тоҷикон ва ба душманон-македониҳо, арабҳою муғулҳо ёрӣ расонидани онҳо, нақлу ҳикояҳое, ки ба далерию мардонагии мардуми тоҷик, ки баҳри озодию истиқлолият ва несту нобуд сохтани душманон бахшида шудаанд (аз ҷумла, ҳикояву достонҳо аз эпоси гурғулӣ ва қаҳрамонҳои онҳо; мулки ормонии Чамбули Мастон, достонҳо аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ), афсонаҳои асримиёнагии тоҷикон (Эраҷ Паҳлавон, Шоҳзода Фирӯзшоҳ, Салим Баҳодур, Фариштамоҳи зебою Соҳибқалб ва ғайра).

Омили аз ҳама асоситарини ташаккулу инкишофи ХМ–и хонандагон ҷараёни таълим ва корҳои тарбиявии беруназдарсӣ мебошад. Дар раванди таълим шинос шудан ба таърихи давлатдории тоҷикон, муборизаҳои миллию озодихоҳии онҳо, тараққиёти илму адаб, моҳияти давраи аввали ҷадидизм, ақидаю пешниҳодҳои маорифпарварони асри XIX–и тоҷик, махсусан намояндаи барҷастаи он Аҳмади Дониш, ки барномаи ба таври куллӣ тағйир додани сохти давлатдории аморати Бухороро тартиб дода буд, ба ташаккули ХМ–и хонандагон таъсири калон мерасонад.

Дар ташаккули ХМ–и хонандагон ватандӯстӣ ҳамчун ядрои асосии шуури миллӣ ва нишонаи муҳимми ХМ ва ифтихори миллию ватандорӣ маҳсуб меёбад. Дигар самтҳои тарбияю ташаккули худшиносӣ дар атрофи ин ду самти асосӣ муттаҳид мегарданд. Дар рафти озмоиш ин ду самт объекти асосии тадқиқот қарор дода шуда буд.

Ифтихори ХМ–и хонандагони тоҷик ҳиссиёти баланди ватандӯстию ватандорӣ, муҳаббат ба халқу ватани худ, донистани

таърихy тамаддуни миллати тоҷик, фаҳмидани майлу хоҳиши умум, маданияти миллӣ, забони модарӣ ва динро дар бар мегирад. ИМ–и хонандагон дар кӯшишу ғайрати миллӣ баҳри ҳамаҷониба тараққӣ додани анъанаҳо, расму оинҳо, одатҳои миллии халқи тоҷик, хуб донистану қадр кардани забони модарӣ, маданияти миллию рӯҳӣ, барои зарба задан ба онҳое, ки ба озодию истиқлолият, осоиштагии миллии халқи тоҷик қасди таҳдид доранд ё нисбат ба маданияту фарҳанги миллати тоҷикон беҳурматӣ зоҳир менамоянд, тайёр буданро дар бар мегирад.

ИМ–и хонандагону ҷавонони тоҷик дар ифтихор кардан аз он ки халқи тоҷик ба қатори халқҳои қадимаи дунё дохил буда, фарҳанг, анъана ва расму оинҳои қадима дорад, ба ҳамаи монеаҳо нигоҳ накарда, забони модарии худро тоза нигоҳ доштанд, дорои хусусиятҳои фарққунандаи миллӣ мебошад. Ба он ифтихор мекунанд, ки таърихи бою қадимаи давлатдорӣ доранд. Ҳамеша тарафдори сулҳу осоиш буданд ва ҳастанд, барои озодию истиқлолияти миллӣ мардонавор мубориза бурдаанд ва мебаранд. Ифтихор аз он доранд, ки ба мисли Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Ибни Сино, Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Носири Хусрав, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Бобоҷон Ғафуров барин шахсони шуҳрати ҷаҳонидошта дорем ва дар соҳаи илму фарҳанги ҷаҳонӣ ҳиссаи сазовор гузоштаанд; ба он ифтихор мекунанд, ки ватанамон дорои табиати зебою такрорнашаванда ва давлати мустақилу ҳуқуқбунёду дунявӣ мебошад ва ғайра.

Мафҳуми ифтихори миллӣ ба мазмуни мафҳуми ватандӯстӣ ва муҳаббат ба Ватан наздик аст. Ин аз наздикӣ дар намуди ҳисси иҷтимоӣ, принсипҳои маънавӣ ва сиёсӣ маълум мегардад. Мазмуни ватандӯстиро муҳаббат ба Ватан, ба халқу сарзамини худ содиқ будан, ба гузаштаю ҳозираи халқу Ватани худ ифтихор доштан, барои ҳимоя ва ба халқу Ватани худ хизмат намудан ташкил медиҳад. Лаҳзаҳои алоҳидаи

ватандӯстӣ дар намудҳои дӯст доштани падару модар, хешу табор, ҷойи таваллуд, табиату боигарии кишвари худ, дилбастагӣ ба сарзамини авлодӣ, донистану дӯст доштани забони модарӣ, анъанаю расму оинҳои миллӣ, адабиёту санъати миллӣ, таърихи гузаштаю ҳозираи миллати тоҷик ва ғайра ифода мегардад, ки ҳамаи инҳо мазмуни ХМ-и хонандагонро пурра менамоянд.

Устод Муҳаммадулло Лутфуллозода дар китоби «Тулӯи Хуршеди Истиқлол» чи хуш баҳо додаанд ватанро: «Ватан он ҷост, ки бо ҳамроҳи халқу миллат ва дар ҳалқаи онҳо ба камол мерасӣ, ҳунар меомӯзӣ ва дар пайи озодӣ ва ободии он мекӯшӣ. Ватан он ҷоест, ки ману ту, мову шумо рост истодаем, ё нишастаем, заминест, ки кор мекунем, мактабест, ки мехонем, майдон ё толорест, ки машқ мекунем, чашмаест, ки об менӯшем. Ватан мамлакат ва ё сарзамини васеест, ки зодгоҳи туро ҳам дар оғӯши худ фаро мегирад. Оғӯши Ватан мисли оғӯши модар аст. Дар он деҳаҳо, ноҳияҳо ва шаҳрҳои зиёд меғунҷад. Аз ин оғӯши гарм ҳеҷ чиз берун намемонад: на сангаш, на кӯҳаш, на чашмасораш, на дарёҳои хурӯшонаш, на дашту биёбонаш, на ғаллазораш ва на боғу роғаш» [83, с.64].

Ба мақсади муайян намудани сатҳи ташаккули ХМ–и хонандагон ба тарзи анъанавӣ бо 210–нафар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ санҷиши анкетавӣ гузаронида шуд.

Саволҳои анкета мазмуни нимкушодагӣ доштанд, яъне намунаи ҷавобҳо пешакӣ дар назар дошта шуда буд. Илова бар ин, хонандагон пурра имконият доштанд, ки ба саволҳои гузоштаишуда дар шакли озод ҷавоб гардонанд. Сатҳи ХХ дар асоси қисматҳои асосии худи он омӯхтаю таҳлил карда шуданд.

Масалан: Ҷавоб ба саволҳои қисмати марифатӣ

Ба саволи «Миллати шумо (аз рӯйи ҳуҷҷатҳо)»? 98%–тоҷик, 2%–узбек.

Ба саволи «Худро кадом миллат меҳисобед»? 98%–тоҷик, 2%–узбек.

Ба саволи «Кадом нишонаҳо миллати тоҷикро муттаҳид мекунад»? 51%–ҷавоб доданд: 35%–ҷавоб доданд: забон, анъанаҳо, намуди беруна, ягонагии ҳудуд; 14%–и дигар нишонаҳо.

Ба саволи «Шумо ба кадом нишонаҳои номбаршуда мувофиқат мекунед»? 98%–забон, 2%–бетараф

Ба саволи «Шумо худатонро ба ҳайати миллати тоҷик дохил мекунад?» 98,9%–Ҳа, 1,1%–бетараф.

Ба саволи «Аз ҳама бештар кадом анъанаҳо ва расму оинҳои миллии халқи тоҷик ба шумо маъқул аст»? 70%–ҷашни Наврӯз, иди Рамазон, меҳмоннавозӣ, 15%–меҳнатдӯстӣ, 15%–сулҳдӯстӣ.

Ба саволи «Донистани таърихи Тоҷикистонро барои худ зарур мешуморед?» 58%–зарур мешуморем, 34%–дар ҷавоб душвори мекашам, 8%–зарур намешуморам.

Ба саволи «Шумо ба таърихи гузаштаи давлатдории тоҷикон чӣ гуна баҳо медиҳед?» 54%–мусбат, 28%–душворӣ мекашам, 18%–фикр накардам.

Ба саволи «Шахсан шумо худро дар ин соҳа масъулиятнок ҳис мекунед?» 45%–ҳа, 22%–не, 33%–дар ин бора фикр накардам.

Ҷавоб ба саволҳои қисматӣ, эмотсионалӣ – баҳодиҳӣ:

Ҷавоб ба саволи «Шумо ба тоҷиконе, ки майли тамошои симои Тоҷикистонро надорад, бо дигар забон байни худ ҳарф заданро маъқул медонанд, чӣ гуна баҳо медиҳед?» 80%–ҷавоби манфӣ доданд, 20%–бетараф ва ягон ҷавоби мусбат набуд.

Ҷавоб ба саволи «Шумо ба онҳое, ки баҳри озодию истиқлолияти халқу Ватани худ ҷонфидоӣ кардаанд, чӣ гуна баҳо медиҳед?» 38%–мусбат, 32%–бетараф, 30%–фикр накардам.

Ҷавоб ба саволи «Шумо ба омӯхтани табиати кишвари худ ҳавасманд ҳастед?» 70%–ҷавоби мусбат, 25%–манфӣ, 5%–намедонам.

Ҷавоб ба саволи «Шумо зодгоҳатонро дар Тоҷикистон ба дигар ҷой иваз кардан мехоҳед?» 50%–мусбат, 30%–бетараф, 20%–муайян карда наметавонам.

Ҷавоб ба саволи «Вақте ки тоҷикон дар мусобиқаҳои варзишии ҷаҳонӣ иштирок намуда ғолиб мебароянд, худро чӣ гуна ҳис мекунед?» 80%–мусбат, 20%–бетараф.

Ҷавоб ба саволи «Шумо худро ватандӯсти ҳақиқӣ мешуморед?» 50%–худро ватандӯст баҳо доданд, 20%–ҷавоб доданд «не», ва 30%–муайян карда наметавонам.

Ҷавобҳо ба саволҳои қисмати рафтор:

Ҷавоб ба саволи «Шумо таърихи гузаштаи миллататонро медонед ва дӯст медоред?» 30%–мусбат, 27%– не, 43%–бетараф.

Ҷавоб ба саволи «Забони модариатонро дӯст медоред ва ба он озодона сухан гуфта метавонед?» 38%–метавонад ва дӯст медоранд, 42%–намедонам, 20%–фикр накардам.

Ҷавоб ба саволи «Кадом анъанаҳо ва расму оинҳои миллиро дар ҳаёти ҳаррӯзаатон риоя мекунед?» 23%–ҷавоб доданд, 47%– не, 30%–ҳеҷгоҳ.

Ҷавоб ба саволи «Шумо ба рафтори онҳое, ки барои тараққиёти минбаъдаи Ватан худро масъул мешуморанд, чӣ баҳо медиҳед?» 38%–мусбат, 45%–бетараф, 17%–манфӣ.

Ҷавоб ба саволи «Шумо ба рафтори онҳое, ки ба гурӯҳҳои террористӣ, салафия, экстремистӣ ва ғайра дохил гардида, пинҳонӣ аз Тоҷикистон ба Афғонистон, Ироқ, Сурия рафта, ба муборизони бо ном «давлати исломӣ» ҳамроҳ гардида, ба одамкушию ғоратгарӣ машғуланд, чӣ гуна баҳо медиҳед? 70%–манфӣ, 20%–бетараф, 10%–тарафдор.

Ҷавобҳои хонандагонро таҳлил намуда, ба хулосае омадем, ки ХМ–и 73%–хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар сатҳи паст ҷойгир аст. Ин ҳолат на танҳо омӯзгорон, балки падару модарон, аҳли ҷомеаро вазифадор менамояд, ки дар атрофи ин масъала

ба таври ҷиддӣ фикр кунанд. Ҷустуҷӯйи роҳҳою воситаҳои самаранок ва ба роҳ мондани тарбияю ташкили ХМ–и насли наврасу ҷавонон ба масъалаи актуалии замони муосир табдил ёфтааст.

Дар асоси таҳлили моҳияту мазмуни категорияҳои педагогии ХМ ва дараҷаи ташаккули он дар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба чунин хулоса омадем:

1. Тартиб додани амсилаи ташаккулдиҳии ХМ–и хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсие, ки дар раванди таҳқиқот нақши барномаро иҷро менамояд (Дар расми1 нишон дода шуда аст).

Намунаи амсилаи ташаккули ХМ–и хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ мазмунан аз қисматҳо ё лаҳзаҳо иборат аст:

**Расми 1.**

**Амсилаи ташаккули ХМ–и хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ**



1. Асоснок намудани зарурияти мавзуи тадқиқот:

a) ба қатори масъалаҳои муҳимми давраи сиёсӣ, сохтмони ҷомеаи шаҳрвандӣ дохил будани ташаккули ХМ–и насли наврасу ҷавонон;

b) омӯхтани адабиёти илмӣ ва муайян намудани дараҷаи таҳқиқоти масъалаи ХМ–и хонандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он.

2. Тартиб додани дастгоҳи мавзуи таҳқиқот: мақсад, объект, предмет, фарзия, методҳо ва вазифаҳои тадқиқот, асосҳои илмӣ–методологии тадқиқот, давраҳои асосии тадқиқот, навигариҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявию амалии тадқиқот, дурустӣ ва аниқии таҳқиқот ва ғайра;

3. Ба таври мушаххас муайян гардидани моҳият, мазмун ва мафҳуми «ХМ», ки корҳои озмоишӣ дар раванди таҳқиқот баҳри ба даст овардану дар амал татбиқ намудани онҳо нигаронида шуд.

a) моҳият ва мафҳуми «ХМ» ҳамчун қисмати марказии «Худшиносии умумӣ»;

b) сохти ташаккули ХМ–и хонандагон, ки компонентҳо, принсипҳо, дараҷаҳои ташаккулёбӣ, давраҳои ташаккулёбии ХМ, худтаҳлилкунию худтарбиякунӣ ва худбаҳодиҳӣ, донистани моҳияти шахсияти «Ман»–и консепсия ва ғайраро дар бар мегирад;

c) худшиносӣ: мазмун, сохт, компонентҳо ва давраҳои ташаккули он ҳамчун асоси умумии ташаккули ХМ–и хонандагон;

4. Ташаккули ХМ–и хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ:

a) омӯхтан ва таҳлили барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии таърихи халқи тоҷик барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муайян намудани арзиши он дар ҳалли масъалаҳои ХМ;

b) ба таври назариявӣ ва амалӣ муайяну асоснок намудани маводи таълимӣ, китобҳои дарсии фанни таърихи халқи тоҷик дар ташаккули ХМ–и хонандагон;

c) муайян намудану дар раванди таълими таърихи халқи тоҷик истифода бурдани шаклҳо ва методҳои самараноки ташаккули ХМ–и хонандагон;

d) ба ҳисоб гирифтани мувофиқати хусусияти маводи таълимии таърихӣ, вижагиҳои давраҳои синнусолии хонандагон ва хусусиятҳои ташаккулёбии худшиносии онҳо;

e) зарурати корҳои беруназдарсии ба таърихи халқи тоҷик алоқаманд ва аҳамияти онҳо дар ташаккулёбии ХМ–и хонандагон;

f) зарурати аз сарчашмаҳои дигар истифода намудани мавод, мисолҳою далелҳо дар ташаккулёбии ХМ–и хонандагон;

g) бо силсилаи донишҳои мукаммали илмӣ–таърихӣ, ки асоси ташаккули ХМ–и хонандагонро ташкил медиҳад, ошно намудани хонандагон;

h) мунтазам ва давра ба давра назорат кардани раванди ташаккули ХМ–и хонандагон, баровардани хулосаҳо ва ба нақша гирифтани чорабиниҳо вобоста ба ташаккули худшиносии миллӣ.

5. Ҷамъбасти натиҷаи тадқиқот бо назардошти:

a) ба таври назариявию амалӣ, таҷрибавӣ–озмоишӣ асоснок намудани нақши таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ дар ташаккулёбии ХМ–и хонандагон;

b) баровардани хулосаҳои ҷамъбастӣ, навиштану чоп намудани тавсияҳо мақолаҳо, дастурҳои методӣ ба ёрии муаллимон.

6. Ҷараёни ХМ–и хонандагон дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ;

– пеш аз ҳама риоя намудани талабот ва вазифаҳои маълумотдиҳӣ, тарбия ва рушди (тараққӣ додани қобилияти фикрӣ, дарккунӣ, баҳодиҳӣ, рӯҳӣ ва ғайра), таълими таърихи миллати тоҷик дар ҳар як дарс;

– ба хонандагон дар бораи «Авесто», сохти давлатдорӣ ва сохти сиёсию иҷтимоӣ дар замони Авестоӣ маълумоти муфассал додан;

– ба хонандагон дар бораи мардуми ориёӣ ва ба онҳо мансуб будани аҷдоди халқи тоҷик, ҷудо шудану мустақил гардидани қабилаҳои қадимаи тоҷикон додани маълумот;

– шинос шудани хонандагон ба муборизаю қаҳрамонии гузаштагон бар зидди аҷнабиён, аз ҷумла македониҳо, муғулҳо, арабҳо ва дигарон; шӯришҳо ва ҷунбишҳои мардумӣ бахри истиқлолият;

– дар бораи номи тоҷик ва ташаккулёбии халқи тоҷик маълумот додан;

– ба хонандагон дар бораи давлатҳои асримиёнагии тоҷикон маълумоти муфассал додан;

– дар бораи ташкил ёфтани давлатҳои миллии тоҷикон ва сабабҳои аз байн рафтани он маълумот додан;

– ба инкишофи илм, адабиёт, санъати миллии тоҷикон дар давраҳои гуногуни таърихӣ шинос намудани хонандагон;

– ба хонандагон дар бораи забони модарӣ ҳамчун нишонаи давлату миллат, анъанаҳо ва расму оинҳои миллии халқи тоҷик маълумот додан;

– дар хонандагон ташаккул додани майлу хоҳиш ва талабот ба хуб донистани гузаштаи миллати худ, донистани хусусиятҳои миллии тоҷикон, шинохти худ ҳамчун намояндаи миллати тоҷик ва ғайра;

– дар бораи истиқлолияти миллию давлатӣ, рамзҳои давлатӣ ваҳдати миллӣ, сохти ҷамъиятӣ, шаҳрвандӣ, эътирофи ҷаҳонӣ ёфтани давлати тоҷикон, дӯстии миллатҳо, маълумоти муфассал додан ва ғайра;

– оид ба таъсисёбии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ва сохтмони сотсиализм маълумоти муфассал додан;

– шинос намудани хонандагон ба корнамоиҳои фарзандони халқи тоҷик дар фронтҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва ақибгоҳ, азнавбарқароркунии хоҷагии халқ, сотсиализми мутарақӣ ва ғайра.

Масъалаҳои номбаргардида объекти озмоишии педагогиро дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ ташкил дод.

## Хулосаҳои боби якум

Истиқлолияти ҶТ аз насли наврасу ҷавонон, ки ояндаи миллат мебошанд, дараҷаи баланди донишу маълумот, ҳисси баланди инсондӯстӣ, ватандӯстӣ, миллатдӯстӣ, шуурнокии ҷамъиятӣ, ифтихори ватандорӣ, ваҳдати миллӣ, таффакури нав, олами бойи рӯҳӣ, маънавӣ, зебоипарастӣ, худшиносии фардӣ, ХМ ва дигар сифатҳои ахлоқӣ ҳамидаи инсонро талаб мекунад. Онҳо бояд дар миқёси ҷаҳон муарификунандаи нангу номус, шаъну шараф, қобилияту истеъдод ва тамаддуни волои миллати тоҷик бошанд.

Асосҳои назариявии моҳияти мафҳуми ХМ, давраҳои ташаккули ХМ–и хонандагон, пешниҳодҳо дар барои муайян намудани сатҳи ташаккули ХМ–и хонандагон, дар кадом сатҳ ҷойгир будани ХМ–и хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, намунаи модели ташаккули ХМ–и хонандагон, қисмҳою зерқисмҳои ХМ, таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар корҳои беруназдарсӣ ва масъалаҳои асосие, ки дар раванди таълими фанни мазкур дар синфҳои озмоишӣ бояд татбиқ гарданд, инъикоси худро ёфтаанд, ки мо онҳоро дар чунин шакл баррасӣ ва баҳогузорӣ намудем.

1. ХМ ҳамчун маҷмуи арзишҳои миллӣ, ормонҳои миллӣ, инъикоскунандаи хусусиятҳои миллӣ, ба кадом иттиҳодияи этникӣ дохил будан, сатҳ ва хусусиятҳои пешниҳодкардаи иттиҳодияи миллӣ оид ба таърихи гузашта, ҳозира ва тараққиёти ояндаи миллат, хусусиятҳои этникии миллат, шароити иҷтимоию фарҳангии миллат, маданияту санъат, анъанаю расму оинҳои миллати тоҷик баҳо дода шудааст.

2. Дар боби мазкур оид ба таърихи пайдоиши ХМ, давра ба давра инкишоф ёфтани ХМ, нишонаҳои асоснок намудаи (сохти давлатдорӣ, ҷойи истиқомати доимӣ, забон, анъана, дин ва расму оинҳои миллӣ), майлу хоҳиш ба арзиши миллӣ, компонентҳои умумимиллӣ ва омилҳои таъсиррасонии худшиносии миллие, ки пурра ба миллати тоҷик мансубанд ба хонандагон маълумоти зарурӣ дода шуда, баҳогузорӣ шудааст.

3. Ҷараёни ташаккули ХМ–и хонандагон ҳамон вақт ба муваффақият ноил гардид, ки худшиносии фардию умумии хонандагон, ба худтарбиякунию худбаҳодиҳӣ алоқаманд кунонида шуда, баҳогузорӣ гардид.

4. Дар ташаккули худшиносии умумӣ хонандагон, пеш аз ҳама ба моҳият, мазмун, сохт, алоқамандӣ, сохти худшиносии умумӣ ва ХМ, ҳамчун ҷараёни мураккаби педагогию психологӣ, нақши дарккунанда ва даркшаванда дар ХМ, обрӯпайдокунӣ, худхоҳишӣ, моҳияти образи «Ман», қисматҳои когнитивӣ, эмотсионалӣ-баҳодиҳӣ, ва рафтор, худфаҳмию худбаҳодиҳӣ, назарногирӣ ва ғайраро дар бар мегирад маълумот дода шудааст.

5. Ҷузъҳои худшиносӣ нишондиҳандаи дараҷаи баланд, миёна ва паст мебошад, ки дар ташаккули ХМ–и хонандагон онро худбаҳодиҳӣ низ меноманд. Аниқтараш мазмуни ин нишондиҳандаҳо аз тарафи хонандагон (ба сифат, қобилият, имконият, фаъолият, ва рафтор) баҳо дода мешавад ва ғайра.

Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки ХМ–и хонандагон на танҳо аз тарафи онҳо донистани хусусиятҳои психологӣ, сифатҳои маънавӣ, нисбат ба худ муносибати эмотсионалию арзандагӣ доштан, рафтори худро ба тартиб даровардан, муносибату муошírати худро назорат кардан, дар лаҳзаҳои гуногун худро идора карда тавонистан, ба муваффақияту камбудиҳо ноил гаштан, балки ба сифатҳои худшиносии шахсии худ баҳо доданро низ дар бар мегирад.

# БОБИ 2. ИМКОНИЯТИ ПЕДАГОГИИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК ВА НАҚШИ КОРҲОИ БЕРУНАЗДАРСӢ ДАР ТАШАККУЛИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ ХОНАНДАГОН

## §2.1. Асосҳои илмӣ-педагогии ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик

Таълими фанни таърихи халқи тоҷик ҷараёни муташаккилона, бомақсадона, мунтазам ва нақшавии фаъолияти якҷояи муаллиму хонандагон буда, хонандагон дар рафти он ба дониш, маҳорат, малака, худомӯзӣ, худмаълумотгирӣ ва тасаввуроти илмӣ муссалаҳ мегарданд, дар натиҷа дар онҳо шуурнокии сиёсӣ, фаъолияти иҷтимоӣ, худшиносии шахсию миллӣ ташаккул меёбад.

Таълими фанни таърих тоҷик дар умум ба хонандагон ахборти илмии таълимӣ ва маҳорату малакаҳое омӯзонад, ки барои ташаккул додани сифатҳои шаҳрвандӣ, ҷамъиятӣ, демократӣ, шуурнокии сиёсӣ, ва ХМ–и хонандагон ёрӣ мерасонад.

Ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик он далелҳо ва маълумотеро дар бар мегирад, ки дар ташаккули ХМ–и хонандагон асоси устувор гузошта метавонад.

Дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик ахбор аҳамияти бевоситаи тарбиявӣ дошта, чунин омилро ба мисли рефлексҳои роҳбарикунанда ё худ пешбарандаро дар намуди ҳавас, кунҷкобӣ, шавқу мароқ дар бар мегирад, ки ин ҳам барои ташаккули ХМ–и хонандагон хеле зарур ва аҳамиятнок мебошад.

Таълими фанни таърихи халқи тоҷик ҷараёни худмуайянкунӣ, худшиносӣ, худбаҳодиҳӣ дар низоми умумии ХМ мебошад. Дарк кардану донистани ҳақиқати таърихӣ дар ҳар як зинаи ҳаёти ҷамъиятӣ, он чизҳои наверо медиҳад, ки ба тараққиёту ташаккули шахсии хонандагон аз ҷиҳати маънавию сиёсӣ ёрӣ расонада, қувваи рӯҳии

онҳоро дар худмаълумотгирию худтарбиякунӣ мустаҳкаму устувор мегардонад.

Ҷараёни таълим яке аз ҷараёнҳои ҷузъӣ буда, бо таълими компонентҳои зеҳнӣ, равонӣ, ҷисмонӣ алоқамандии зич дорад, ин алоқамандидар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик бевосита амалӣ шуда, дар ташаккули ХМ–и хонандагон мусоидат мекунад.

Ҷараёни таълим ба ҷараёни дарккунӣ, баёдоварии ахбор, фаҳмидану донистан, аз худ кардан, ба система даровардан, аз нав кор кардан, қиёс кардан, ҷустуҷӯю дастрас намудани далелҳо, фаҳмидану дар хотир нигоҳ доштани донишҳо, тағйир ёфтани рафтор ва ба беҳтар намудани мутобиқшавии олами атроф оварда мерасонад. Ҳамаи ин ҷиҳатҳо дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик амалӣ карда мешаванд, ки дар маҷмуъ барои ташаккули ХМ–и хонандагон заминаи устувор мегузоранд.

Ҳамин тавр, ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик на танҳо маҷмуи донишҳоест, ки хонандагон барои баҳо гирифтан аз худ менамоянд, балки ҷараёни ташаккули характер,ирода, тафаккур, шуур, ҷаҳонбинии илмӣ ва сифатҳои ахлоқӣ мебошад.

Ягонагии мақсад ва вазифаҳои маълумотдиҳӣ, тарбиядиҳандагӣ ва тараққидиҳандагӣ бояд ба ҷараёни корҳои беруназдарсии таълими фанни таърихи халқи тоҷик алоқаманд бошад, то ин ки дар ташаккули ХМ–и хонандагон низоми ягонаи шуур, ҷаҳонбинии илмӣ, дониш ва маҳорату малакаҳо барои ҳалли масъалаи мазкур имконияти таҳқиқро фароҳам оварад.

Маҷмуи омилҳои номбаргардидаро ба асос гирифта, чунин мешуморем, ки самаранокуэҷодкорона ташкил кардану ба роҳ мондани ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар алоқамандии корҳои беруназдарсӣ яке аз омилҳои муҳимми ташаккулдиҳии ХМ–и хонандагон ба ҳисоб меравад.

Дар раванди таҳқиқот дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик чунин нишондодҳои педагогӣ ба асос гирифта шуд.

1. Мазмуни вазифаҳои маълумотдиҳӣ, тарбиятдиҳӣ, ва тараққидиҳандагиро дар ҳар як дарси таълими фанни таърихи халқи тоҷикро тасдиқ намоянд.

2. Нақши ва манзалати таълими фанни таърихи халқи тоҷикро дар ташаккули ХМ–и хонандагон ба таври мушаххас муайян намоянд.

3. Аз бобҳо ва мавзуъҳои барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии таълими фанни таърихи халқи тоҷик барои ташаккул додани ҳисси ХМ–и хонандагон, омӯзгорон бояд далелҳо ё маводҳоеро интихоб намоянд, ки дар ҳалли масъалаи мазкур нақши сазовор гузошта тавонад.

4. Дар доираи бобҳо ё мавзуъҳои таълимӣ омӯзгор на танҳо аз китоби дарсӣ, балки аз дигар сарчашмаҳои илмӣ низ дар дарсҳо истифода намуда, мазмуни онро мунтазам ва пай дар пай ба хонандагон шарҳ диҳад.

5. Хусусиятҳои давраҳои таърихии халқи тоҷик ба ҳисоб гирифта шавад, зеро мумкин аст, ки ин хусусиятҳо ба ташаккули ХМ–и хонандагон ба тарзҳои гуногун таъсир расонанд ва ғайра.

Таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар ташаккули ХМ–и хонандагон аз рӯйи принсипи ҳамгироӣ гузаронида мешавад.

Бо мақсади самаранок гузаронидани таҳқиқот дар синфҳои 5–8 бобҳо ё мавзуъҳое интихоб карда шуданд, ки аз ҷониби муаллимон баён кардани мазмуни онҳо дар ҳалли масъалаи ташаккули ХМ–и хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик таъсири мусбат расонида метавонанд.

Масъалан хонандагон мавзуи «Давлати Каёниён ё Сулолаи таърихии Каёниён»–ро омӯхта, пеш аз ҳама ба мафҳуми «Давлат», муттаҳидӣ бар зидди душманон, кӣ будани ориёиҳои муқимӣ, шинос мешаванд. Дар шахсияти Рустам бошад шахси таърихиеро мебинанд, ки

дорои сифатҳои баланди мардонагию далерӣ, миллатдӯст ва ватандӯсти асил мебошад.

Мисоли сулҳномаи шоҳи Турониён Афросиёб, ки барои муттаҳид гардонидани ориёиҳо пешниҳод карда шуда буд «Турониён ва ориёиҳо ҳама як нажоданд ва авлод ҳастем, дубора ба ҷангҳои бародаркӯшӣ даст намезанем» дар ташаккули худшносии миллии хонандагон нақши созгор бозид.

Дар намунаи мисоли овардашуда хонандагон дар бораи зарурати муттаҳидии халқ, сулҳу ваҳдат тасаввуроти зарурӣ пайдо карда, дарк менамояд, ки ҳанӯз дар замонҳои қадим низ дар рӯҳияи аҷдоди гузаштаи мо худшиноси миллӣ вуҷуд доштааст. Донистани ин ҷиҳатҳо барои ташаккули ХМ – и хонандагон хеле аҳамиятнок мебошад.

Таҳқиқот собит намуд, ки омӯхтани мавзуи «Давлати мутамарказонидашудани ориёиҳо дар замони Гуштосп» дар ташаккули ХМ – и хонандагон нақши муҳим мебозад, зеро худшиносии наслҳои навраси тоҷик аз донистани таърихи давлатдории миллӣ сарчашма мегирад. Хонандагон дар ин мавзуъ Гуштоспро ҳамчун шоҳи боақлу доно, инсонпарвару ватандӯст, воқеъбину сиёсатмадор дарёфтан, ки барои нигаҳ доштани тамаддун ва хувияти милии ориёиҳо ба як зумра комёбиҳо ноил гаштааст.

Азхудкунии низоми донишҳои илмии барои ташаккули ХМ хеле заруранд. Ин низоми донишҳо барои зина ба зина пеш рафтани ҳисси ташаккули ХМ – и хонандагон асос мегузоранд.

Дар бораи «Авесто» донишҳои мукаммали илмӣ гирифтан низ дар ташаккули ХМ–и хонандагон нақши муҳим мебозад. Бо назардошти ин ҷиҳатҳо, дар синфҳои панҷуми озмоишӣ дар бораи «Авесто» санҷиш гузаронида шуд, ки дар натиҷа ҳам хулосаҳои ҷамъбастӣ бароварда шуд ва ҳам хонандагон дар бораи «Авесто» маълумотҳои зуруриро аз худ намуданд.

Хонандагон дарк намуданд, ки «Авесто» асари қадимаи илмию эҷодии мардуми тоҷик буда, дар он масъалаҳои фолклорӣ, географӣ, астрономӣ, биологӣ, ботаникӣ, табиатшиносӣ, ахлоқӣ, тиб, фалсафӣ, адабиёт, таърих, таълиму тарбия ва ғайра пурра баён гардидааст, ки он ифтихори ҳар як наслиояндасози миллати тоҷик аст. Аниқтараш ифтихор аз он бояд дошт, ки ҳеҷ миллат дар ҷаҳон ба мисли «Авесто» чунин асари қадимаи таърихӣ надорад. Мо бояд ҳамеша аз панду андарзҳои дар «Авесто» инъикосгардида бохабар бошем, донем, ки маънавиёти миллати мо аз таълимоти маънавии он «гуфтори нек», «рафтори нек» ва «пиндори нек» ибтидо гирифтааст [97].

Дар ҷамъбаст хонандагонро бовар кунонидан лози аст, ки «Авесто» сарчашмаи қадимаи таърихӣ, манбаи тавонои маълумотдиҳӣ дар бораи гузаштаи халқи тоҷик мебошад. Дарк карданашон лозим аст, ки ХМ–и онҳо ва мардуми тоҷик аз донистану қадр кардани «Авесто» сарчашма мегирад.

Тадқиқот нишон дод, ки дар бораи кӣ будани Зардушт ва таълимоту ислоҳоти ӯ маълумоти илмӣ доштан низ ба ташаккули ХМ–и хонандагон бевосита ёрӣ мерасонад. Аз ин рӯ, бо тавсияи додаи мо муаллимони синфҳои озмоишӣ ҳангоми гузаронидани дарс диққати хонандагонро ба дуруст дарк кардани масъалаҳои зерин ҷалб намуданд:

– Донистани ислоҳоти ҳанӯз дар асрҳои VIII–VII пеш аз мелод, аз ҷумла ситоиши некӣ, сарзаниш, бадӣ дуруғгӯӣ, бухл, рашк, бадгӯӣ, ғайбат, фиребу найранг ва ғайра.

– Таълимот дар бораи «гуфтори нек», «кирдори нек» ва «пиндори нек», ки асоси маънавиёти инсон аст ва дар байни ориёинажодҳо паҳн гардидани он.

– Бар зидди ғоратгарони кӯчманчӣ баромадан, мардумро ба зиндагии муқимӣ ва хоҷагидорӣ даъват намудан, алайҳи ҳукмронии беадолатона баромад намудан, таблиғи ғояҳои адолатпарварӣ ва некию накукорӣ, аз хирадмандии аҷдоди қадима ифтихор кардан ва ғайра.

Зардушт дар готҳо тарғибкунандаи ободонӣ ва ривоҷ додани кишту кор мебошад. Ӯ дини худро дини ростӣ номида, мардумро ба худошиносии оқилонаю хирадмандона ва интихоби озодона даъват намудааст.

Хонандагон аз мавзуи баррасишуда бояд донанд, ки дини зардуштия ва ислоҳоти гузаронидаи «Зардушт» ба манфиати одамон буда ба пешравии ҷомеа нигаронида шудааст, вале баъзе ашхосоне буданд, ки аз сабаби камхирадӣ ва надонистани таълимоти Зардушт, зардуштиёнро оташпараст эълон карда, онҳоро зери маломат мегирифтанд. Чунин рафтор нисбат ба таъриху фарҳанг ва ҳисси худшиносии гузаштагони миллати тоҷик нобахшиданист, зеро дини Зардушт дар давоми қариб ёздаҳ аср, дар таърихи давлатдорӣ, фарҳангдорӣ, инкишофи маънавиёт, тарбияю ташаккули наслҳои гузаштаамон нақши муҳим бозидааст.

Дар анҷоми омӯзонидани мавзуъҳои номбаргардида оид ба муайян намудани сатҳи донишҳои ба ташаккули ХМ–и хонандагон асосгузошта, санҷиши тестӣ гузаронида шуд, ки он саволҳои зеринро дар бар гирифта буд:

1. Шумо ба чӣ гуна шоҳ баҳои баланд медиҳед?
2. Пешниҳоди Зардушт дар бораи яктопарастӣ, ташкил намудани давлати бузург ва гардидани Гуштосп ҳамчун шоҳ дуруст буд?
3. Дини Зардушт дар муттаҳид гардонидани ориёиҳо (авлоди қадимаи тоҷикону форсҳо) чӣ гуна нақш бозид?
4. Дини Зардуштӣ ба бой гардонидани фарҳангу маънавиёти ориёиҳо кумак расонида тавонист?
5. Ислоҳоти гузаронидаи Зардушт ба пешравии ҷомеа ва зиндагию фаъолияти Ориёиҳо ёрӣ расонида тавонист?
6. Дар давраи қадим авлоди гузаштаи мо давлат доштанд?

Маълум гардид, ки ба таври пурра ҳам набошад, ҷавобҳои гардонидаи қариб 70%–и хонандагон дуруст аст. Онҳо ба сиёсати

давлатдории Гуштосп, дурустии ислоҳоти Зардушт, нақши пешқадам доштани дини зардуштӣ дар ҳаёти ҷамъиятию инсонӣ баҳои дуруст дода бовари худро мустаҳкамтар гардониданд. Ин исботи он аст, ки дар хонандагон маҳорати баҳо додан ба масъалаи ХМ бахшидашуда дар дараҷаи зарурӣ инкишоф ёфтааст.

Таҳқиқот собит намуд, ки хонандагон ҳангоми омӯхтани мавзуъҳои «Ҳахоманишиён» дар барои аввалин империяи ҷаҳонӣ, ки онро Куруши Кабир ташкил карда буд маълумоти зарурӣ гирифта, Курушро ҳамчун шахси инсондӯст, толибилм, пурҳикмат, ростқавл, ҳақиқатталаб, адолатпараст, ки тарафдори фарҳанги бузург миллат буд дарёфтан.

Хонандагон дарк намуданд, ки ҳатто Арастуи хирадманд ба империяи Куруши Кабир бо ифтихор баҳои арзанда дода қайд намудааст: Дар замони шоҳигарии Куруши Кабир ориёиҳо озод буданд, яъне як қадор ислоҳотҳо, аз ҷумла, дар империяи Ҳахоманишиён истиқомат доштани зиёда аз 70–халқиятҳои гуногун забон, империяро ба 20 ё 30 вилоят ҷудо карда, муайян намудани вазифаҳои маъмурӣ ва ҳарбӣ, ба муомилот баровардани ислоҳоти пулию молӣ ва сикка задани тангаҳои тиллоӣ, нуқрагӣ, мисӣ, шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардани кушодашавии роҳи бузурги Абрешим, ва дигарҳо ба миён омад, ки ин мояи ифтихори ҳар як насли навраси эронинажод мебошад.

Низоми донишҳои азхудкардашудаи хонандагон оид ба бузургии империяи Ҳахоманишиён дар ташаккул ёфтани ХМ–и онҳо асоси илмии устувор гузошт.

Мавзуъҳои «Ҳуҷуми Искандари Макдунӣ ба Осиёи Ғарбӣ», ва «Мубориза Спитамен бо Искандар дар кӯҳистони Суғду Бохтар» ба хонандагон ( қатл кардани ҳазор нафар муҳофизатгарони яке аз қалъаҳо, дар кӯҳ чормех кардани 30–нафар сарварони муҳофизатчиён, несту нобуд кардани шаҳру деҳоти атрофи Суғд ва ба қатл расонидани 120 ҳазор ориёиҳои Суғд, ҳилаю найранги Искандар, хонадор кардани

духтарони Суғду Бохтар босарлашкарон, худро вориси тахти Ҳахоманишиён эълон кардани Искандар) донишҳои мукаммалу асосноки дарки ХМ нисбат ба гузаштаноги худ медиҳад.

Муаллимон ҳангоми гузаронидани дарсҳо синну соли хонандагон ба инобат гирифта бо методҳои суҳбат ва ҳикоя тавсияҳои додаи моро дар сатҳи баланд иҷро намуданд. Дар натиҷа мақсади гузошта шуда, оид ба масъалаи ташаккули ХМ–и хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ҳаллу фасли худро ёфт.

Таҷриба нишон дод, ки аз худ намудани далелҳои номбаргардида ба ташаккули чунин лаҳзаҳои ХМ асос гузоштанд:

a) дар мисоли рафтори ваҳшиёнаю ғоратгаронаи Искандар ва сарлашкарони ӯ дар хонандагон ҳисси нафрат доштан ба душманони беруна пайдо мешавад;

b) дар мисоли муҳофизатчиёни шаҳру деҳот бошад хонандагон шахсони сулҳҷӯ, нотарсу далер ва ватандӯстро мебинанд, ки рафтору амали онҳо намунаи ибрат ва воситаи ташаккули ХМ аст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки чунин тарзи хулосабарорӣ, таъсири омӯзиши маводи таълимиро дар ташаккули ХМ–и хонандагон боло мебардорад.

Инчунин, донишҳо дар бораи корнамониҳои қаҳрамононаи Спитамен дар мубориза бар зидди лашкари македониҳо, аз ҷумла дар биёбон шикаст додани душман, торумор кардани македониҳо дар Суғду Бохтар, дар Боғ ба ҷанг даромадани Спитамен бо дастааш, ба муҳосира афтидани қӯшуни ориёиҳо, бар зидди душман мардонавор ҷангидани онҳо ва аз дасти зархариде ба қатл расонидани Спитамен дар ташаккули ХМ–и хонандагон нақши муҳим мебозад, зеро хонандагондар раванди омӯзиш хусусиятҳои қадимаи озодихоҳию мардонагӣ ва ватандӯстии аҷдоди гузаштаро дарк менамоянд.

Мавзуи «Империяи Кушониён» диққати хонандагонро ба худ бештар ҷалб намуд. Империяи Кушониён барои он диққати

хонандагонро ба худ ҷалб намуда аст, ки он дар асри III–и пеш аз мелод ташкил ёфта, 400–сол давом кардааст.

Хонандагон аз муҳтавои ин мавзу доир ба чорабиниҳои давлатӣ, иқтисодӣ, ба таври расмӣ эълон гардидани забони давлатӣ забони бохтарию ориёӣ, аз унсурҳои бегона нигоҳ доштани урфу одатҳои ориёӣ, пешравии шаҳру деҳотҳо, тиҷорат, маданият, иқтисодиёт, ташкилёбии шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Истаравшан, обод гаштани Кӯҳистони Масчоҳ, Ҳисор, обёрӣ кардани водии Вахшу Сарбанд, равнақи савдои дохилию хориҷӣ, бофтани матоъҳои пашмину пахтагӣн, гилембофӣ, зардӯзӣ, гулкорӣ, санъати тасвирӣ, меъморӣ, ҳайкалтарошӣ, ҳунармандӣ, асарҳои хаттӣ ва дигар низоми донишҳои заруриро худ намуданд, ки ин ҳама лаҳзаҳои муҳимми ХМ ба ҳисоб рафта дар ташаккули ХМ–и онҳо саҳми арзанда гузошт.

Тадқиқот собит намуд, ки омузиши мавзуи «Этногенизми Ориёиҳо» дар ташаккули ХМ–и хонандагон нақши махсус мебозад, зеро онҳо дар бораи таърихи пайдоиш ва кӣ будани ориёиҳо, яъне аҷдоди тоҷикон маълумоти илмӣ мегиранд.

Дар синфҳои озмоишӣ баёни мавзуъ бо чунин суханҳо оғоз ёфтанд: Шумо дар бораи ориёиҳо, ватану давлатдории онҳо, нақши онҳо дар тамаддуни ҷаҳонӣ ва таърихи ватанамон аз мавзуҳои дар боло зикр шуда, то андозае маълумот гирифтед. Акнун дар бораи этногенези онҳо, яъне дар бораи таърихи пайдоиши авлоди хеш ба шумо маълумот медиҳем.

Ин тарзи масъалагузорию баёнкунӣ барои хонандагон хеле бомавқеъ ва диққатҷалбкунанда буд, зеро онҳо ҳанӯз дар бораи аҷдоди қадимаамон ба таври мушаххас маълумот надоштанд.

Омӯзгоро маънои мафҳуми этногенезро ба хонандагон чунин шаҳр доданд: Этногенез аз ду калимаи юнонӣ этнос–халқ ва генезес-пайдоиш гирифта шуда, дар якҷояги маънояш пайдоиши халқ мебошад.

Омӯзгорон дар ҷараёни дарс таълими проблемавиро истифода намуда, бо чунин савол «Оё шумо медонед, ки тоҷикон кай ва дар куҷо пайдо шудаанд»? ба хонандагон муроҷиат намуданд. Аз чеҳраи хонандагон мушаххас гардид, ки ин савол онҳоро ба ҳаяҷон овардааст.

Омӯзгорон бо як ҳисси баланди худшиносию худогоҳии миллӣ суханашонро давом дода, қайд намуданд: Шумо ки ояндасози ҷомеаи муттамадин, тоҷикзамин ҳастед донистанатон зарур аст, ки халқи тоҷик чун дигар халқҳои ҷаҳон давраи дуру дарози ташаккулёбиро аз сар гузаронидааст. Ибтидоӣ он бошад аз ҷомеаи ибтидоӣ, авлодӣ, қабилавӣ манша гирифтааст. Аниқтараш ташаккули миллати тоҷик бо роҳи осон ба даст наомадааст. Он дар натиҷаи муборизаҳои хунини зидди ғоратгарони македониҳо, арабҳо, туркҳо, юнониҳо ва бодиянишинон бо омезишҳои муносибатҳои хешутаборӣ, ҳамзабонӣ, расму оинҳои умумӣ, нажодӣ ва фарҳангии як сарзамини муайян (Осиёи Миёна) ба вуҷуд омадааст.

Доир ба мавзуи баррасишуда аз ҷониби хонандагон савол ба миён омад, ки номи ориёиҳо кай пайдо шудааст? Барои боз ҳам ташаккул додани ҳисси ХМ–и хонандагон муаллим ибрози ақида намуд, ки чун анъана, вақте ки ду намояндагони халқҳои гуногун бо ҳам вохӯри менамояд, онҳо пеш аз ҳама, худро бо номи халқашон муаррифӣ мекунанд. Ориёиҳо дар давоми чандин асрҳо ин номро доштанд, вале аз сабаби умумият ва ба дигар халқҳо муносибат надоштанашон номи ориёӣ дар кишварҳои беруна паҳн нагардида буд.

Аз он вақте, ки аввалин шоҳи ориёиҳо шоҳ Ҷамшед шомили Ҳиндустон мегарданд ориёӣ будани худро ба халқи он ҷо муаррифӣ мекунанд, номи ориёиҳо пурра дар сартосари дигар кишварҳо маълуму машҳур мегардад.

Аз муҳтавои суханони боло боз саволҳои дигаре низ аз ҷониби хонандагон ба миён омад: Ориёӣ чӣ маъно дорад? Чаро гузаштагони мо худро ориёӣ номидаанд?

Калимаи ориёӣ маънои халқи воломақом, покнажод ва шоҳи наҷиб аст. Аҷдодони мо муҳтавои ин мафҳумро ба инобат гирифта худро ориёӣ номидаанд.

Ба маълумоти хонандагон расонида шуд, ки халқи тоҷик ду номи этникиро аз сар гузаронидааст: дар аввал миллати тоҷик бо номи ориёӣ шинохта мешуд, холо бошад бо номи халқи тоҷик маълуму машҳури ҷаҳон гаштааст.

Донишҳои азхудкардаи хонандагон дар бораи кӣ будани ориёиҳо, ватани муқимии онҳо, пайдоиши номи ориёҳо ва умуман киҳо будани аҷдодони гузаштаи тоҷикон минбаъд дар ташаккули ХМ–и хонандагон нақши арзанда ва таҳкурсӣ гузоштан мегирад, чунки онҳо дар бораи таърихи пайдоиши миллати хеш маълумотҳои заруриро гирифтанд.

Дар асоси омӯхтану таҳлил намудани ҷавобҳои саволҳои тестӣ ва суҳбатҳои доимӣ ба хулоса омадем, ки хонандагон дар раванди дарсҳо дар бораи зарурияту аҳамияти давлати пурқуввату бузурги тоҷикон, муттаҳидии одамон, давраҳои давлатдории ориёиҳо, инкишофи илму фарҳанг, иқтисодиёт, санъат, забони давлатӣ, анъанаҳою оинҳо, маълум ва паҳн гардидани номи ориёиҳо, ориёиҳо аҷдодони тоҷикон ва ғайра донишҳою маълумотҳои лозимаро аз худ намуданд, ки барои минбаъд мукаммал гардонидани мазмуну мундариҷаи ХМ–и онҳо асоси устувор гузошта тавонист.

Ҷараёни ташаккули ХМ–и хонандагони синфҳои 6–ум давоми раванди ташаккули ХМ–и хонандагони синфҳои 5–ум мебошад.

Таҳқиқот собит намуд, ки дар ташаккули ХМ-и хонандагони синфҳои 6–уми озмоишӣ омӯхтани мавзуи «Тоҷикзамини Ғарбӣ (Эрони Ғарбӣ) дар замони Сосониён» аҳамиятнок мебошад.

Хонандагон зери роҳбарии омӯзгорон бо ин мавзуъ оишнои пайдо карда, дакр менамояд, ки дар давоми 400–соли ҳукмронӣ, давлати Сосониён дар сарзамини худ тавонист тамаддуни баландро ривоҷу равнақ диҳад, аз ҷумла кӯшиши дубора ба даст овардани сарзамине, ки

Кушониёну гузаштагонашон доштанд, барои ҳимояи давлат аз ҷониби шоҳи Сосониён Ардашер 1 эълон гардидани дини ягона, дини Зардуштӣ ва дигар мисолҳои ба ин мавзуъ бахшидашудае, ки дар ташаккули ХМ–и хонандагон нақши арзанда мегузоранд.

Дар таҳқиқоти мо ин низоми донишазхудкунӣ бевосита ба ташаккули мазмуни қимсамтҳои маърифатӣ, эмотсионалӣ-баҳодиҳӣ ва рафтори ХМ–и хонандагон ёрии судманд расонида тавонист.

Дар раванди дарс дар синфҳои озмоишӣ омӯзгорон методи муқоисаро истифода намуда, ба хонандагон бо чунин савол муроҷиат намудан: Замони Сосониёнро ба замони Ҳахоманишиён муқоиса намоед ва гӯед, ки кадоме аз инҳо дар ташаккули миллии халқи тоҷик саҳми арзанда гузоштаанд? Аксарияти хонандагон дар ҷавобҳои гардонидаи худ ба саҳм гузоштани давлати Сосониён баҳои баланд дода, фикрашонро бо далелҳо асоснок намуданд.

Таҷриба нишон дод, ки донистани тараққиёти сохтори давлати Ҳайтолиён (давлати тоҷикон) дар ташаккули лаҳзаҳои асосии ХМ–и хонандагон аз ҷумла ифтихори ватандорӣ, маорифу фарҳангдорӣ, санъату шаҳрдорӣ, забону давлатдорӣ, расму оиндорӣ, халқу миллатдӯстӣ, ва ифтихормандию тамаддуни қадимаи бойи тоҷикон нақши муҳим мегузорад. Зеро дар давлати Ҳайтолиён деҳқонӣ, заминдорӣ хоҷагидорӣ, афзоиши шаҳрҳо, қасрҳо, навҳои гуногуни санъат, савдои дохилию хориҷӣ, алифбои тоҷикӣ, суғдӣ, марвӣ, бохтарӣ ва хоразмӣ, меҳмоннавозӣ, низоми муайяни таълиму тарбия, дар дабистонҳо ва мактаби олӣ, назария ва амалияи ҷангӣ, давлати будани дини Зардуштӣ, забони давлатӣ ва ғайра то андозае ривоҷу равнақ ёфта буд.

Омӯзиши мавзуҳои «Ҷангҳои истилогарони араб дар Тоҷикистони Ғарбӣ» ва «Ҳуҷуми ғоратгаронаи арабҳо ба Тоҷикистони Шарқӣ» дар ташаккули ХМ–и хонандагон дуҷониба таъсир мерасонад, ки ин фарзия дар раванди таҳқиқот дар амал тасдиқ ва асоснок гардид.

Таҳқиқот собит намуд, ки донишҳои илмию таърихии аз худ кардаи хонандагон дар бораи дар ҷанги пул шикаст хурдани 4–ҳазор нафар аскар дар ташаккули ҳисси ифтихории миллии хонандагон кумак расонида тавонист.

Масалан талаф додани арабҳо, ҷавоби шоҳи Сосониён Яздигурд ба сарлашкари араб Умар «Шумо мардумоне ҳастед, ки сусмор мехӯрдед, ва бачаҳои худро мекушед», ғалабаҳои тоҷикон бо сарварии Яздигурд бар зидди арабҳо, Деваштич ва шӯриши ӯ ба муқобили арабҳо, шӯриш дар Бухоро солҳои 750–751 бо сарварии Шерак ибни Шайх ал–Муҳрӣ, Абумуслим, Сумбоди Муғ, Исёни Муқаннаъ, шӯриши сафедҷомагон дар Бухорою Самарқанд ба зидди арабҳо ва дигарон.

Ба маълумоти хонандагон расонида мумкин аст, ки шӯриши сафедҷомагон шӯриши аз ҳама калонтарин буда, Мовароуннаҳру Хуросонро фаро гирифта буд.

Бо фармони Муқаннаъ дар ҳамвории болои кӯҳи Сиён қалъаи дастнорас сохта шуда буд, ки дар он ҷо сафедҷомагон (муҳофизатчиёни қалъа) чаҳор моҳ бо арабҳо ҷангиданд. Шӯриши Муқаннаъ бо арабҳо то онҷое давом кард, ки қувваи ҷангии онҳо кам гашта, аслиҳа ва хӯрокаашон тамом шуд. Арабҳо, ки қувваи бениҳоят зиёд доштанд аз ин фурсат истифода намуда, исёнгаронро шикаст дода, қароргоҳи Муқаннаъро ишғол намуданд, ҳамин тавр соли 783 шӯриши сафедҷомагон ба шикаст мувоҷеҳ шуд [163, с.140].

Бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани дараҷаи ташаккули ХМ–и хонандагон ва такмили минбаъдаи он дар дарсҳо метавон аз асари устод Садриддин Айнӣ чунин далелҳоро истифода намуд:

Ба маълумоти хонандагон расонида шуд, ки дар шӯриш зикр гардида, вақте ки Муқаннаъ шикаст хурдани худро яқин донист, қувваи ҷангии худро ҷамъ карда ба онҳо шароби заҳролуд нӯшонид ва ҷасади онҳоро оташ зад. Аммо дар дигар сарчашма омадааст, ки Муқаннаъ дар

қалъа сад зан ва Тадрон ном як ходим дошт ба ҳар як кадоми занҳо шароби заҳролуд нӯшонид. Дар ин миён Ёқута ном канизак заҳролуд будани шаробро пай бурда нанушид, лекин худро дар қатори дигар занҳо мурда намоён кард. Муқаннаь баъд аз куштани занон ходими худ Тадронро низ ба ҳалокат расонида худро ба тануре, ки дар он се шабонарӯз оташ месӯхт мепартояд [8, с.148].

Аз ҷониби хонандагон савол ба миён омад, ки чаро Муқанаъ нисбат ба занҳо чунин рафтор кард?

Хонандагонро бовар кунонидем, ки чунин рафтори Муқаннаъ нишонаи ваҳшигарии ӯ набуд. Занони сафедҷомагон (муҳофизони қалъаи Сиён) худ ба мурдан розӣ буданд ва намехостанд, ки асири дасти арабҳои ваҳшӣ афтида ба нангу номуси онҳо ваҳшиёна даст зананд [8, с.153].

Ба саволи Чаро Муқаннаъ худро сӯзонида нобуд кард? Хонандагон чунин посух гирифтан: Муқаннаъ аз ҷасади мурдааш ҳам ваҳшиёна интиқом гирифтани арабҳоро медонист, бинобар ин нахост, ки ҷасадаш ба дасти душманонаш афтаду, таҳқир шуда, боиси шодии онҳо шавад.

Донистану баҳо додан ба далелҳои дар боло овардашуда ба баланд гаштани ҳисси миллатдӯстӣ, нангу номуси миллӣ, ифтихори миллӣ ва дигар қисматҳои ХМ–и хонандагон таъсири баланди тарбиявӣ расонида тавонист.

Аз тарафи дигар, донистану баҳои дуруст додан ба чунин далелҳо мазмуни монандӣ дошта, аз ҷумла талаби таҳқиромезонаи сарлашкари араб Умар, «Ё мусулмон шавед ё ҷизя диҳед». Деваштичро дар мубориза бар зидди арабҳо дастгирӣ накардани амалдорони маҳалӣ, хиёнат кардану ба тарафи арабҳо гузаштани Ғурак, бо роҳи фиреб ба қатл расонидани Абумуслим дар Бағдод, соли 723 аз ҷониби арабҳо ваҳшиёна ба қатл расониди Деваштич дар маҳали Рабинҷон, фиристодани сар ва

дасти чапи Деваштич Ироқу амири Хуросон Сулаймон ибни Абусурӣ ва дигарҳо. Дар рафти таҳлил мушоҳида гардид, ки амали ваҳшиёнаи арабҳо нафрати хонандагоро нисбат ба душманон пурқувватар гардонид, ки ин ҳам ба мазмуни ташаккули ХМ–и хонандагон дохил мебошад.

Махсусан рафтори ваҳшиёнаи арабҳо нисбат ба Деваштичу занону духтарони тоҷик ва рафтори мардонаи Муқаннаъ нисбат ба худ ба хонандагон таъсири баланди эҳсосӣ расонид, ки онро бо осонӣ мушоҳида кардан мумкин буд. Масалан хонандагон аз мавзуҳои зикргардида зарурати ташаккули ҳисси миллӣ, ватандӯстӣ, ХМ, озодихоҳию соҳибистиқлолии тоҷиконро дарк намуда, ба ҷасорату қаҳрамониҳои аҷдодони тоҷик баҳои ҳақонӣ доданд.

Бо мақсади муайян кардани дараҷаи ташаккули қисматҳои интеллектуалӣ (зеҳнӣ), эмотсионалӣ-баҳодиҳӣ ва рафтор бо хонандагони синфҳои озмоишӣ дарси мубоҳисавӣ дар мавзуи «Раҳоӣ аз хилофати араб» гузаронида шуд, ки дар мубоҳиса ба хонандагон саволҳои зерин пешниҳод гардид:

Омӯзгор: Арабҳо даъво мекарданд, ки пеш аз забт кардани сарзаминҳои тоҷикнишину эронинишин маданияташон аз маданияти тоҷикон баланд буд. Шумо дар ин бора чӣ гуфтанӣ ҳастед?

Хонанда: Ғайр аз шаҳрҳои Маккаю Мадина дигар аҳолии арабҳо дар ҳолати ваҳшигарӣ умр ба сар мебурданд, ғайр ҳуҷум кардан ба маҳалҳои нисбатан камаҳолӣ чизи дигареро намедонистанд.

Омӯзгор: Баъзеҳо чунин фикр доранд, ки забт кардани сарзамини тоҷикнишину эронинишинро аз ҷониби арабҳо характери ғоратгароию ваҳшиёнагӣ надошт. Шумо дар ин бора чӣ фикр доред?

Хонанда: Забткориҳои арабҳо пурра характери ваҳшиёнаю ғоратгарона дошт, зеро онҳо шаҳру деҳотҳоро ба харобазор табдил дода, халқи бегуноҳро аз дами теғ мегузарониданд.

Омӯзгор: Мегӯянд, ки тоҷикон бо хоҳиши худ дини ислом ва забони арабиро қабул намудаанд. Шумо дар ин бора чӣ гуфта метавонед?

Хонанда: Арабҳо бо роҳи зӯроварӣ дини ислом ва забони арабиро ба зиммаи тоҷикон бор карданд, ки ин ҷараён қариб дусад сол давом кард.

Омӯзгор Агар шоҳону ҳукуматдорони маҳаллӣ бо ҳам муттаҳид шуда, зидди арабҳо аҳлона меҷангиданд, арабҳо ғолиб мебаромаданд?

Хонанда: Агар шоҳону ҳукуматдорон мақсади ягона медоштанд, мардумро дар атрофи худ ҷамъ намуда, бо як ҳисси баланди ватандӯстию миллатдӯстӣ ва муттаҳидӣ метавонистанд ба арабҳо ғолиб бароянд.

Аз ин ҷавобҳо маълум гардид, ки хонандагон қобилияти ба рафтори ваҳшиёнаю ғоратгаронаи душманони берунӣ ва хоинони халқу ватани худ баҳои дуруст дода метавонанд. Ватандӯстию миллатдӯстии халқи худро эҳсос мекунанд ва баҳо медиҳанд. Ин сифатҳо ба ташаккули ХМ–и хонандагон асосҳои педагогию психологӣ мегузорад.

Хонандагон ҳангоми омӯхтани мавзуъҳои «Муборизаи тоҷикон дар солҳои 726–730 ба муқобили араб», «Шӯришҳои солҳои 30–юм дар Тоҷикистони Шарқӣ» ба хулосае омаданд, ки кушторҳои бераҳмонаи арабҳои хунхор дар Суғду Фарғона ба фиребу найранг ва ба таври ваҳшиёна қатл кардани шоҳ Деваштич ва ҳазорҳо ватандӯстони дигар ирода ва ҳисси миллатдӯстию ватандӯстии миллати тоҷиконро шикаста натавонист, баръакс нафрати онҳоро нисбат ба ғоратгарони араб афзун гардонид.

Арабҳо соли 725 бо сардории Асад ибни Абдулло (715–732) ба Хатлонзамин лашкар кашид, аммо аз зарбаи марговари тоҷикони Хатлонзамин мағлуб шуда ба Балх гурехтанд. Сокинони Балх онҳоро бо чунин суруду мисраҳои ҳаҷвӣ пешвоз гирифтанд:

Аз Хуталон омадия,
Бо рӯ табоҳ омадия.
Овора боз омадия,
Хашанг низор омадия.

Тавре ки таҳқиқот нишон дод, донистани далелҳо дар бораи ду маротиба шикаст хӯрдани арабҳо аз ҷониби Хатлониён, аз ҷумла шуҷоатмандона сардори арабҳо Асадро таъна кардани фарзанди фарзонаи Хатлонзамин Бадрторкун «Ҳоло ту як марди бегона ҳастӣ, бо уштури думбурида ба замини мо омадӣ, мехоҳи ба Ватан бо 50 уштури пур аз ғанимат баргардӣ, боз аз ман талаб дорӣ, ки зану фарзанду хонаамро монда баромада равам», ба ташаккули қисмати эмотсионалӣ–баҳодиҳии ХМ–и хонандагон таъсири самарабахш мерасонад [165, с.189].

Дар асоси далелҳои таърихӣ хонандагон бовар кунонида шуданд, ки бо сабабҳои гуногун дар муҳорибаҳо ғолиб омадани арабҳо, ба хунрезию одамкӯшӣ, ваҳшонату ғоратгарӣ машғул шудани онҳо рӯҳияи халқи озодихоҳу ватандӯсти миллати тоҷикро шикаста натавонистанд. Исботи ин гуфтаҳо давом ёфтани муборизаҳои озодихоҳии гузаштагон, ва нигоҳ доштани забони модарӣ, маданияту фарҳанг, анъанаҳо ва расму оинҳои миллӣ мебошад, ки ин ҳама дар ташаккулёбии ХМ-и хонандагон нақши басо муҳим мебозад.

Дар ташаккули самтҳои гуногуни ХМ–и хонандагон дуруст дарк кардани натиҷаи шӯриш бо сарварии Абумуслим соли 751 ва ба ваҳшигарии арабҳо хотима додани тоҷикон аҳамиятнок аст.

Таҳқиқот собит намуд, ки ба ташаккулёбии ХМ–и хонандагон омӯзонидани мавзуъҳои «Ҳаракати фарҳангии Шуубиҳо», «Этногенези тоҷикон бо Эрониён» таъсири баланди тарбиявӣ мерасонанд.

Хоннадагон дар ин мавзуҳо ба ваъдаҳои бардурӯғи сарлашкарон ва халифаҳои араб ошноӣ пайдо карда, дарк менамоянд, ки мардуми тоҷик аз ҷониби мардумони ғайриараб низ ба туҳмату буҳтон ва бадгӯйиҳои «бефарҳангӣ», «нажоди паст» мутаҳам шудаанд, ҳол он ки

онҳо ба таҷрибаҳои тараққиёти истеҳсолӣ, фарҳангӣ, таҷрибаи давлатдории тоҷикон шинос шуда, тоҷиконро мардумони «Аҷам» номгузорӣ карда буданд.

Ба маълумоти хонандагон расонида шуд, ки чунин туҳмати беасос боиси баланд гардидани ХМ–и тоҷикон ва сабаби пайдоиши ҳаракати Шуубия гардид. Ҳаракати Шуубия яке аз ҳаракатҳои фарҳангии тоҷикон дар асрҳои VIII–IX буд, ки онҳо осори боқимондаи хаттии форсӣ, паҳлавӣ, суғдӣ, бохтарӣ–тахориро аз забони арабӣ тарҷума карда, арабҳоро дар бефарҳангӣ ва аз илм дур буда муттаҳам мекарданд. Ҳатто намояндагони мактаби Шуубия Хуррами Самарқандӣ, Асад ибни Абдулло дар ашъори худ арабҳоро ба бемаданиятию бефарҳангӣ муттаҳам сохта, фарҳанги бою қадимаи тоҷиконро тавсиф мекарданд.

Фаъолият ва ҳиссагузории аъзои ҳаракати Шуубия барои нигаҳ доштани шаъну шарафи тоҷикон мояи ифтихор аст, ки дар баланд гардидани меҳру муҳаббати хонандагон нисбат ба аҷдоди гузаштаи худ саҳми арзанда мегузорад.

Чӣ тавре, ки таҳқиқот нишон дод, донистану дуруст дарк намудани масъалаҳои хусусие, ки дар замони ориёӣ ба вуҷуд омада буд, хонандагон рӯҳияи миллатдӯстию ватандӯстӣ ва ҳисси баланди худшиносӣ бедор месозад. Ба ташаккули компонентҳои когнитивӣ, эмотсионалӣ–баҳодиҳӣ ва рафтор таъсир расонидани оғозёбии ва анҷомёбии халқи тоҷик нисбат ба дигар халқиятҳо таъсири басо самаранок мерасонад.

Бо мақсади муайян намудани натиҷаи корҳои озмоишӣ оид ба ташаккули ХМ дар арафаи анҷоми раванди таълим ба хонандагони синфҳои 6–ум озмоиши тестӣ-ҷамъбастӣ гузаронида шуд, ки чунин саволҳоро дар бар мегирифт:

1. Давлати Сосониён дар таърихи тамаддуни халқи тоҷик чӣ гуна нақш бозидааст?

2. Ҳайтолиён киҳо буданд ва дар таърихи халқи тоҷик чӣ гуна мавқеъ доштанд?

3. Арабҳо ба тамаддуни гузаштагони мо чӣ гуна муносибат кардаанд?

4. Ба бемаданиятию бефарҳангӣ айбдор кардани тоҷикон аз ҷониби арабҳо ба фикри шумо асос дорад?

5. Тоҷикон фарҳангу санъати давлатдориро аз арабҳо омӯхтанд ё баракс тоҷикон ба арабҳо омӯзониданд?

6. Ориёиҳо дар нази арабҳо таслим шуданд ё то ба охир бо онҳо мардонавор ҷангиданд?

Муҳокимаронихою ҷавобҳои асоснокардаи хонандагон ба саволҳои гузошташуда зиёда аз 60% –ро ташкил дод.

Дар таҳқиқот натиҷаи санҷишҳои гузаронидашударо таҳлилу ҷамъбаст намуда, хулоса баровардем, ки ҷараёни ташаккули ХМ–и хонандагон мувофиқи нақша пеш рафта истодааст. Бовари аст, ки ин пешрафиҳо дар ташаккули ХМ–и хонандагони синфҳои 7–ум пояи устувор ва заруриро мегузорад.

Ҷараёни ташаккули ХМ–и хонандагони синфҳои 7–ум аз омӯхтани мавзуи «Давлати Тоҳириён» оғоз меёбад. Таҳқиқот собит намуд, ки донистани асосгузори давлати миллии тоҷикон–Тоҳир ибни Ҳусейн, хизматҳои ӯ дар бораи аз аҷнабиёни араб озод кардани Хуросону Мовароуннаҳр, ташкил кардани давлати мустақили миллӣ, зарба задан ба халифаи араб, ҷабру ситами ашрофи маҳалӣ пурра хотима дода нашуда бошад ҳам, ба ташаккули ХМ–и хонандагон таъсири мусбат мерасонад.

Хонандагон ҳангоми омӯхтани «Давлати Саффориён» дар бораи корнамоиҳои асосгузори ин сулола Яқуб ибни Лайс дониши зарурӣ мегиранд. Дар мисоли корнамоиҳои ҳокими Хуросон Яқуб ибни Лайс ҳамчун ҷанговари шуҷоъ, хоксор, ҷорикунандаи низоми сахт дар байни ҷанговарон, ташкилкунандаи қуввае, ки пеши онро гирифтан

имконнопазир буд, ду маротиба лашкар кашидан ба Бағдод ва ба тарс овардани арабҳо, орзуи ташкил кардани давлати тоҷикон ва ифтихори халқи худ будани ӯ, исботи камбағалон ҳам метавонанд давлати мустақили худро бисозанд, ташкил додани аксарияти давлатдории Саффориён, қобилияту истеъдоди дар ҳама соҳа нотарсу ватандӯст будани аҷдоди гузашта дар дилу шуури хонандагон ҳисси ифтихормандиро парварид. Ин аст яке аз самтҳои муҳимми ХМ–и хонандагон.

Омӯхтани «Давлати Сомониён» низ дар ташаккули ХМ–и хонандагон нақши ниҳоят муҳим мебозад. Хонандагон сараввал дар бораи бунёдгузори сулолаи Сомониён Сомонхудот, асосгузори давлати мутамарказонидашудаи тоҷикон (875–999), ки Мовароуннаҳру Хуросон, Хоразм, Сиистон, Ғазна, Помири Ғарбӣ ва дигар ҷойҳоро дар бар мегирифт, маълумоти заруриро гирифтанд, дар мисоли Исмоили Сомонӣ шоҳи кордону сиёсатмадор, боадолат, бомаҳорат, дипломатӣ беҳамто, азбайнбарандаи ғоратгариҳои бодиянишинонро мебинанд, ки ин ҳама ба ташаккули ҳисси миллатдӯстӣ, ИМ–и онҳо кумаки лозима мерасонад.

Ногуфта намонад, ки давлати Сомониён, бо вуҷуди ба замони феодалӣ тааллуқ доштанаш тавонист ба яккатор муваффақиятҳои назарас дар соҳаҳои мухталиф ноил гардад, аз ҷумла, коркарди сарватҳои зеризаминӣ, равнақу ривоҷ додани ҳунармандӣ, иқтисодӣ, кишоварзӣ, таъсис додани бозори мутамарказонидашуда, барқарор намудани робитаҳои дуҷонибаи тиҷоратӣ бо ҷанубу шарқи Аврупо, (Муғулистону Эрон, Қавқоз, Россия) ва дигарҳо.

Дар айни замон ин муваффақиятҳою пешрафиҳои ба даст омада, шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардани миллати тоҷикро дар истеъдоди коркарди истеҳсолию саноатӣ боз ҳам афзун менамояд.

Сабабҳои рушд намудани фарҳанги халқи тоҷик низ дар давлати Сомониён ба ташаккули ХМ–и хонандагон таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, мақсад гузошта шуд, ки ҳамаи паҳлуҳои масъалаҳои муҳим ба таври

фаҳмою дастрас ба хонандагон маълум карда шавад. Бо мақсади натиҷаи дилхоҳ ба даст омадан дар синфҳои озмоишӣ, диққати хонандагонро ба дарки мазмуни ду матлаби асосӣ ҷалб намудем: 1. «Кай ва дар куҷо пайдо шудани тоҷикон». 2. «Барои ҳамчун халқ ташаккул ёфтани тоҷикон дар замони Сомониён кадом шароит мусоидат намудааст?

Масъалаи якум ба таври дастрас ба хонандагон фаҳмонида шуд, ки тоҷикон аз авлоди қадимаашон Суғдиҳо, Бохтариҳо, Хоразмиён, Тоҳириён, Хиёниён, Ҳайтолиён-халқҳои Ориёӣ, ки аз замонҳои қадим дар сарзамини Мовароуннаҳру Хуросон зиндагӣ мекарданд, пайдо шудаанд. Баъди забти ин сарзаминҳо номи «тоҷик» пайдо шуда, забонашон «форсӣ ё ин ки тоҷикӣ» гардид.

Омӯзгорони синфҳои озмоишӣ бо як эҳсосоти баланд ба хонандагон фаҳмониданд, ки ташаккули халқи тоҷик аз асрҳои миёна (III–IV) машаъ гирифта, дар асрҳои VI–VIII, (дар шаҳру деҳот, водиҳо ва дертар дар Мовароуннаҳру Хуросон) авҷ мегирад. Дар асрҳои IX–X бошад дар замони давлатдории сулолаи Сомониён анҷом меёбад.

Тараққиёти илму адаб, санъат, тамаддуни миллӣ дар ташаккули ХМ нақши муҳим мебозад. Кӯшиш ба харҷ дода шуд, ки дар баробари омӯзонидани мавзуҳои номбаргардида, диққати хонандагон ба шуҳрати ҷаҳонӣ доштани мероси илмию адабии мутафаккирони форсу тоҷик ва намояндагони соҳаҳои гуногуни илм, ба монанди Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Муҳаммад Ал–Хоразмӣ, Абунасри Форобӣ, Абубакри Розӣ, Абубакр Рабии Бухороӣ, Абӯалӣ ибни Сино ва дигарон ҳамчун мояи ХМ ҷалб карда шавад.

Дар ҷамъбасти дарс хонандагон ба саволи «Шумо дар мисоли Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Ал–Хоразмӣ, Форобӣ, Берунӣ, Ибни Сино ва мероси ба мо гузоштаи онҳо дар худ чиро ҳис мекунед?» чунин посух гардонидаанд: «Мо дар худ нисбат ба аҷдодони гузашта ва он нафароне, ки аз замони феодалӣ то ба имрӯз дар тараққӣ

ва шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардани илму адабиёти тоҷик саҳми арзанда гузоштаанд, ифтихор доштанро ҳис мекунем».

Дар дарс ба самъи хонандагон расонида шуд, ки дар замони Сомониён илми ҷомеашиносӣ рӯ ба инкишоф оварда буд. Ба онҳо ба таври мухтасар дар бораи мазмуни «Таърихи Наршахӣ»–и Абубакри Наршахӣ, «Таърихи Табарӣ»–и Абуҷаъфар Табарӣ, ки соли 903 аз ҷониби вазири хирадманди сиёсатмадор Балъамӣ ба забони тоҷикӣ баргардонидани шуд, маълумотҳои илмӣ дода шуд.

Хонандагон бовар кунонида шуданд, ки ин асарҳо исботи бузургию донишмандӣ, миллатдӯстию ватандӯстии олимони шуҳрати ҷаҳонидоштаи тоҷик мебошанд, ки таърихи миллати худро навишта, тамаддуни тоҷиконро дар ҷаҳон муаррифӣ намудаанд.

Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки омӯзиши маводи таърихӣ ба хонандагон таъсири баланди тарбиявӣ расонид, яъне аз ҷиҳати педагогию психологи ҳисси миллӣ, нангу номус ва ифтихормандиро дар хонандагон ташаккул дод.

Хонандагон синфҳои озмоиши дар дарси охирини мавзуи «Давлати Сомониён» ба саволи ба кадом мақсад дар замони давлатдории Сомониён ба инкишофи илму фарҳанг ва забони давлатӣ, диққати махсус дода мешуд? Аз ҷавобҳои хонандагон маълум гардид, ки зиёда аз 70% хонандагон чунин ҷавоб гардониданд: дар замони давлатдории Сомониён бо мақсади пойдору мустаҳкам нигоҳ доштани сохти давлатдорӣ бештар ба забони миллӣ, маданият, санъат, расму оинҳои миллӣ, тамаддун, илму адаб, маданият, ва фарҳанги волои миллати тоҷик диққат дода мешуд.

Чунин муҳокимарониҳо далели он аст, ки ташаккули ифтихори миллӣ, миллатдӯстӣ ва ватандӯстии хонандагон ҳамчун лаҳзаҳои марказии ХМ бомуваффақият пеш рафта истодааст.

Вале сабабҳои аз байн рафтани давлати Сомониён, ки дар он замон як империяи пурқуввату бузург буд, дар хонандагон каме ҳиссиёти

норозигиро нисбат ба ноуҳдабароии шоҳони охирини ин сулола ба вуҷуд овард.

Хулоса, таҳқиқот нишон дод, ки донистани самтҳои гуногуни фаъолияти империяи бузурги Сомониён дар ташаккули халқи тоҷик, аз ҷумла, сохтори мукаммали давлати миллии тоҷикон, мақоми давлатӣ гирифтани забони форсӣ–тоҷикӣ, инкишофи бозорҳои дохилию берунӣ, муносибат ба дигар давлатҳо, истеҳсолоти саноатию кишоварзӣ, илм, адабиёт, рушди намудҳои гуногуни санъат, маданияти шаҳрсозӣ, шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардани илму адаб ва намояндагони он, ривоҷи расму оинҳои миллӣ омилҳои муҳимме мебошанд, ки дар ташаккули ҳама самтҳою қисматҳои ХМ–и хонандагон нақши асосӣ гузошта тавонистанд.

Дар охири боб аз хонандагон барои мушаххас намудани дарки ХМ дар сохти давлатдории Сомониён дар мавзуи «Ташаккули халқи тоҷик ифтихори миллат аст», кори хаттӣ-санҷишӣ гирифта шуд.

Таҳлили ҷавобҳо собит намуд, ки хонандагон он омилҳоеро, ки дар замони давлатдории Сомониён барои ташаккулёбии халқи тоҷик пайдо карда буданд, ба инкишофи ояндаи он асос гузошта, ифтихорнок будани якпорчагии миллатро хуб дарк кардаанд ва баҳои илмӣ низ додаанд.

Муаллимони синфҳои озмоишӣ қайд карданд, ки мо дар давоми чандин дарсҳо ҳолатҳои рӯҳии шуморо ҳангоми шунидани руйдодҳои сиёсӣ, илмӣ ва адабӣ мушоҳида кардем. Эҳсос кардем, ки аз бомуваффақияти тоҷикон дар чеҳраи шумо шодию хурсандӣ ва аз бемуваффақиятӣ онҳо ноумедию ғамгинӣ ҳувайдо гардид. Далели он ин аст, ки дар шумо ҳисси худшиносии шахсӣ ва ХМ ба хубӣ ташаккул ёфта истодааст. ХМ сифати аз ҳама баланди ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ва роҳнамои ҳар як фарди тоҷик аст. Ин мафҳум дар ҳаёти инсон ниҳоят зарури аст, зеро эҳсос нагардидани ХМ натанҳо ба фард, балки ба миллат зарари калон мерасонад.

Чунин тарзи дарсгузарӣ ба шууру иродаи хонандагон таъсири баланди тарбиявӣ расонида, раванди ташаккули ХМ–и онҳоро суръат мебахшад. Дар охир муаллимон бо як эҳсосоти махсус дарсро ҷамъбаст намуда, қайд намуданд: Мо хеле афсӯс мехӯрем, ки шоҳони империяҳои баъдӣ, шухрати ҷаҳонӣ доштани миллати тоҷикро аз нестӣ эмин дошта натавонистанд. Бемасъулиятии онҳо сабаб гашт, ки тули чандин асрҳо тоҷикон бе давлати миллӣ монданд. Низоъҳои дохилии давлати ба тараққиёту пешравии ҳамаи соҳаҳои ҳаёти модию фарҳангии миллати мо зарари калон расонид.

Дар синфҳои 7–ум омӯзиши мавзуи «Муборизаи халқи тоҷик бар зидди истилогарони муғул» ба ташаккули ХМ–и хонандагон бо тарзҳои мухталиф таъсир мерасонад.

Масалан худписандона баҳо надодан Султон Маҳмуд ба қувваи ҷангии муғулҳо, ҳиллаю найранги хоинонаи баъзе мансабдорону рӯҳониёни дурӯяи маҳаллӣ, харобу вайроназор кардани санъати волои иморатсозии тоҷикон дар шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Ҳисор, ва Ҳулбук, ғорат кардан ва таги регу хок мондани кони тилои Шугнов, ваҳшиёна ба қатл расонидани ҳазорҳо одамон аз тарафи Чингизхон ва писараш Чағатой, ваҳшиёна ба қатл расонидан кудакону занони ҳомила, хиёнати баъзе ҳамватанон ба Хоразм, ба қалт расидани Темурмалик ва писараш дар ташаккули ХМ нафрати хонандагонро нисбат ба ваҳшонияту ғоратгарии македониҳо, арабҳо ва муғулҳо пурзӯр мегардонад.

Нафрат доштан ба душмани миллат дар хонандагон нангу номуси миллиро бедор намуда, муқаддимаи ХМ дар онҳо инкишоф медиҳад.

Донишҳои таърихии азхудгардидаи хонандагон дар бораи гӯш накардани Темурмалик ба суханони ношоистаю нанговари Маҳмуди Хоразмшоҳ «Агар гурехта натавонед, таслим шавед», мубориза бар зидди муғулҳо ва муҳофизат намудани шаҳри Хуҷанд аз ҷониби Темурмалик, то охирин нафас бар зиди душмани хунхору ғоратгар

ҷангадани Темурмалик, ҷамъ намудани мардуми ватандӯсту озодихоҳ, зарбаҳои марговар задани Темурмалик ба душман, ёфтану ба қатл расонидани хоинони Ватан, мардонагию далерии Темурмалик ба ташаккулёбии ҳамаи самтҳои ХМ–и хонандагон, аз ҷумла нангу номуси миллӣ, далерию мардонагӣ, ифтихори миллӣ, қадр кардани хизмати онҳоеро, ки дар роҳи ба даст овардани озодию истиқлолияти миллӣ ҷонфидоӣ кардаанд, асоси устувор гузошта тавонист.

Ба мақсади донистани муносибати Темурмалик ба хиёнаткорони халқу Ватан аз асари Садриддин Айнӣ «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» ва «Исёни Муқаннаъ» чунин далелҳо истифода бурда шуданд.

Дар ин ду асари тарбияви Темурмалик ҷасорат ва мардонагии худро нишон дода ба ҷасади хоинони Ватан бо нафрат нигоҳ карда гуфтааст:

Гузоред «ҷасади мурдори ин палидон оби зулоли ватани моро наҷас мегардонад. Монед, ки гӯшти онҳоро шағолон, гургон ва мурғони мурдахӯр хӯрда, асари онҳоро аз рӯйи замин несту нобут кунанд» [8].

Далели дигареро қайд кардан ба маврид аст, ки ҳангоми ба хок супоридани Темурмалик аз камарбанди ӯ халтачае дарёфтанд, ки дар он як каф хок ва як порча қоғази навиштаҷот мавҷуд буд, ки дар он чунин навишта шудааст: «Эй он, ки мурдаи ман ба дастат меафтад, агар некхоҳи одамон ва ватандӯст бошӣ, маро бо ин як каф хок гӯронед, ки ин ёдгории Ватани азизи ман аст». Дар охири хат ин байтҳо низ дарҷ гардида буд.

Атри кафан зи хоки ватан кардам ман орзу,
Во ҳасрато, мебарам ин орзу ба хок [8,с.80].

Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки баробари шунидани ин далелҳо дар хонандагон як эҳсосоти ғайримуқаррарӣ пайдо шуд. Ин нишонаи он аст, ки дар мисоли Темурмалик, ватандӯсти асил ва нисбат ба душманони халқу Ватан нафрати бепоён доштанро эҳсос кардани

хонандагон ба ташаккули компоненти эмотсионалӣ–баҳодиҳии онҳо таъсири мусбат расонидан аст.

Омӯзиши мавзуи «Фарҳанги халқи тоҷик дар асрҳои XIII–XIV» дар ташаккули ХМ–и хонандагон хело аҳамиятнок аст.

Донистани он ки дар замони ҳукмронии муғулҳо ватандӯстону миллатдӯстони миллати тоҷикон ба душвориҳою маҳрумиятҳо нигоҳ накарда, тавонистанд забони модариашро барои наслҳои ояндаи миллат ҳамчун мерос нигоҳ дорад, ки дар айни замон ин мояи ифтихори ҳар як насли ояндасоз гардид.

Омухтани мавзуҳои «Таъсисёбӣ ва ҳукмронии давлати Ғуриён-тоҷикон (аз нимаи аввали асри XII то нимаи аввали асри XIII) ва «Давлати Сарбадорон» дар ташаккули ХМ–и хонандагон таъсири худро расонида тавонист.

Масалан хонандагон дар ҷараёни омӯзиши мавзуҳои дар боло зикр шуда чунин далелҳои таърихиро аз бар намуданд: таъсис ёфтани давлати тоҷикон дар шаҳри Сабзавори Хуросон (1337–1383), муборизаи Сарбадорон ба муқобили муғулҳо аз рӯи шиори «то он ки аз тарс ҳалок шавем, беҳтар аст сари худ ба дор диҳем», Шӯриш бо сардории Мавлонзода бар зидди муғулҳо бо номи «Ҷунбиши Сарбадорон», ду маротиба шикаст хурдани муғулҳо дар Самарқанд, бо фиребу найранги муғулон ба қатл расонидани Сарбадорон, (ҳайати онҳоро деҳқонон ва ҳунармандон ташкил медод) ва дигар мисолҳои ба инҳо монанд. Дар ин далелҳои илмӣ ба ташаккули ХМ–и хонандагон бешарафӣ, бераҳмӣ, пасфитратӣ, фиребгарию аҳдшикании муғулҳо таъсир расонида нафрати онҳоро нисбат ба душманон боз ҳам афзун намуд.

Дар анҷоми соли таҳсил тасмим гирифтем, ки бо мақсади муайян намудани натиҷаи мақсади гузоштаишуда оид ба ташаккули ХМ–и хонандагон ҳангоми омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик дар синфҳои 7–ум, байни 158–нафар хонандагони синфҳои озмоишӣ ва 150–нафар хонандагони синфҳои муқарарӣ мувофиқи компанентҳои когнитивӣ,

эмотсионалӣ-баҳодиҳӣ ва рафтор тести санҷишӣ гузаронем. Тести санҷишии омода намудаи мо дар умум 16– саволиро бар мегириф.

Хонандагон ба саволҳои гузошташудаи мо мустақилона ҷавоб гардониданд, ки натиҷаи он чуини аст: Оид ба компоненти когнитивии ХМ, синфҳои озмоишӣ 71%, синфҳои муқаррарӣ 29%. Оид ба компоненти эмотсионалӣ–баҳодиҳии ХМ, синфҳои озмоишӣ 58%, синфҳои муқаррарӣ 42%. Оид ба компоненти рафтори ХМ, синфҳои озмоишӣ 64%, синфҳои муқаррарӣ 36%–ро ташкил дод.

Ин далелҳо исботи он аст, ки корҳои озмоишӣ дар раванди таҳқиқот ба боло рафтани раванди ташаккули ХМ–и хонандагон таъсири мусбат расонидааст.

Омӯзиши мавзуи: «Халқи тоҷик дар нимаи аввали асри XIX» дар синфҳои 8–ум ба хонандагон барои хуб донистани инкишофи соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт аз ҷумла, эҷод гардидани асарҳои пурқимати таърихии гузаштаи миллати худ ёрӣ мерасонад.

Давраи таҳқиқоти мо дар ҷараёни ташаккули ХМ–и хонандагон ҳангоми омӯхтани фанни таърихи халқи тоҷик дар синфҳои 8–уми озмоишӣ ба анҷом расид. Барои ҷамъбаст ва муайян намудани натиҷаи корҳои озмоишӣ оид ба масъалаи таҳқиқотӣ ба хонандагони синфҳои озмоишӣ тести ҷамъбастӣ оид ба қисматҳои маърифатӣ, эмотсионалӣ–баҳодиҳӣ ва рафтор гузаронида шуд, ки он 22–саволиро дар бар мегирифт. Натиҷаи бадаст омада моро ба чунин хулоса овард.

Ташаккули ХМ–и хонандагон дар ҷараёни таълими таърихи халқи тоҷик ҳангоми таҳлилу барраси намудани мавзуҳои интихобгардида ба муваффақиятҳо ноил гаридааст. Далели ин гуфтаҳо фоизи бадаст омадаи тести ҷамъбастӣ мебошад.

Ҷавоби қисматҳои маърифатии ХМ асоснок 60%, на онқадар асоснок 35%, беасос 5%. Ҷавобҳои қисматҳои эмотсионалӣ–баҳодиҳии ХМ асоснок 58%, на онқадар асоснок 30%, беасос 12%.Ҷавобҳои

қисматҳои рафтори ХМ асоснок 50%, на онқадар асоснок 31%, беасос 19%-ро ташкил дод.

Хулоса зербоби мазкур омӯзиши маводҳои таълимро аз замони авестоӣ сар карда, то аввали асри XIX дар ташаккули ХМ–и хонандагони синфҳои озмоишӣ ҳангоми таълими фанни таърихи халқи тоҷик аз ҷиҳати илмию педагогӣ мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор додаст. Дар таҳқикот ба мо мушаххас гардид, ки ин баррасии маводҳои таълимӣ дар ташаккули ХМ–и хонандагон аз ду ҷониб таъсир мерасонад:

1. Таърихи пайдоиши давлатдории халқи тоҷик, аз ҷумла, муборизаи қаҳрамононаи гузаштагон бар зидди қувваҳои берунаю дохила баҳри озодии истиқлолият, инкишофи илму фарҳанг, адабиёт, санъат ва иқтисодиёт;
2. Ба муддати дуру дароз бар сари аҷдоди тоҷик мушкилӣ ва ғаму андуҳи зиёд овардани ғоратгариҳою ваҳшигариҳои македониҳо, арабҳо, муғулҳо ва мансабдорони маҳаллӣ.

## § 2.2. Шароити педагогӣ ва хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик

Дар педагогика балантарин қулла дар ташаккули насли наврас ХМ ба ҳисоб меравад, зеро он дар инсон тарбия карда мешавад. Агар ҳарчиқадар ба тарбия вобаста карда шавад, ҳамон қадар ҷараён дуру дароз мегардад. Ин гуфтаҳо чунин маъно дорад, ки худшиносии миллӣ дар инсон яку якбора тараққи дода намешавад, балки он ҳамчун сифатҳои ҳамидаи инсони тарбия шуда, дар марҳилаҳои зиндаги инкишоф меёбад. Ба фикри мо агар ҳамин ҷараёни тарбия аз тифли оғоз карда шавад, ҳамон қадар ба мақсад мувофиқтар аст [84].

Омӯзонидани фанни таърихи халқи тоҷик ва тарбия намудани ҳисси ХМ дар синфҳои болоӣ давоми омӯзиши синфҳои поёни буда, дар асоси ба ҳисбо гирифтани шароитҳои педагогӣ ба андешаи мо дар айни замон он дорои чунин хусусиятҳо мебошад:

– дар хонандагон мунтазам ва муташаккилона инкишоф додани маҳорат ва малакаҳои аз худкунии ХМ ҳангоми аз як давра ба давраи дигари синнусолӣ гузаштан;

– мушшахас намудани худомӯзию мустақилияти хонандагон дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ вобаста ба ташаккули ХМ–и онҳо;

– таъсиррасонии хонандагон оид ба дигаргуниҳои Аморати Бухоро аз ҷиҳати иқтисодию сиёсӣ, аз ҷумла, зиёд гардидани теъдоди зиёиён ва авҷ гирифтани ҳисси нангу номуси миллӣ барои ба ҳаёти нав қадам гузоштан;

– таъсири ба амал омадани ҳаракати маорифпарварӣ дар Аморати Бухоро ва дигар сарзамини тоҷикнишин, яъне пайдо шудани буржуазияи миллӣ ва синфи коргарони маҳаллӣ, ҳамчун лаҳзаи ХМ;

– аҳамиятнок будани ташаккули ХМ ва шуури сиёсии мардуми сарзамини Осиёи Миёна дар таъсир расонидани инқилоби Февралии Россия ва дигарҳо.

Хонандагони синфҳои озмоишӣ вобаста ба ин хуссусиятҳо ҳангоми омӯхтани мавзуи «Ҷанги Россия бо хонигарии Қуқанд дар Аморати Бухоро» далелҳои зеринро аз худ намуданд: маҳдуд гардидани ҳуқуқи ҳукуматдорони маҳаллӣ дар истисмори меҳнаткашон, барҳам хурдани муносибатҳои ғуломдорӣ, таҳқиқ кардани захираҳои болооби Зарафшон аз ҷониби олимони рус А.Ф. Федченко, сохтани роҳи оҳан дар Самарқанду (1888) Хуҷанд (1895), ҷалб намудани мардуми маҳаллӣ ба ташкил ёфтани Ҷамъияти роҳи оҳани Бухоро (1913), дар сарзамини Осиёи Миёна коридани пахтаи сермаҳсулу баландсифати америкоӣ, тараққиёти саноатҳо дар Осиёи Марказӣ, сохтани корхонаи

пахтатозакунӣ, хиштпазӣ, ордкашӣ, пайдо шудани синфи коргарони маҳаллӣ, ба вуҷуд омадани ҳаракати маорифпарварӣ ва ҷадидизм, муборизаи синфи меҳнаткашон бар зидди истисморгарони маҳаллӣ, ба амал омадани шӯриши миллии озодихоҳӣ дар Бухоро, шӯриши соли 1888 дар Бекигарии Балҷувон бо сардории фарзанди шуҷои халқи тоҷик Восеъ ва дигар далелҳои ба инҳо монанд.

Эҳсос кардани шодию ғами дигарон, яке аз лаҳзаҳои ХМ–и хонандагон мебошад. Бо мақсади равнақ додани ин паҳлуи ХМ омӯзгорони синфҳои озмоишӣ бо тавсияи додаи мо дар раванди дарс аз матни Бобоюнус Худойдодзода «Достони Восеъ» истифода намуданд:

Гулизор монда ҳайрон,
Кӯзачаш сари сангон.
Хун мерезад чун борон,
Вой алами Гулизор.

Таҷриба нишон дод, ки тавсияи додаи мо дар аз худкунии хонандагон бетаъсир набуд, яъне раванди азхудкунӣ хонандагон чунин лаҳзаҳои ХМ дар амали онҳо мушоҳида карда шуд: эҳтиром хоса доштан ба навигариҳое, ки дар ҳаёти халқи тоҷик ба вуҷуд омадааст, эҳтироми қаҳрамонҳои шуҷои халқу ватани худ, саҳмгузорӣ карданд дар пешрафти ҷомеа, ҳисси инсондӯстӣ, шаъну шараф, нангу номуси миллӣ, ватандӯстӣ, худогоҳӣ, хештаншиносӣ ва ғайра.

Барои исботи ин гуфтаҳо мо метавонем саволҳое, ки дар ҷараёни азхудкунии хонандагон ба онҳо пешниҳод шуда буд, як қисматашро ҳамчун мисол оварем:

Омӯзгор: Кадом ҷиҳатҳои Шӯриши Восеъ ба ташаккули эҳсоси ХМ–и шумо таъсир расонд?

Хонанда: Бар зидди золимон бархостани ӯ ва ҳимояи камбағалон.

Омӯзгор: Фарқи Шӯриши Восеъ аз дигар шӯришҳою ҷумбишҳо дар чист?

Хонанда: Фарқаш дар он буд, ки дар ин шӯриш мубориза танҳо бар зидди душманони дохилӣ аст.

Омӯзгор: Дар мисоли Восеъ шумо чӣ гуна фарзанди халқи тоҷикро тасаввур кардан метавонед?

Хонанда: Шахсеро, ки дар баробари сифатҳои паҳлавонию далерӣ ва ҳисси баланди ватандорию башардӯстӣ дошта, нисбат ба душманони халқи худ нафрати бепоён дорад.

Омӯзгор: Аҳамияти таърихии шӯриши Восеъ дар чист?

Хонанда: Дар муборизаи меҳнаткашон бар зидди душманони дохилӣ баҳри озодию мустақилияти мардуми тоҷик.

Чунин ҷавобҳою муҳокимаронихо меҳру муҳаббати хонандагонро нисбат ба Восеъ ва онҳое, ки баҳри истиқлолияту озодии мардуми тоҷик ҷонфидоӣ кардаанд, афзун гардонид.

Барои мустақилияти хонандагонро бедор намудан ба омӯзгорони синфҳои озмоишӣ дастур додем, ки дар асосои ба ҳисобгирии хоҳиши хонандагон мустақилона омӯхтани романи «Восеъ»–и Сотим Улуғзодаро тавсия диҳанд.

Чунин хулосабарориҳо нишонаи он аст, ки ХМ–и хонандагон ҳангоми дар ҷараёни таълим ва мустақилона мутолиа намудани маводҳои лозима зина ба зина такмил ёфта сермазмун мегардад.

Дар таҳқиқоти худ зарур шуморидем, ки аҳамияти мавзуи «Шӯриши миллию озодихоҳии соли 1916» ро дар дарки ХМ–и хонандагон баррасӣ намоем.

Мувофиқи маслиҳати пешаки карда шуда, муаллимони синфҳои озмоишӣ кӯшиш намуданд, ки дар дарс хусусиятҳои миллию озодихоҳии ин шӯришро ба хонандагон хуб баён намоянд.

Хонандагон дар ин мавзуъ сараввал сабабҳои рӯй додани шӯриш, аз ҷумла худсарию бедодгарии ҳукуматдорони подшоҳӣ, ба фоидаи муҳоҷирони рус ҳал кардани захираҳои замину об, зиёд намудани андоз ва ғайраро дарк намуда, сипас ба баҳонаҳои шӯриш ба хизмати ҳарбӣ

даъват намудани аҳолии Осиёи Марказӣ мувофиқи фармони ҳукумати подшоҳӣ, зери маломат қарор додани онҳое, ки қобилияти ришва доданро надоштан ошнои пайдо намуданд.

Хонандагон аз амали худхоҳонаю ноодилонаи ҳукуматдорони подшоҳӣ ва рӯйхатгирандангои ҳукуматдорони рус ба ғазаб омаданд, ки ин ба ташаккули худшносии миллии онҳо бе таъсир намонд.

Ба маълумоти хонандагон расонида шуд, ки 4–уми июни соли 1916 дар назди Қалъаи нави Бухоро 500–нафар намоишчиён ҷамъ омада, аз қозӣ ва намояндаи ҳукумати подшоҳӣ талаб намуданд, ки барӯйхатгириро қатъ намоянд, вале талаби онҳо ба эътибор гирифта нашуд. Ҳангоми ба назди сардори уезд рафтанашон, раҳорах дигарон ба онҳо ҳамроҳ шуда, дар натиҷа шумораи намоишчиён ба 7 ҳазор нафар расид. Дар ин маврид мардум ба ғазаб омада, ба ҳуҷум гузаштанд. Фаъолони ин шӯриш Ҷӯра Зокиров, Зубайдулло Раҳматуллоев, Ҷӯра Алӣ ва дигарон буданд [164, с.124].

Омӯзгорон дар ҷараёни таълим доираи васеи шӯришгарон, сабабҳои шикастхӯрӣ ва оқибатҳои онро дар Аморати Бухоро ба хонандагон ба таври муфассал фаҳмониданд.

Таҳқиқот нишон дод, ки дар баробари донистани сабабҳои сар задани шӯриш, ба ташаккули ХМ–и хонандагон чунин ҷиҳатҳои он, ҳамчун лаҳзаи ХМ таъсир расонид:

a) дарк кардани ҷумбишҳои мардумӣ бо вуҷуди шикас хурданашон;

b) зарба задани халқи тоҷик ба ҳукумати подшоҳии Россия;

c) болоравии шуурнокии мардуми меҳнаткаш;

d) ба ҳукумати подшоҳӣ маълум гардидани қувваи бузурги халқи маҳаллӣ;

e) ноҳаросона ба майдони муборизаи сиёсӣ баромадани фарзандони бо нангу номуси тоҷик ва ғайра.

Донишҳои дар раванди дарс андухтаи хонандагон, аз мавзуҳои «Афкори ҷамъиятию сиёсии маданияти халқи тоҷик» ва «Тағйиротҳои дар Аморати Бухоро ба амал омадаи охири асри XIX ва аввали асри XX» кори таҳқиқоти моро ба мақсади гузошташуда боз ҳам наздиктар месозад. Масалан: аз тарафи ҳукуматдорони Россия маҳдуд намудани ҳуқуқи рӯҳониён, барҳам додани мансабҳои динӣ дар Аморати Бухоро, гузариши мактабҳои русӣ- маҳаллӣ бо тарзу усулҳои нави таълиму тарбия ва китобдории дунявӣ, сохтани расадхонаи наву замонавӣ дар Тошканд, ташкил ёфтани шуъбаи Туркистони ҷамъияти географии рус, омӯхтани нуқтаҳои баландтарин кӯҳҳои Помир (аз ҷониби А.П. Федченко), ташкили беморхонаҳои марказии табобатӣ, ба гурӯҳҳо ҷудо шудани зиёиёни маҳаллӣ ва ғайра.

Дар асоси амсилаи таҳқиқот пешакӣ дар назар дошта шуд, ки таълими мавзуи «Аҳмади Дониш, ислоҳотгар ва маорифпарвар» дар ташаккули ХМ–и хонандагон нақши муҳим хоҳад бозид.

Аз ин рӯ, ба муаллимони синфҳои озмоишӣ тавсия дода шуд, ки тавассути тарзу усулҳои замонавии таълимдиҳӣ мазмун, моҳият ва аҳамияти барномаи ислоҳотии Аҳмади Донишро, ки ба амир пешниҳод гардида буд, ба таври васеъ ба хонандагон фаҳмонанд.

Хонандагон аз мавзуи зикргардида бояд дар бораи идоракунии мамлакат, тартиботи вазорату маҷлисҳои машваратӣ, муайян намудани ҳуқуқи амир дар асоси қонун, тартиб ва мавқеи қувваҳои ҳарбӣ, муносибати давлатдорон бо халқ, моҳияти иҷтимоию сиёсӣ доштани илму маърифат, барҳам додани иллатҳои сохти ҷомеа, нақши «Наводир–ул–вақоеъ» дар бедоргардии зиёиёни мардуми тоҷик ва дигар пешниҳодҳои Аҳмади Дониш донишҳои заруриро гирифта дарк намоянд, ки ин пешниҳодҳо дар сохти давлатдории навини тоҷикон низ мақоми хосса дорад.

Хонандагон дар мисоли Аҳмади Дониш ва талаботҳои пешниҳод кардаи ӯ ба амир, шахси донишманд, ислоҳгар, маорифпарвар, нотарсу

пешбин, ватандӯсту илмдӯст, бедоркунандаи шууру ҷаҳонбинии нави зиёиёну табақаҳои меҳнаткашон, тағрибгари сохти нави ҷомеаро дида, нисбат ба амирону дарбориён ва амалдорони пастфитрату худхоҳ нафрат пайдо карданд, ки ин ба ташаккули ХМ–и онҳо таъсири баланди тарбиявӣ расонид.

Барои пурра дар хотира ҳифз намудани моҳият ва сохти давлатдории амирон, мувофиқи пешниҳододи Аҳмади Дониш, мустақилона хондани асари «Бадоеъ – ул вақоеъ» тавсия дода шуд. Дар соатҳои тарбиявӣ барои натиҷагирӣ, омӯзгорон аз рӯйи асари хонадашуда бо хонандагони синфҳои озмоишӣ суҳбат гузарониданд.

Дар рафти таҳқиқот диққати моро ҳисси масъулиятнокӣ ва дарки ХМ–и хонандагон ба худ ҷалб намуд. Аз муошırату муҳокимарониҳои онҳо мушоҳида гардид, ки хонандагон беруназ ҷараёни таълим низ мустақилона ба мутолиа намудани асарҳои дигар намояндагони машҳури ҳаракати маорифпарваронаи асри XIX–и тоҷик, аз ҷумла Шамсиддин Шоҳин «Бадоеъ–ус–саноеъ» рӯ овардаанд, ки ин дар таҳқиқоти мо марҳилаи пешварии ҳисси ХМ–и хонандагон аст.

Хонандагон дар натиҷаи мустақилона хондани «Бадоеъ-ус-саноеъ»–и Шамсиддини Шоҳин оид ба сохти давлатдории аморати Бухоро, рафтори беадолатонаи амирону мансабдорон ва диндорони бемаърифат, ки инҳоро Шамсиддини Шоҳин унсурони нодаркори ҷомеа номида буд маълумотҳои заруриро гирифтанд.

Хонандагони синфҳои озмоимшӣ намунаи пешниҳодҳои сохти давлатдории Шамсиддини Шоҳинро (давлат аз тарафи шахсони оқилу донишманд идора карда шавад, илму дониш ва мактабу маориф дастгирӣ карда шавад, дар ҷамъият шахсияти ҳар як шахс эътироф карда шавад, ба вазифаҳои дастгоҳи давлати халқи одӣ интихоб карда шавад, ва дигар пешниҳодҳои ба инҳо монанд) байни худ муҳокима намуда, бо дигар пешниҳодҳо муқоиса менанмуданд, ки ин нишонаи ташаккули худнишосии миллӣ дар дар сиришти ҳар яки онҳо мебошад.

Донишмандӣ, кордонӣ, сиёсатмадорӣ ва зиракии маорифпарварону ислоҳгарони барҷастаи тоҷик Аҳмади Дониш ва Шамсиддини Шоҳин дар масъалаи рӯйирост зери танқид қарор додани амирону амалдорони сулолаи барои мардуми тоҷик бегона дар хонандагон эҳтироми самимӣ пайдо намудан ба муборизони роҳи озодию истиқлолият, ҳамчун яке аз лаҳзаҳои ХМ, бедор намуд.

Дар Бухоро бо усули нави таълимӣ кушодани мактабҳо, гузаронидани ислоҳот дар мадрасаҳо, паҳн намудани матбуоти ҳаррӯза ва адабиёти нав, фаҳмонидани рисолатҳои ҳукуматдорони амирӣ ба мардум, барҳам додани исрофкорӣ, низоъҳои мазҳабӣ ва мустаҳкам намудани дӯстию рафоқат дар мавзуи «Ҳақиқати ҷадидия» пурра ба хонандагон омӯзонида шуд.

Хонандагон дар ин мавзу нисбат ба шахсоне, ки ба равияи пантуркистон дохил шуда худро турк номидад ва ба ҷадидоне, ки ба забони модарии худ хиёнат кардаанд, ҳисси нафратро ба бетарафбудагони миллат бедор намуд, ки ин ба ташаккули ХМ–и онҳо таъсири мусбат расонид.

Дар дарси минбаъда бо мақсади назорат кардани раванди ХМ–и хонандагони озмоишӣ, омӯзгоро оид ба мавзуҳои номбаргардида зери унвони «Рушди соҳаҳои таърихшиносӣ, илму адаб дар Аморати Бухоро» суҳбати санҷишӣ гузаронида шуд.

Таҳлили ҷавобҳои хонандагон нишон дод, ки дар компонентҳои когнитивӣ, эмотсионалӣ-баҳодиҳӣ ва рафтори ХМ–и хонандагон пешравиҳои назаррас дида мешавад.

Донишҳои 14 боби аз худкардаи хонандагон бо ёрии омӯзгорон тавонист мафкура ва тахаюллоти онҳоро барои дар раванди таълим ва мустақилона дарк намудани ғалабаи Инқилоби Кабири Сотсиалистии Октябр дар Россия, доир ба масъалаҳои сарнагун гардидани ҳукумати муваққатӣ бо сарварии В.И. Ленин ба сари қудрат омадани Шӯрои комисарияти халқӣ, ғалабаи шӯриш дар Тошканд, дар Хуҷанд ба

ихтиёри шӯроҳо гузоштани ҳокимият, барпо шудани Ҳокимияти шӯравӣ дар Уротеппа, Масчоҳ, Ашт, кашфи болооби Зарафшон, Бадахшон, тараққӣ диҳанд.

Омӯзгорон барои парешон нагаштани афкори хонандагон фарқи Инқилоби Октябрро аз Инқилоби февралӣ шаҳру эзоҳ доданд. Оид ба моҳияти Ҳокимияти Шӯравӣ ва кӣ будани В.И. Ленин тасаввуротҳои заруриро дастраси хонандагон намуданд. Ба андешаи мо ин тасаввуротҳо дар ташаккули ХМ–и хонандагон саҳифаи нав кушодааст.

Дар боби 15 – ум ба хонандагон дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ, махсусан, «Ҳизби ҷавонбухориёни сотсиал-инқилобӣ» ва «Ҳизби Коммунистии Бухоро» маълумот дода шуд. Диққати хонандагон омӯзгорон бештар ба ташаккули «Ҳизби ҷавонбухориёни коммунистонии болшевикон» ҷалб намуданд, зеро Ҳизби коммунистии Бухоро аз ҳисоби ин ҳизб ташкил ёфтааст.

Қобили зикр аст, ки дар маҷлиси Кумитаи Марказии ҳизбӣ 23–юми октябри соли 1918 барномаи ҳизбӣ қабул гард, ки он чунин масъалаҳоро дар бар мегирифт: сарнагун кардани тартиботи амирӣ дар Бухоро, бунёди ҷумҳурии халқӣ, мусодираи замини амиру бекҳо, тақсим намудани заминҳо ба манфияти деҳқонон, ба ҷои қозӣ ҷорӣ кардани суди интихобӣ, баробарҳуқуқии ҳамаи миллатҳо, озодии сухан, матбуот, таълиму тарбияи ройгон, дар анҷумани якум (соли 1919) ба қонуният даровардани Ҳизби Коммунистии Бухоро ва ғайра.

Дар охири дарс тибқи тавсияи додашуда, омӯзгорон теъдоди хонандагонро ба ҳисоб гирифта ба онҳо супориш дода шуд, ки барномаи ҳарду ҳизбро бо ҳам муқоиса намуда гӯянд, ки барномаи кадоме аз онҳо ифодакунандаи манфиатҳои меҳнаткашон аст.

Хонандагон баъди муқоиса ва хулосабарорӣ барномаи Ҳизби коммунистии Бухороро маъқул донистанд. Ин баҳогузорӣ исботи дар онҳо ташаккул ёфтани ХМ мебошад.

Донишҳои азхудкардаи хонандагон дар бораи моҳи сентябри соли 1920 сарнагун кардани тартиботи амири дар Бухорои Марказӣ, қарори Кумитаи инқилоби умумибухороии Ҷумҳурии Шӯравӣ, органи олии давлатӣ будани Шӯрои нозирон, забт кардани ноҳияҳои маркази амарати Бухоро, ҷорӣ гардидани тадбирҳои аввалини ҳукумати нави Бухоро ва амалӣ гардии Ҳизби коммунистии Бухоро ба ташаккули ХМ–и хонандагон ҳамаҷониба таъсир расонид.

Мувофиқи нишондодҳои таҳқиқот мушаххас гардонида шуд, ки ХМ–и хонандагонро метавонад мавзуҳои «Ҳокимияти Шӯравӣ дар Бухорои Шарқӣ, Ҳисор, Вахш, Кӯлоб, Қаротегин, Дарвоз ва дар маҳалҳо», «ба ихтиёри Кумитаҳои инқилобӣ гузоштани ҳокимият» ва «ба амал омадани тағйироти куллӣ» устувор гардонад.

Бо мақсади муайян намудани раванд ва инкишофи ташаккули ХМ–и хонандагон дар синфҳои 9–уми озмоишӣ ҳангоми омӯхтани маводи таълимӣ ва корҳои беруназдарсӣ санҷиши тестӣ гузаронида шуд, ки натиҷаи он дар ҷадвали №1 нишон дада шудааст.

Аз ҷавобҳои санҷиши гузаронидашуда ба хулосае омадем, ки ба ҳисоби миёнаи ҷавобҳои додаи хонандагони синфҳои озмоишӣ дар қисмати маърифатӣ: мукаммали–78%, номукаммал–15%, нодуруст–7%. Дар синфҳои муқаррарӣ мукаммал–38%, номукаммал–35%, нодуруст-–27%–ро дар бар гирифт.

Ҷавобҳои қисмати эмотсионалӣ-баҳодиҳии синфҳои озмоишӣ: мукаммал–78%, номукаммал–16%, нодуруст–6%. Синфҳои муқаррарӣ: мукаммал–36%, номукаммал–25%, нодуруст–39%–ро ташкил дод.

Ҷавобҳои қисмати рафтор бошад дар синфҳои озмоишӣ: мукаммал–74%, номукаммал–14%, нодуруст–12%. Синфҳои муқаррарӣ: мукаммал–36%, номукаммал–28%, нодуруст–36%–ро бар гирифт.

**Ҷадвали №1.**

**Натиҷаи азхудкунии маводҳои таълимӣ дар синфҳои озмоишии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ**

| Саволҳо | Синфҳои озмоишӣ (286-н) | | | Синфҳои муқararӣ (284-н) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҷавобҳо | | | Ҷавобҳо | | |
| | Мукаммал | Номукаммал | Нодуруст | Мукаммал | Номукаммал | Нодуруст |
| 1.Давлатдории манғитиҳо ба инкишофи ҳисси давлатдории тоҷикон чӣ гуна таъсир расонид? | 80% | 12% | 8% | 37% | 32% | 31% |
| 2.Оид ба Осиёи Миёна ҳамроҳ кардани Россияи подшоҳӣ чӣ баҳо медиҳед? | 70% | 17% | 13% | 28% | 36% | 36% |
| 3.Дар Аморати Бухоро пайдо шудани саноат, муомилоти пулӣ ба бедоршавии кадом ҷиҳатҳои аҳли меҳнат таъсир расонид? | 78% | 16% | 6% | 34% | 38? | 28% |
| 4.Чӣ Восеъро ба шӯриш бархезонд? | 72% | 12% | 16% | 38% | 37% | 25% |
| 5.Шӯриши 1916 чӣ натиҷа дод? | 76% | 19% | 5% | 38% | 34% | 28% |
| 6.Андешаҳои озодихоҳонаи Аҳмади Дониш чӣ моҳият доштанд? | 78% | 16% | 6% | 45% | 36% | 19% |
| 7.Ҳаракати маорифпарварӣ дар аморати Бухоро манфиати киҳоро ифода мекард? | 78% | 13% | 9% | 38% | 35% | 27% |
| 8.Шумо тарафдори барномаи пешниҳодкардаи Ҳизби коммунистии Бухоро ҳастед ё ҷавонбухориён? | 80% | 12% | 8% | 43% | 27% | 30% |
| 9.Ба амали ҳарбии Армияи Сурх ва ҳудуди Аморати Бухоро чӣ баҳо медиҳед? | 78% | 13% | 9% | 42% | 28% | 30% |
| 10.Шумо тарафдори дар Аморати Бухоро барпо шудани Давлати Шӯравӣ ҳастед ва барои чӣ? | 80% | 11% | 9% | 45% | 32% | 23% |
| 11.Шумо ба таври ваҳшиёна ба қатл расонидани ҷавонбухориён фатво додаи рӯҳониёнро чӣ гуна баҳо медиҳед? | 75% | 15% | 10% | 30% | 22% | 48% |

Ин далелҳо исботи он аст, ки раванди ташаккули ХМ–и хонандагон дар ҷараёни таълим дар мувофиқа ба фарзияи таҳқиқот зина ба зина бо муваффақият ноил гардида истодааст. Ин ҳолат моро водор намуд, ки барои бомуваффақият пеш бурдани раванди ташаккули ХМ–и хонандагони синфҳои 10–11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик боз роҳҳою воситаҳои наву самаранокро ҷустуҷӯ намоему эҷодкорона истифода барем.

Хулоса, дар ин зербоб раванди ташаккули ХМ–и хонандагони синфҳои 9–уми озмоишӣ ба таври мухтасар дар асоси натиҷаҳои бадастомада ҳаллу фасли худро ёфта, исбот гардид, ки ба таври илмӣ донистану баҳо додани таърихи гузаштаи миллати тоҷик дар ташаккули ХМ–и онҳо нақши хосса дорад, ин донишҳо дар айни замон мояи ифтихорӣ онҳо гаштааст.

Дар баробари ифтихорманд будан, донишҳои илмӣ таърихӣ, мазмуни компонентҳои когнитивӣ, эмотсионалӣ–баҳодиҳӣ ва рафторро бой гардонида, фаҳмишу тасаввуроти онҳо дар бораи мафҳумҳои «Ман–кистам», «Ман кӣ бояд бошам» мукаммал месозад.

## §2.3.Ташаккули худшиносии миллии хонандагон ҳангоми омӯзиши маводи таълимии давраи навини давлатдории миллӣ

Омӯхтани ҷабҳаҳои таърихии миллати хеш танҳо ба хотири донистани гузашта нест, балки он дурнамоест, ки роҳи ояндаи миллат ва пешомадҳои давлатдории навинро муайян намуда, барои худшиносию худогоҳии миллӣ насли наврасу ҷавонон саҳми арзанда мегузорад, зеро пешрафти давлатдори навини миллӣ аз нерӯи насли наврасу ҷавонон вобастаги дорад. Насли наврас ва ҷавононе, ки арзишҳои ахлоқию маънавӣ ва ватандустию ХМ–и хешро қадр карда натавонанд, чигуна

метавонанд қиммату манзалати арзишҳои дигар миллатро эътироф намуда, баҳои арзанда диҳад.

Вобаста ба арҷгузорӣ ва омӯхтани сохти нави давлатдории миллӣ дар синфҳои 10–11 озмоишӣ, таҳқиқоти худро дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ давом дода, муайян намудем, ки ба сифату самаранокии ташаккули ХМ–и хонандагони синфҳои озмоишӣ ду омили асосӣ таъсир мерасонад:

1. Дараҷаи инкишофи майлу хоҳиш, талабот, маҳорати дарккунӣ, эҳсоскунӣ, баҳодиҳӣ, худмаълумотгирӣ, худтарбиякунӣ ва худбаҳодиҳии худи хонандагон.

2. Дараҷаи шиносоии хонандагон ба мазмуни маводҳои таълимии замони соҳибистиқлолии давлатдории навини миллӣ.

Тавре аз таҳқиқоти зербобҳои гузашта маълум шуд, маводи таълимии ҳар як давраи таърихӣ тавонист ба ташаккули ХМ–и хонандагон таъсир расонад. Аммо таъсири маводҳои давраи навини давлатдории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ХМ–и хонандагон ниҳоят мушаххасу таъсирбахш ба назар мерасад.

Масалан омӯзиши мавзуи «Халқи тоҷик дар давраи бунёди давлати миллии тоҷикони Шӯрави Сотсиалистӣ (1917-1924)».

Хонандагон ҳангоми омӯхтани мавзуи мазкур дар бораи чорабиниҳои аввалини Ҳукумати Шӯравӣ, сохтори нави сотсиалистии давлати миллӣ, Шӯрои Комиссарони халқ, органҳои олии давлатӣ, Артиши сурхи доимии коргарону деҳқонон, барҳамхурии сохти куҳнаи суду прокуратура, таъсиси Комиссариати Фавқулода, қарори Анҷумани сеюми Шӯрои кишвар, таъсиси милитсияи Шӯравӣ, саноат ва мусодираи замин, назорати коргаргоҳи Ҳокимияти Шӯравӣ, ҷамъияткунонии истеҳсолот, таъсиси кумитаҳои обу замин, дигаргуниҳои сиёсию иҷтимоии сохти Шӯравӣ, ғазоват ва фатводиҳии рӯҳониён бар зидди Шӯравӣ, бурдани ташвиқоти динӣ, пайдо шудани дастаҳо бо номи «Муҷоҳиддин» ё «босмачиҳо» соли 1918, ба ҷанги шаҳрвандӣ кашида

шудани кишвар донишҳои илмию таърихиро аз худ намуда, ХМ–и худро мукаммал гардониданд.

Омӯзгорони синфҳои озмоишӣ дар дарсҳо дар бораи мазмуни ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистони Шӯравӣ ва анҷом ёфтани он ба хонандагон ҳамаҷониба маълумоти муфассал доданд.

Дар хулосаи мавзуъ ба хонандагон фаҳмониданд, ки ҷанги шаҳрвандии солҳои 1918–1924 барои халқи тоҷик фоҷиаи нанговару фаромӯшнашавандаи таърихӣ аст. Сабабгори ин ҷанг табақаҳои ҳукмронон ва рӯҳониёни ҷоҳилу баландмақом буд, ки имтиёзҳои худро аз даст додан намехостанд. Хонандагон ба муносибатҳои душманонаи табақаҳои ҳукумронони маҳаллӣ ва руҳониён пурра шинос шуда, нафраташон нисбат ба онҳо зиёдтар гардид.

Таҳқиқот собит намуд, ки дар асоси донишҳои илмии азхудгардида дуруст дарк кардану баҳо додан ба сиёсати инсонпарваронаи ҳукумати Шӯравӣ, таъсис ёфтани Давлати миллӣ бо сохторҳои ба қонун асосёфта, ба сафи Артиши миллӣ ва отрядҳои ихтиёрӣ дохил шудану бар зиди босмачиён ҷангидани шаҳрвандон, мақсаду мароми табақаҳои манфиатҷӯю рӯҳониёни баландмақом ба бой гардидани мазмуни чунин лаҳзаҳои муҳимми ХМ–и хонандагон: миллатдӯстӣ, ифтихори миллию ватандорӣ, нангу номуси миллӣ, ҳушёрии сиёсӣ таъсири мусбат расонид.

Дар ҳалли масъалаи ташаккули ХМ–и хонандагон омӯхтани мавзуҳои «Зарурияти тақсимоти миллӣ–маъмурии Осиёи Миёна» ва «Раванди таъсисёбии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон» бе таъсир намонд.

Дар ҳамкорӣ бо омӯзгорони синфҳои озмоишӣ ҳангоми гузаронидани дарс бо истифодабарии тарзу усули самарабахш хонандагон бовар кунонида шуданд, ки истиқлолияти давлатии тоҷикон ба осонӣ ба даст наомадааст. Ба ин масъала душманони халқи тоҷик, махсусан, пантуркистон ва тоҷикони миллаташонро дигар карда ба ҳар

роҳ дар ҳалли масъалаи мазкур ба нафъи тоҷикон монеъ мешуданд. Ҳукумати Шӯравӣ дар он ақида буд, ки тақсимоти миллӣ- маъмурӣ дар Осиёи Миёна ХМ–и халқро баланд ва фаъолияти сиёсию меҳнатии онҳоро дар мустаҳкам намудани сотсиализм қавӣ мегардонад, ин пешбинӣ дуруст баромад.

Омӯзгорон қайд намуданд, ки Комиссияи Туркистонии Кумитаи Марказии Ҳизби коммунистии болшевикони Россия барои тақсимоти миллӣ-маъмурӣ се ҷумҳуриро ба нақша гирифтан, аз ҷумла, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Туркманистон. Дар баробари ин се ҷумҳури Комиссияҳои дигар миллатҳои дар Осиёи Миёна истиқоматдошта низ таъсис дода шуд. Вале комиссияи тоҷикон таъсис дода нашуд.

Сабаби таъсис наёфтани комиссияи тоҷиконро омӯзгорон ба хонандагон чунин шарҳ доданд: Дар яке аз маъракаи калони сиёсӣ миллатгароён тоҷиконро ҳамчун форс ва баъдтар туркони форсизабон эълон карда, комиссияҳои салоҳиятдорро ва ҳатто СССР–ро бовар кунониданд, ки тоҷикон мардуми қадимаи кӯҳистони Бухорои Шарқӣ мебошанд, барои тақсимоти миллӣ-маъмурӣ миқдори онҳо кам аст. Ҳатто тоҷиконе, ки миллаташонро дигар карда буданд дар ин маъракаи сиёсӣ нисбат ба халқу миллати худ хиёнаташонро рӯирост нишон доданд.

Барои боварӣ ҳосил намудани хонандагон муаллимон бо тавсияи мо дар дарс аз асари академик Масов Р. «Таджики: история с грифом (совершено секретно)» чунин далелҳоро истифода бурдаанд:

10–марти соли 1924 раиси Шӯрои нозирони халқӣ Файзулло Хоҷаев (миллаташ тоҷик) дар маърӯзааш дар бораи Иҷроияи УК БКП бори дуюм масъалаи ташкил намудани вилояти мухтори Тоҷикистонро дар ҳайати Ӯзбекистон пешниҳод намуд. Ин фикрро ӯ бори аввал 25–феврали соли 1924 дар Пленуми КМ, БКП пешниҳод карда буд. Аксарияти иштирокчиёни Пленум аз ҷиҳати этникӣ тоҷик буданд, вале дар маҷлиси зидди тоҷикон барпогардида норозигӣ баён накарданд.

Инчунин, қайд гардид, ки аксарияти ҳайати роҳбарони партияви шӯравиро тоҷикони миллаташонро дигаркарда ташкил медоданд, аз ҷумла котиби якуми ПКБ Аҳматбек Мавлонбеков. Раиси Шӯрои нозирони халқӣ Файзулло Хоҷаев, раиси Комиссияи Осиёимиёнагӣ оид ба масъалҳои тақсимоти миллӣ-маъмурӣ Абдулло Раҳимбоев ва дигарон муқобили барпо кардани Ҷумҳурии мустақили Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон буданд [91, с.95].

Ба маълумоти хонандагон расонида шуд, ки комиссияҳо ҳангоми гузаронидани тақсимоти миллӣ- маъмурӣ, ҳатто ба ҳисоб нагирифтанд, ки дар ҳайати Туркистон тоҷикон 47,7% ва дар Бухоро 52,3%–ро ташкил медоданд. Ин сохтори тақсимотӣ миллӣ-маъмурӣ шаҳрвандони аз ҷиҳати ХМ бедор будаи тоҷикро қонеъ нагардонид. Аз номи шахсони алоҳида ва коллективи меҳнаткашон ба номи Бюрои Осиёимиёнагии КМ, ҲК (б)Р ва Ҳукумати СССР мактуби барқиявӣ фиристода дар он оварда шуда буд, ки нисбати тоҷикон ва сохти минбаъдаи он ба хостанҳою каҷравиҳо роҳ дода нашавад.

Дар масъалаи мазкур русҳо (Зеленский, Андреев, Семёнов), қазоқҳо (Д. Ризқулоев), полякҳо (Миклашевский), тоторҳо (Г. Сафаров) ва дигарон халки тоҷикро ҳимоя намуда, тавонистанд тоҷиконро ҳамчун халқи қадима ва дорои маданияти куҳан дошта муаррифи намуда, сохти давлатдории сотсиалистии онҳоро таъмин намоянд. Ҳаминтавр моҳи сентябри соли 1929 тақсимоти миллӣ-маъмурии Осиёи Миёна ба ҳукми қонун даромад [167, с.57].

Дар асоси ба ҳисоб гирифтани бахотироварии донишҳои қаблӣ ва далелҳои нав аз худкардашуда байни хонандагони синфҳои озмоишӣ суҳбати проблемавӣ ташкил карда шуд.

Аз муҳокимаю таҳлилҳо маълум гардид, ки хонандагон асоси даъватҳои раванди пантуркистон, хиёнати тоҷикони миллаташонро дигар карда, хатоиҳои комиссия оид ба тақсимоти миллӣ-маъмурӣ, дастгирӣ ёфтани тоҷикон аз ҳисоби дигар миллатҳо ва бедоршавии

шуури сиёсии мардуми тоҷикро баҳри бунёди давлати нави миллӣ ба хубӣ дарк намудаанд. Ҳисси ХМ–и хонандагон дар натиҷаи суҳбати мушкилотӣ маълум гардида дар онҳо ҳушёрию зиракӣ, шаъну шараф ва пос доштани заҳматҳои беандозаи халқи тоҷик барои барқарор намудани ҳукумати Шӯравӣ ташаккул дода шуд.

Дар назар дошта шуд, ки барои тараққи додани ХМ–и хонандагон донистани барпогардии Ҷумҳурии мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон хеле аҳамиятнок аст.

Омӯзгорон дар ҷараёни дарс ба маълумоти хонандагон расониданд, ки дар Анҷумани якуми намояндагони халқи Бухорои Шарқӣ, ки аз 1 то 5–уми сентябри соли 1924 дар шаҳри Душанбе мегузашт, масъалаи Ҳукумати Бухорои Шарқӣ ба миён омад. Дар он анҷуман мақоми олӣ Ҳокимият буд. Бюрои сиёсии КМ ҲК(б)Р 11–октябри соли 1924 дар асоси баромади раиси комиссия В.В. Куйбишев оид ба тақсимоти миллӣ-маъмурии Осиёи Миёна ва номаҳои халқи тоҷик зарурати таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистонро дар ҳайати Ӯзбекистон маъқул донистанд. 14–октябри соли 1924 дар сессияи II–и Кумитаи Марказии умумироссиягӣ, масъалаи тақсимоти Осиёи Миёнаро муҳокима намуда, таъсис додани Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистонро дар ҳайати Ҷумҳурии Узбекистон тасдиқ намуданд [92, с.274].

Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз ноҳияҳои Истаравшан, Ғунчӣ, Шаҳристон, Айнӣ, Панҷакент ва вилоятҳои имрӯзаи, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, Ғарм иборат буд.

Ба ҳайати Президиуми Кумитаи инқилобии таъсисдодашудаи ҶМШС Тоҷикистон бошад Нусратулло Махсум, Б. Додобоев, Р. Бобоҷонов, А, Ёрмуҳаммадов, Ш. Шоҳтемур, А.М. Дияков ва дигарон дохил буданд. Моҳи феврали соли 1925 Ҳукумати Тоҷикистон аз Тошканд ба Душанбе пойтахти ҶМШС Тоҷикистон кӯчонида шуда, 15–уми марти соли 1925 дар гирдиҳамоиҳои аҳолии Душанбе, Декларатсияи

таъсисёбии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ботантана эълон карда шуд.

Аз муҳтавои мавзуи баён намудаи омӯзгорон, хонандагон дарк намуданд, ки пас аз 1000 соли аз байн рафтани давлатдории тоҷикон, халқи тоҷик бо иштироки фаъолони намояндагони халқи рус ва дигар миллатҳо ба ҳамаи мушкилиҳо нигоҳ накарда, Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистонро таъсис доданд.

Ин ҷонфидоиҳою муборизаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ХМ–и хонандагон таъсир расонида, онҳоро дар рӯҳияи инсондӯстӣ, миллатдӯстӣ, ифтихори миллӣ, ватандорӣ, дӯстии байни халқиятҳои гуногун новобаста аз урфу одат, нангу номуси миллӣ, ва дигар сифатҳои ҳамидаи худшиносию худогоҳӣ тарбия намуд.

Хонандагон ҳангоми омӯзиши мавзуи «Тоҷикон дар даврai мухторият (1924–1929)» дар бораи тағйиротҳои дар ҶМШС Тоҷикистон баамаломада: таъсисёбии Ҳизби коммунистии Тоҷикистон, аз Кумитаҳои инқилобӣ гузаштан ба шӯроҳо, гузаронидани интихобот, маҳрум кардани сарватмандон аз ҳуқуқи райдиҳӣ, таъсиси мақомоти идоравӣ ва ҳокимияти демократӣ, ҳалли масъалаҳои аграрӣ, саноатӣ, ҳунармандӣ, марказҳои зарбазанӣ ва ғайраҳо маълумоти мукаммал гирифтанд. Ин низоми донишҳои нав азхудгардида, дар мукаммал гардидани қисматҳои маърифатӣ, эмотсионалӣ-баҳодиҳӣ ва рафтори ХМ–и хонандагон саҳми арзанда гузоштаанд.

Омӯзгорон кӯшиш ба харҷ доданд, ки барои мустаҳкамтар намудани ҳисси худшиноси миллии хонандагон онҳоро ба таъсисёбии (декабри соли 1924) Комиссариати маорифи (Вазорати маориф) Тоҷикистон таъсис ёфита буд шинос намоянд.

Қайд карда шуд, ки асоси пойдории мактабҳои муосир, мактаҳои шӯравӣ ба ҳисоб меравад, зеро ба душвориҳою пурпечутобҳои он замон нигоҳ накарда мактабҳои нави шӯравӣ тавонистанд бо мақсади рушд намудани Тоҷикистон дар соҳаи илм ва сол то сол зиёд гардонидани

миқдори толибилмон муаллимону донишмандони таҷрибадорро бо усули нави таълимӣ ҷалб намоянд. Ҳатто барои фаро гирифтани бепарастон ва фидоиёни ватан мактаб – интернатҳо таъсис дода шуд.

Дар таълимоти мактабҳои замони шӯравӣ хонандагонро мебоист ба таъқиби муллоҳо ва душманони замони шӯравӣ нигоҳ накарда ба таълиму тарбия фаро гирифта шаванд. Мақсади гузоштаи низоми мактабҳои шуравӣ натиҷа низ дод, ки дар айни замон мояи ифтихори насли навраси мактабҳои муосир аст. Аниқтараш хонандагон ба таърихи таъсисёбии мактабу маорифи миллати хеш шинос шуда, қадр кардани онро барои худ мояи ифтихор донистаанд.

Мушоҳидаҳо нишон дод, ки натанҳо донишҳои азхудкардашудаи таъсисёбии Вазорати маориф, балки донишҳои таъсисёбии муассисаҳои маданӣ, маърифатӣ, санъати кино, тараққиёти илму фарҳанг, ислоҳоти алифбо, таҳсил бо забони тоҷикӣ, ифтихорманд будан аз барқароркунандагони ҳукумати шӯравӣ ва аз нав мақоми давлатӣ гирифтани забони модарӣ низ дар ташаккули ХМ–и хонандагон саҳми арзанда гушота тавонист.

Мувофиқи гипотеза ва модели таҳқиқот дар назар дошта шуда буд, ки донистани раванди таъсисёбии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ҳамчун давлати ҳақиқии миллӣ дар ташаккули ХМ – и хонандагон нақши махсус хоҳад бозид. Ин мақсади гузошташуда ҳангоми омӯзонидани мавзуи: «ҶШС Тоҷикистон дар давраи бунёди ҷомеаи Сотсиалистӣ (1927–1937)» ба хонандагон дар амал татбиқ гардид.

Дар асоси ҳамкорҳои наздик омӯзгорони синфҳои озмоишӣ дар дарсҳо ба хонандагон доир ба рафти таъсисёбии ҶШС Тоҷикистон маълумот дода, қайд намуданд, ки 12–июни соли 1929 Президиуми КИМ ИҶШС дар бораи аз ҳайати Узбекистон баромадани Тоҷикистон ва ба ҳайати ИҶШС (СССР) дохил шудани он қарор баровард. 4–уми сентябри соли 1929 округи Хуҷанд, ки дар ҳайати Узбекистон буд, ба

Тоҷикистон баргардонида шуд. 15–уми октябри соли 1929 бо иштироки намояндагони ҳамаи халқҳои ҷумҳуриҳои иттифоқ қарори бароварда шуда, оида ба таъсиси Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар Анҷумани III фавқулодаи Шӯроҳои ҶШС Тоҷикистон қабул гардид [94, с.408].

Шунидани ин навигариҳои таърихӣ дар хонандагон ҳаяҷони ғайриодӣ ва хурсандии беназирро ҳувайдо намуд. Ин тасаввуроти нави аз худ кардаи онҳо дар мукаммал гардидани мазмуни компоненти эмотсионалӣ-баҳодиҳии ХМ–и саҳифаи нав кушод.

Хонандагон ҳангоми таълим ва корҳои мустақилона ба хулосае омаданд, ки таъсисёбии ҶШС Тоҷикистон масъалаи миллӣ, сиёсӣ байналмилалӣ низ буд, ки ин ба душманони халқи тоҷик зарбаи ҳалкунанда расонид, давлати миллии тоҷикон ҳарҷониба устувору мустаҳкам гардид ва ҳаёти ҷомеаро мустақилона пеш мебурд, барои тараққиёти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятию аъзои ҷомеа роҳи васеъ кушода шуд, барои ташаккули пурраи миллати тоҷик ҳамаи омилҳо муҳайё гардид, донишҳо дар бораи ҳамчун давлати мустақили миллӣ ба ҳайати ИҶШС (СССР) дохил шудани Тоҷикистон чун масъалаҳои маркази ХМ ба ташаккули худшиносии миллиашон ёрӣ расонида тавонист.

Муаллимон ҳангоми гузаронидани дарс моҳият ва мазмуни мавзуи «Инқилоби фарҳангӣ дар ҶШС Тоҷикистон» бо як ҳисси баланди худшиносӣ диққатҷалбкунандаю таъсирбахш ба хонандагон чунин баён намуданд. Мафҳуми инқилоби маданӣ бори аввал дар Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон раванди бемислу монандро дар соҳаи илм, маориф, тандурустӣ, муассисаҳои маданӣ–фарҳангӣ, ташкил ёфтани маорифи миллии сотсиалистӣ, таёр намудани кадрҳои миллӣ, таъсиси ёфтани мактабҳои шӯравӣ бо мазмуну методҳои нави таълимию тарбиявӣ, муайян намудани мақсаду вазифаҳо, барҳам додани маҳви бесаводӣ, санъатҳои шаклан миллию мазмунан сотсиалистӣ, таъсиси

донишкадаҳои педагогӣ (Душанбе (1931), Хуҷанд (1932) Донишкадаи кишоварзии Тоҷикистон (1937), Академияи илмҳои Тоҷикистон), таъсиси омӯзишгоҳҳою техникумҳо ва ғайраро ба вуҷуд овард.

Таҳқиқот собит намуд, ки донистани моҳияти инқилоби фарҳангӣ, тағийроти иҷтимоию сиёсӣ дар ташаккули ҳамаи қисматҳои ХМ–и хонандагон табадулоти ғайриодиро ба вуҷуд овард.

Дар охири дарс омӯзгорон барои дар қадом сатҳ қарор доштани озодандешии хонандагон, нисбат ба донишҳои навазхудкардаашон саволи проблемавӣ гузоштанд: Дар асоси далелҳои номбаргардида шумо Ҳукумати Шӯравиро ба Ҳукуматдории Аморати Бухоро муқоиса намуда гӯед, ки кадоме аз инҳо дар маълумотнокгардонии миллати тоҷик саҳмгузорӣ намудаанд? Аз рӯйи муҳокимарониҳо маълум гардид, ки аксарияти хонандагони синфҳои озмоишӣ моҳияти инсонпарварона доштани сиёсати Ҳукумати Шӯравиро дар маълумотнок гардонидани халқи тоҷик дуруст дарк кардаанд. Донистани инқилоби маданӣ ба бою мукаммал гардидани фаҳмишу тасаввуроти миллатдӯстию ватандӯстӣ, ифтихор доштан ба давлати миллӣ, ки ифодакунандаи манфиатҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон буданд, ба бою устувор гардидани ҷаҳони маънавии онҳо боис гардид.

Дар таҳқиқот ба омӯзгорони синфҳои озмоишӣ тавсия намудем, ки заруратуаҳамияти худмаълумотгирӣ хонандагонро ба ҳисоб гирифта ба хонандагон супориш диҳанд доир ба мавзуи «Таъсиси Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ифтихори миллати тоҷик аст» мустақилона реферат нависанд. Дар асоси таҳлили рефератҳои хонандагон ба хулосае омадем, ки хонандагон дар ҷараёни дарс шароитҳои барпогардии давлати миллии сотсиалистии Тоҷикистон, қабули Конститутсияи миллии Тоҷикистони Шӯравӣ, нишонаҳои ғалабаи сотсиализм, ёрии бародаронаи русҳо ва намояндагони дигар миллатҳо, тараққиёту илм, истеҳсолот, маданияти шаклан миллию

мазмунан сотсиалистии тоҷиконро хуб дарк намуда, дар раванди иҷрои корҳои мустақилона аз уҳдаи баррасии он ба хубӣ баромаданд.

Дар асоси мавзуҳои нав азхудкардаи хонандагон баррасии мавзуи: «ҶШС Тоҷикистон дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941 – 1945)» дар ташаккули ХМ–и онҳо бе таъсир нахоҳад буд.

Дар натиҷаи ҳамкорӣ омӯзгорон ба хонандагони синфҳои озмоишӣ моҳияти сар задани ҷанги Германия ба Иттиҳоди Шӯравӣ ва табдилёбии Ҷанги Бузурги Ватанӣ фаҳмонида, қайд намуданд, сабаби асосии Ҷанги Бузурги Ватанӣ ин зиддияити байни сохторҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маданияти сотсиалистӣ, моликияти умумихалқӣ ва давлатӣ–кооперативӣ буд. Донистани ин донишҳо ба инкишоф ёфтани шуури сиёсию миллии хонандагон таъсири мусбат расонид.

Ба хонандагон дастрас гардид, ки субҳи 22–июни соли 1941 Германияи фашистӣ бо қувваи зиёди ҳарбӣ (5,5 мл аскар), иборат аз 190 дивизия, аҳдшиканона ба Иттифоқи Шӯравӣ (СССР) ҳуҷум кард. Ин ҳуҷум дар таърих оғозёбии Ҷанги Бузурги Ватанӣ зикр гардида, халқу миллатҳои ба СССР бударо ба хашм оварда аст. Аз ҷумла дар саҳифаҳои таърих иштироки халқи тоҷик дар муҳорибаҳои калонтарини ҳарбӣ баҳри ҳимояи Ватан бисёр назаррас ба назар мерасид.

Масалан дар муҳорибаи назди Москва 6–нафар, муҳорибаи Сталинград 14–нафар, муҳорибаи Курск 9–нафар, муҳорибаи Ленинград 7–нафар, муҳорибаи Днепр 21–нафар, озод кардани Минск 4–нафар ва дигар муҳорибаҳо [37, с.135].

Дар асоси маводҳои китоби дарсӣ ва далелҳои истифодашудаи таъсирбахш ба хонандагон дар бораи қаҳрамонии тоҷиконе, ки ба унвони баланди давлатӣ «Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ» ва «Каҳрамони Иттифоқи Советии Шӯравӣ» барои корнамоиҳои бе мислу монанд сарфароз гардонидани Неъмат Қарабоев, Исмоил Ҳамзалиев, Ҳодӣ Кенҷаев, Тӯйчӣ Эрҷигитов, Саидқул Турдиев, Домулло Азизов, Ҳайдар

Қасимов, Тухтасин Мирзоев, Урунбой Яқубов ва дгарон маълумот дода шуд [38, с.41].

Ба мудофиаи Иттиҳоди Шӯравӣ бархестану шикаст додани фашизми Германия дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ рӯҳияи хонандагонро баланд бардошта, ҳисси ХМ–и онҳоро ба корнамоиҳои миллати тоҷик дучанд намуд.

Ҳангоми таълими мавзуи «Иштироки ҷанговарони тоҷикистонӣ дар муҳорибаҳои давраи анҷомёбии Ҷанги Бузурги Ватанӣ» хонандагон огоҳ шуданд, ки дар давоми солҳои 1941–1945 зиёда аз 200–ҳазор нафар шаҳрвандони Тоҷикистон дар ҳайати отряди партизанӣ бар зидди фашистони Германия, чигунае, ки номҳояшонро дар боло зикр кардем мардонавор ҷангиданд [165].

Таърих гувоҳи он аст, ки дар Ҷанги Дуюми Ҷаҳон ҳатто занҳои тоҷик баҳри осудаҳолии Ватан бетараф набуда ба муқобили ошубгарон баромада аз худ қаҳрамони нишон додаанду бо ордени Лелинӣ сарфароз гардидаанд. Метавон шуҷоатмандии сарнишини самолёти бомбаандозӣ Маҳмадҷонова Ойгул бо 92 парвози ҷангӣ. Офитсери хизмати ҳарбӣ Ҳайдарова Шаҳрӣ, духтур С.М. Ниёзова ва садҳо дигар иштирокчии набардҳои ҷангиро барои мисол овард.

Шиори «Ҳама чиз барои фронт, ҳама чиз баҳри ғалаба» ё «Мубориза бар зидди душман» ба мазмуни «Мактуби халқи тоҷик ба ҷанговарони тоҷик» мувофиқ аст. Мактуби мазкур ваъдаи халқ оиди вақту қувваи худро дареғ надониста, содиқона ба меҳнат вобаста шуда, ҷанговаронро бо яроқу ислиҳа ва хӯрокаю либос таъмин менамоем 20–уми марти соли 1943 бо имзои 39000 шаҳрвандони тоҷик дар рӯзномаи «Правда» чоп гардид, ки он ба баланд гардидани рӯҳияи мардонагию далерии ҷанговарони шуҷоъ таъсир расонид [37].

Донистани ин далелҳои илмӣ намунаи ибрати хонандагон буда, дар сатҳи баландгадонии ҳисси ватандӯстӣ, миллатдӯстӣ, боваринокӣ ва

садоқатмандии онҳо вобаста ба ҳар як компоненти ХМ заминаи устувор мегузорад.

Дар асоси далелҳои истифодашуда хонандагони синфҳои озмоишӣ бовар кунонида шуданд, ки ташкилёбии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон эҳёи (аз нав барқароршавии давлатдории нави миллии Тоҷикистон) тоҷик буд. Хулас ба маълумоти хонандагон пурра расонида шуд, ки Тоҷикистони Шӯравӣ то таъсисёбии ҷумҳурии соҳибистиқлол дорои заминаҳои мустаҳками иқтисодӣ, илмию фарҳангӣ, захираҳои фаровони табиӣ, тараққиёти соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ва ғайра гардида буд.

Бо мақсади муайян намудани дарки азхудкунии донишҳои навӣ хонандагони синфҳои озмоишӣ дар охири таҳсил оид ба сатҳи ташаккули ХМ–и онҳо тести санҷишию ҷамъбастӣ дар ҳаҷми 16 савол гузаронида шуд.

1. Барои таъсис додани Ҷумҳурии мустақили Тоҷикистон киҳо муқобил буданд?

2. Давлати ҳақиқии миллати тоҷик бо тамоми сохторҳояш кай ва бо кадом ном таъсис ёфт?

3. Дар Конститутсия кадом масъалаҳо инъикос ёфта буданд?

4. Ғалабаи инқилоби фарҳангӣ ба халқи тоҷик чигуна таъсир расонид?

5. Сабабҳои ғалабаи Иттиҳоди Шӯравиро бар зидди Германияи фашизм дар чӣ мебинед?

6. Ҳангоми донистани корнамоиҳои фарзандони фарзонаи халқи тоҷик дар ҶБВ, дар шумо чӣ гуна эҳсос пайдо шуд?

7. Сабабгори асосии сар задани ҷанги шаҳрвандии солҳои 1918–1924 дар Осиёи Миёна киҳо буданд?

8. Ба фатвою ғазовати рӯҳониён шумо чигуна баҳо медиҳед?

9. Босмачиҳо киҳо буданд ва ба онҳо киҳо ёрӣ мерасониданд?

10. Ба амали пантуркистон нисбат ба таъсисёбии Ҷумҳурии мустақили тоҷикон чӣ баҳо медиҳед?

11. Дар таъсисёбии ҶШС Тоҷикистон киҳо саҳми асосӣ гузоштаанд?

12. Сохти моликиятдорӣ дар ҶШС Тоҷикистон чӣ гуна буд?

13. Аҳамияти ғалабаи инқилоби маъданиро дар ҶШС Тоҷикистон дар чӣ мебинед?

14. Чаро солҳои 1941–1945-ро Ҷанги Бузурги Ватанӣ номиданд?

15. Корнамоиҳои занони тоҷикро дар фронтҳои ҶБВ, чигуна баҳо медиҳед?

16. Ба корнамоиҳои мардуми тоҷик дар ақибгоҳ ва ёрии онҳо ба фронт чӣ гуна баҳо медиҳед?

Таҳлили натиҷаи саволҳои гузошташудаи тестӣ санҷишию ҷамъбастӣ, иҷрои суоришҳо, суҳбатҳо, ва муҳокимарониҳои хонандагон моро ба хулосае овард, ки омӯзиши маводи таълимии фанни таърихи халқи тоҷик дар давраи шӯравӣ бо истифодаи корҳои беруназдарсӣ (суҳбатҳо, вохӯриҳо, экскурсияҳо ва ғайра) ба ташаккули худшиносии миллӣ хонандагон таъсири баланди тарбиявӣ расонида, чунин лаҳзаҳои худшиносии миллиро, аз ҷумла шуурнокии ҷамъиятӣ, ҷаҳонбинии илмӣ, ватандӯстӣ, миллатдӯстӣ, худогоҳӣ, ҳувияти миллӣ, пос доштани муқаддасоти миллӣ ва дуруст дарк кардану баҳо доданро ба бузургии дӯстии байни халқҳою миллатҳои гуногун мунтазам ташаккул дода, марҳила ба марҳила пеш рафта истодааст.

Хуллас хонандагон дар машғулиятҳои таълимӣ ва берунад таълимӣ итминон пайдо намуданд, ки Тоҷикистон давлати навини миллати тоҷикон аст. Ҷамъияти сотсиалистӣ дар асоси принсипҳои демократикунонию инсонпарварӣ ва моликияти умумихалқӣ асос ёфтаасту ифодакунандаи он манфиатҳои шаҳрвандон мебошад.

Ташаккули ХМ–и хонандагони синфҳои 11–и озмоишӣ давоми таҳлили давраҳои гузашта буда, инкишофи пурраи дигар марҳилаҳои

худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ аз омӯзиши мавзуи «Пошхӯрии ИҶШС» сарчашма мегирад.

Дар ҷараёни таълим омӯзгорон ба хонандагони синфҳои озмоишӣ оиди сабабҳои объективию субъективӣ доштани «Пошхӯррии Иттиҳоди Шӯравӣ», «Аз ҳайати ИҶШС баромадани собиқ ҷумҳуриҳои Итифоқ» ва «Шароити таърихии ташкили Ҷумҳурии Соҳибистиқлолии Тоҷикистон» донишҳои заруриро дода онҳоро ба худтаҳлилкуни равона намуданд.

Таҳқиқот муайян намуд, ки дар натиҷаи худтаҳлилкунии хонандагон маҷмуи донишҳои зерини азхудгардида дар ташаккули ХМ–и онҳо нашқи муҳим бозидааст. Масалан хонанлагон дар таҳлилу муҳокимаронихои худ сабабгори аз байн рафтани имкониятҳою осоиштагии демократикунонии мамлакатро дар тезу тунд гардидани муборизаҳо баҳри ба даст овардани ҳокимият ва авҷгирии ҳизбҳои коммунистӣ, аз ҷумла, Ҳизби Демократии Тоҷикистон, Ҳизби наҳзати ислом, муттаҳиди майдонии «Шаҳидон» ва «Растохез», созмони «Лаъли Бадахшон» ва қозиётҳо медиданд. Ба андешаи онҳо буҳрони сиёсиро дар мамлакат, ташкилёбии ду майдон «Шаҳидон» ва «Озодӣ», ки мақсадҳои гуногундоштаанд тезутунд гардонид. Ҳатто Қувваҳои зидди ҳукумати конститутсионӣ истеъфои аввалин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қаҳор Маҳкамовро, ки 29–ноябри соли 1990 ба ин вазифа интихоб гардида буд, талаб намуданд. Бо мақсади рух надодани хунрезӣ Қаҳор Маҳкамов аз вазифа истеъфо дод, Қадриддин Аслонов вазифаи иҷрокунандаи Президентро ба уҳда гирифт ва дар бораи қатъ гардидани фаъолияти Ҳизби Коммунистӣ қарор бароварданд. Зери фишори қувваи мухолифин раиси ҳукумати Душанбе М. Икромов фармонро дар бораи ваҳшиёна кандани пайкараи асосгузори Ҳизби Коммунистӣ В.И. Ленин ба имзо расонид. Дар ин ваҳшоният бо ном «демократҳо»–и Россия А. Собчак ва Е. Велихов сабабгор буданд. Аз ҳудуди Эрону Афғонистон низ душманон ба муташанниҷ гардидани вазъи нооромии Тоҷикистон таъсир мерасонанд.

Ваъзияти дар ҷумҳурӣ баамаломада табиати хонандагонро хира намуд. Зарурат пеш омад, ки дар ҳамкори бо омӯзгорон «Зарурияти барпо гардидани Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон»-ро мухтасар ба хоннадагон шарҳу эъзоҳ диҳем.

9–сентябри соли 1991 Иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии Тоҷикистон «Дар бораи эълон шудани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қарор қабул намуда, дар сартосари Тоҷикистон эълон гардид, ки 9–сентияб ҳамчун рӯзи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола ҷанш гирифта шавад. Дар ҳамин сол (1991) ба таври овоздиҳии умумихалқӣ Раҳмон Набиев Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид. Дар Парламенти онвақта ва Ҳукумат се гурӯҳҳои гуногун мақсад байни ҳам барои соҳиб шудани Ҳокимияти давлатӣ рақобат менамуданд.

19–ноябри соли 1992 дар Иҷлосияи XVI таърихии тақдирсози Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум) бо иштироки 193-нафар вакилони халқ ба тариқи овоздиҳии пинҳонӣ Эмомалӣ Раҳмон ба вазифаи раиси Шӯрои Олӣ интихоб гардид. Ин иҷлосия аз 16–ноябр то 2–декабри соли 1992 давом кард. Эмомалии Раҳмон ба шароити ниҳоят мушкил нигоҳ накарда, тавонист дар атрофи худ ҳамаи қувваҳои пешқадаму ватандӯст ва сулҳпарварро барои фаъолияти худро дар шаҳри Душанбе ба роҳ мондад, ҷалб намоят. 12–декабри соли 1992 Ҳукумати Ҷумҳарии Тоҷикистон ба шаҳрвандон мурочиат намуда дар ҳамкории байниҳами нақшаи сохти ҷамъияти демократиро муайян намуданд, яъне қабули рамзҳои нави давлатию миллӣ (Парчам, Нишон, Суруди миллӣ бо мазмуни нав), ва дигар санадҳою меъёрҳои ҳуқуқӣ.

Дар ҷараёни таълим бо тавсияи пешаки омӯзгорон бо хонандагони синфҳои озмоишӣ оиди масъалаи «Агар дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон Ҳукумати Тоҷикистон таъсис намеёфт, он гоҳ дар ҳаёти халқи тоҷик ва Тоҷикистон чӣ гуна рӯх додани ҳодисаҳои ғайричашмдоштро интизор шудан мумкин буд?» суҳбати проблемавӣ

гузаронианд. Аз муҳокимаронихои онҳо маълум гардид, ки оид ба масъалаи баёнгардида фикрҳои худро мустаҳкам намуда, ақидаҳои якдигарро муқоиса менамуданд, ки ин амали онҳо комёбии бузург дар ҷодаи такмилёбии ХМ–и онҳо мебошад.

Дар охир ба хонандагон супориш дода шуд, ки дар мавзуи «Нақши Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон дар таърихи миллати тоҷик» реферат нависанд. Рефератҳои иҷрокардаи хонандагон дар дарсҳои семинарӣ шунидаю муҳокима гардида, аз ҷониби ҳамсинфон баҳо низ дода шудаанд. Баҳои додаи онҳо асоснок буда, ишора ба сатҳи муътадили ХМ онҳо буд.

Дар таҳқиқот мушаххас гардид, ки хонандагон зери роҳбарии омӯзгорон вобаста ба ҳар як бахши таълим мавзуҳои «Ҷанги шаҳрвандӣ», «Сулҳ ва ваҳдат дар сарзамини тоҷикон», «Ба итмомрасии ҷанги шаҳрвандӣ», «Мустаҳкам намудани ягонанагӣ ва ваҳдат дар ҷумҳурӣ», «Созишномаи умуми истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллии Тоҷикистон», «Аҳдномаи ризоияти ҷомеа дар Тоҷикисто» ва «Саҳми чумҳурии Тоҷикистон дар инкишофи ҷаҳони имрӯза» мустақилона омӯхта доир ба ҳар як мавзуи баёншуда, чунин делелҳои илмиро доир ба такмил додани ХМ аз худ намудаанд:

1. Норозигии қувваҳои мухолифин бар зидди Ҳукумати нави Тоҷикистон бо мақсади ташкил намудани давлати исломӣ, фаъолияти сиёсии Ҳизби Демократии Тоҷикистон, созмони «Лаъли Бадахшон» ва Қозиёти ҷумҳурӣ бо сардории Шодмон Юсуф, таъсис додани «Ситоди наҷоти Ватан», сабабҳои оғозёбии ҷанги шаҳрвандӣ дар ҷумҳурӣ, таъсири оқибати ҷанг ба мардуми тоҷик, таъсиси ду қувваи бо ҳам зид (тарафдорони ҳукумати Конститутсионӣ ва мухолифин), дар ҳамбастагӣ (Фронти халқии Тоҷикистон, таҳти сарварии Сангак Сафаров Вазорати корҳои дохилӣ Кумитаи амният) аз хатар эмин нигоҳ доштани шаҳри Душанбе;

2. Дар ваъзияти мураккабу душвори ҷангӣ нигоҳ доштани мустақилияти ҷумҳурӣ, эҳсосоти таърихан баланди ватандӯстию миллатдӯстӣ мардуми тоҷик, ғорат намудани амволи ҳамдиёрон, бераҳмии мансабдорон, сабаби пареншоншавии мардуми тоҷик, муътадил гардидани соҳибистиқлолӣ ва вазъият дар Тоҷикистон (сентябри соли 1992), изҳороти роҳбарони кишварҳои Россия, Қазоқистон, Узбекистон Б. Элсин, Н. Назарбоев, И. Каримов, А. Акаев, барпогардии ҷаласаи роҳбарони ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ бо иштироки вазири корҳои хориҷии Россия (4–ноябри соли 1992) қабули барномаи хотимаёбии ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикисто, қарорҳои Иҷлосияи XVI;

3. Дастгири ёфтани сулҳу ваҳдат дар Тоҷикистон аз ҷониби ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, Россия ва мамлакатҳои ҷаҳон, ташкилотҳои байналмилалии Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони Конференсияи Исломӣ, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар барқарор намудани сулҳу ваҳлат:

4. 17–сентябри соли 1994 дар гуфтушунидҳои чандинкаратаи байни тоҷикон қабул гардидани Созишномаи оташбас дар Теҳрон, 23–декабри соли 1996 таъсис додани Комиссияи оштии миллӣ дар натиҷаи созишномаи Созмони Милали Мутаҳид дар шаҳри Москва бо иштироки бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарии Иттиҳоди мухолифини тоҷик С. А. Нурӣ

5. 27–июни соли 1997 дар шаҳри Москва «Созишномаи умуми истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон» қабул карда шуд, ки дар он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, роҳбари иттиҳодияи қувваҳои мухолифини тоҷик Саид Абдуллоҳи Нурӣ ва намояндаи махсуси Дабири кулли СММ Д. Мерем имзо гузоштанд, ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон қатъ гардид, ба ҷумҳурӣ зиёда аз 10-милиард доллари америкоӣ зарар овардани оқибати ҷанги шаҳрвандӣ,

қатли одамони бегуноҳ аз ҷониби қувваҳои сиёҳ, қатли ходимони намоёни миллату давлат [92, с.102];

6. 9–уми марти соли 1995 бо имзои намояндагони 30-ташкилоти сиёсию ҷамъиятӣ қабул гардидани «Аҳдномаи ризоияти ҷомеа дар Тоҷикистон» ваҳдати миллӣ, уҳдадориҳои давлатии Ҳукумати Тоҷикистон, ҳизбҳои сиёсию иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, таъминоти сулҳу ваҳдат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳкими истиқлолияти давлатӣ, сохтори демократии давлату ҷомеа, нақши сулҳу ваҳдат дар таъмин намудани ягонагии тоҷикону тоҷикистониён, аниқ муайян гардидани роҳҳои тараққиёти ояндаи Тоҷикистони соҳибистиқлол, августи соли 1999 аз ҷониби роҳбари Иттиҳоди қувваҳои мухолифин Саид Абдуллоҳи Нурӣ эълон гардидани парешоншавии неруи мухолифин, саҳми басо арзандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари Иттиҳоди мухолифин Абдуллоҳи Нурӣ барои ба даст омадани сулҳу субот, саҳми «Шоҳроҳи абрешим-Шоҳроҳи ваҳдат» (1999) дар роҳи муттаҳид гардидани ҳамватанон.

7. Аъзои Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳои байналмилалӣ гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои бештар аз 20 ташкилоти байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА), Ташкилоти Конфронси Исломӣ (ТКИ), Фонди байналмилалии асъор (ФБА), аъзои созишномаи ҳамкории Шанхай (СҲШ), Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ), робита бо бештар аз 50 ташкилотҳои байналмилалӣ, бо қарори ЮНЕСКО соли 2004 додани ҷоизаи «Шаҳри Сулҳ» ба пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе, саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои Инқилоби ҷаҳонӣ, мубориза бар зидди терроризм, экстремизм, нашъафурӯшӣ, одамфурӯшӣ, аз ҷониби СММ маъқул донистани ташаббуси Тоҷикистон оид ба эълон намудани «Соли оби тоза», сиёсатмадори варзида эътироф гардидани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Шӯрои сардорони мамлакатҳои узви Созмони ҳамкории Осиёи Марказӣ, раиси ҷамъияти

фарҳангии тоҷикону форсизабонони ҷаҳон «Пайванд» гардидан, эътирофи кулли ҷаҳониён гардидани Тоҷикистон, ба зиёда аз 100 давлатҳои хориҷӣ муносибатҳои дипломатӣ, иқтисодию фарҳангӣ доштан, зиёда аз 190 мамлакати ҷаҳон ба расмият шинохтани Тоҷикистон, муваффақиятҳои ба даст омада дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти сиёсии иҷтимоии ҷумҳурӣ.

Бо мақсади муайян намудани сатҳи ташаккули ХМ–и хонандагон ҳангоми омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик дар охир санҷиши ҷамъбастии анкетавӣ иборат аз 20 савол, оид ба қисматҳоиҳои маърифатӣ, эмотсионалӣ-баҳодиҳӣ, ва рафтори ХМ бахштдашуда, гузаронида шуд.

Ҷавобҳои ба саволҳои анкета додаи хонандагонро ҳамаҷониба таҳлил намуда, ба хулосае омадем, ки дараҷаи баланди ХМ–и хонандагони синфҳои озмоишӣ дар ҳамаи компонентҳои худшиносии 73%–ро ташкил дод. Дараҷаи ташаккули худшиносии хонандагони синфҳои муқарарӣ бошад 27%–ро ташкил медод.

Аз рӯи натиҷагири ва хулосабарориҳои сатҳи ташаккули ХМ–и хонандагон дар таҳқиқот натиҷаи саволҳоро бо фоизи муайян дар ҷадвали №2 нишон додем.

**Ҷадвали №2.**

**Нишондиҳандаи сатҳи ХМ-и хонандагони синфҳои озмоишии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ**

| Шумораи умумии хонандагон 570-нафар | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Қисмати маърифатӣ | | | Қисмати эмотсионали баҳодиҳӣ | | | Қисмати рафтор | | |
| Хонандагони синфҳои озмоишӣ 286-н | | | | | | | | |
| Баланд | Миёна | Паст | Баланд | Миёна | Паст | Баланд | Миёна | Паст |
| 74% | 15% | 11% | 72% | 17% | 11% | 25% | 35% | 40% |
| Хонандагони синфҳои муқаррарӣ 284-н | | | | | | | | |
| Баланд | миёна | Паст | баланд | миёна | Паст | Баланд | миёна | Паст |
| 26% | 30% | 44% | 25% | 32% | 43% | 23% | 37% | 40% |

**Расми 1.1.**

**Натиҷаи омӯзиши муқоисавии дониши хонандагони синфҳои озмоишӣ аз фанни таърихи халқи тоҷик баъди таҷриба**




**Расми 1.2.**

**Натиҷаи омӯзиши муқоисавии дониши хонандагони синфҳои муқаррарӣ аз фанни таърихи халқи тоҷик баъди таҷриба**



Хулоса, маърифатнокии сиёсию маънавӣ, боварию эътиқод ба қобилияти созандигию ободкунии миллати тоҷик, инкишофи қобилияти худбаҳодиҳӣ, ҳамаҷониба ба мукаммал гардидани нангу номуси миллӣ, эҳтирому нигоҳдории шаъну шарафи миллӣ, ифтихори миллатдӯстию ватандӯстӣ, дарки зарурати дӯстию рафоқат ба халқу миллатҳои ҷаҳон ва онҳое, ки дар ҷумҳуриамон истиқомат доранд, эҳтироми қонунҳои давлатӣ, муқаддасоти давлатӣ, боварии комил доштан ба муваффақиятҳои сохтмони ҷамъиятию шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ва дигарҳо дар масъалаи ташаккули ХМ–и хонандагон саҳми ниҳоят муҳим ва самарабахшро гузошта тавонист. Яъне корҳои озмоишӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик истифодагардида дар ташаккули ХМ–и хонандагон натиҷаи мусбат дода тавонист.

Барои боз ҳам баланд бардоштани дараҷаи ХМ–и хонандагон зарурати истифодаи корҳои беруназдарсӣ ба миён омад.

## §2.4.Корҳои беруназдарсӣ омили муҳимми ташаккули худшиносии миллии хонандагон

Яке аз масъалахои муҳими илми педагогикаи муосир ин ташаккул додани ҳисси ХМ нисбат ба таҳсили хонандагон мебошад. Шарти асосии ташаккул додани ҳисси ХМ ба ақидаи мо ин истифода бурдани корҳои беруназдарсӣ ба ҳисоб меравад.

Мафҳуми «Корҳои беруназдарсӣ»–ин фаъолияти ғайридарсие мебошад, ки он дар худи мактаб, берун аз ҷадвали дарсӣ гузаронида мешавад. Корҳои беруназдарсӣ қисми таркибии таълиму тарбия буда, барои такмил додани дониш, маҳорат, малака, инкишофи мустақилияти хонандагон мусоидат мекунад.

Корҳои беруназдарсии хонандагон ҳангоми омӯзиши фанхои чомеашиносӣ, махсусан ҳангои омӯзиши фанни таърихи халки тоҷик

ҳамчун як намуди фаъолияти таълимиест, ки метавонад марҳила ба марҳила ҳисси ХМ–и хонандагонро ба тариқи эҷодӣ ташаккул диҳад.

Истифодаи бомавқею бомақсадонаи корҳои беруназдарсӣ дар пайвастагӣ ба таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар ташаккулёбии ХМ–и хонандагон нақши муҳим мебозад [123, с.235].

Таҷриба нишон медиҳад, ки кӯдакону наврасон ба шунидани нақлу ҳикояҳо шавқу ҳаваси зиёд доранд. Нақлу ҳикояҳо бошад дар айни замон воситаи таъсиррасонӣ ба шуур, ҳиссиёт ва рафтор буда, ба ташаккулёбии сифатҳои шахсии хонандагон, аз ҷумла ҳисси ХМ–и онҳо ёрӣ мерасонад.

Муаллимонро лозим аст, ки вобаста ба қобилияти синнусоли хонандагон дар соатҳои тарбиявӣ ва маҳфили фаннӣ аз фанни таърихи халқи тоҷик нақлу ҳикояҳоеро истифода намоянд, ки мазуни ХМ дошта бошанд.

Масалан, ҳикояи Эраҷ Паҳлавон метавонад яке аз намунаҳои соатҳои тарбиявӣ ё ин ки мавзуи маҳфили фаннӣ бошад, ки ин ҳикоя ба дарки ХМ–и хонандагон бевосита таъсир мерасонад. Мазмуни ҳикоя чуни наст:

Дар кишваре Сафар ном сангтарош, паҳлавони боғайрат зиндагӣ мекард. Ӯ ҳамроҳи ҳамдеҳагонаш чандин маротиба бо аждаҳорҳои ба деҳа ҳуҷумкунанда ҷангида ғолиб мебарояд. Вале дар ҷанги аждаҳори аз ҳама пурқувват асир меафтад. Вай Эраҷ ном писаре дошт. Эраҷ чун паҳлавони дорои бозувони боқувват дар яке аз мусобиқаҳои гӯштингирӣ паҳлавони номии дигар, деҳаро мағлуб месозад. Ҳамдеҳагонаш шоду хурсанд мешаванд ва мегӯянд, ки ту ҳам ба мисли падарат ҷанговари моҳир мешавӣ. Ин сухан ба Эраҷ сахт таъсир мекунаду худ ба худ мегӯяд «Падари ман асири душман асту, ман бепарво дар инҷо нишастаам» [171, с. 126].

Баъди ин Эраҷ барои озод кардани падараш ба сафар мебарояд. Дар роҳ мардеро вомехӯрад, ки сараш хам меистод. Онҳо аз ҳамдигар

пурсон мешаванд. Баъди шиносоию мақсади ҳамдигарро фаҳмидан он мард мегӯяд, агар ин тавр бошад бо махлуқҳо ҳамроҳ меҷангем. Ман роҳбари ту мешавам, ту дар оянда танҳо ба ваъдаат устувор бош. Бе шуҷоату диловарӣ, мардонагӣ мақсад ба даст намеояд. Эраҷ розӣ мешавад. Он мард ба Эраҷ шамшер медиҳад ва сиррашро ҳам мегӯяд.

Эраҷ баъди чанд вақт роҳ рафтан қасри сиёҳеро мебинад, ки дар назди он чанд ҳазор ҷангиён истодаанд. Аз қаср ҳазорҳо нафар аҷузаҳо ба тарафи ҷангиён меоянд. Аз тарафи ҷангиён ҷавони пурқуват ба майдони ҷанг мебарояд. Аз тарафи аҷузаҳо низ деви бадҳайбат ба майдон мебарояд. Паҳлавонҷавон он дев ва боз чандтои дигари онҳоро зада мекушад. Вале аз тарафи аҷузаҳо деви аз ҳама калон бо номи Ҳенгел ӯро асир мегираду ба қаср мебарад ва боз ба майдони ҷанг бармегардад.

Эраҷ дигар тоқат накарда, ба Ҳенгел мегӯяд: муддати дароз ҳаст, ки қаҳру ғазабамро нисбат ба ту дар дил нигоҳ доштам, акнун ба даст афтодӣ. Ва ӯро ба ханҷар мезанад, ки дар ҷояш ҷон медиҳад.

Эраҷ бо ҳамроҳии ҷангиёни дигар душманонро зада несту нобуд мекунанд. Эраҷ падарашро аз зиндон озод карда, ҳамроҳ ба деҳаашон бар мегардад ва аҳли деҳа шоду хурсандӣ мекунанду минбаъд оромона зиндагӣ ба сар мебаранд. Баъди ин корнамоиҳо Эраҷ дар байни мардум бо лақаби Эраҷ Паҳлавон машҳур гардид.

Дар анҷоми ҳикоя барои дарк намудани ҳисси худшиносии онҳо муаллимон бо хонандагон, аз рӯи саволҳои зерин суҳбат ташкил намуданд, ки аз ҷониби хонандагон чунин ҷавонбҳо шунида шуд:

Омӯзгор: Чӣ Эраҷро маҷбур кард, ки паҳлавони ғолибро ба гӯштин даъват намояд?

Хонанда: Нангу номуси мардонагӣ ва ҳамдеҳагӣ.

Омӯзгор: Аҷузаҳо ё девҳо ба фикри шумо киҳо буданд?

Хонанда: Он душманони бегонае, ки халқи маҳаллиро қатл карда, асир гирифта, мулкашонро ғорат мекарданд.

Омӯзгор: Шумо дар мисоли Эраҷ ва паҳлавонони дигаре, ки зидди аҷузаҳо ҷангиданд, чӣ гуна мардонро мебинед?

Хонанда: Мардони далеру ҳимоягари мардумро аз душман мебинем.

Маълум гардид, ки хонандагон моҳияти ҳикояро дуруст дарк кардаанд. Хулосаҳои баровардаи онҳо дар бораи ҳамфикрӣ, муттаҳидӣ ва зидди душман ҷангидан, ба ҳимояи мардум бархестан масъалаҳои муҳими ХМ ва сатҳи дар хонандагон ташаккул ёфтани он мебошад.

Ҳар як ҳодисаҳои таърихӣ ё ин ки ҳикояҳои таърихӣ бояд ба синнусоли хонандагон вобаста бошад. Масалан дар синфҳои шашум муаллимон бояд ҳикояи таърихии «Салим Паҳлавон»–ро бо як эҳсосоти таъсирбахш ва ҳисси баланди худшиносӣ ба хонандагон нақл намоянд [171, с. 168].

Таҷрибаҳо нишон медиҳад, ки дар ташакккулёбии ХМ–и хонандагон хуб донистану дарк кардани роҳҳою шароитҳои душвори ба даст омадани сулҳу ваҳдат дар Тоҷикистон ва аҳамияту моҳияти он нақши муҳим мебозад.

Вобаста ба он ки дар раванди дарс ба хонандагон баён намудани ҳамаи паҳлуҳои масъалаи мазкур ғайриимкон аст, аз ин рӯ бояд сикли суҳбатҳои беруназдарсӣ гузаронида шавад.

Дар натиҷаи ҳамкориҳои судманд омӯзгорон суҳбатҳои беруназдарсиро доир ба мавзуҳои мухталифи ҳуввияти миллӣ дошта, аз ҷумла, «Таърихи муяссар гардидан ба сулҳу ваҳдати миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Моҳияти ваҳдат ва аҳамияти он дар ҳаёти шаҳрвандон ва рушду пешравии ватанамон», «Таъсис додани қувваҳои дохилаю беруна ва сабабгори аз байн бурдани ҷанги шаҳрвандӣ», «Соҳиби сулҳу ваҳдати миллӣ гардидани тоҷикон» ва дигарҳо, ки метавонанд дар ХМ–и хонандагон бефосила таъсир расонанд.

Ҷавоби қариб 80%–и хонандагони синфҳои озмоишӣ ба мавзуҳои баёншуда, дар маҷмуъ чунин буд: Мо ба ҳамаи он шахсони миллатдӯсту ватандӯст ва махсусан, Президенти мамлакатамон Эмомалӣ Раҳмон, ки

дар таъмини сулҳу ваҳдат корнамоиҳои фаромӯшнашаванда нишон доданд, ифтихор мекунем. Чунин хулосабароориҳо нишон медиҳад, ки дар дараҷаи баланд ноил шудани сатҳи ХМ, аз самаранокии корҳои озмоишӣ натиҷагири шудааст.

Дар асоси истифодабарии далелҳои таърихӣ хонандагон бовар кунонида шуд, ки ҳар қавму миллат ба хотири мероси бою рангини хеш, осори арзишманди таърихию фарҳангии гузаштагони худ дар ҷаҳон маълум ва шинохта мешавад.

Халқи ориёӣ, ки мо меросбарони асили онҳо ҳастем, аз худ мероси бою рангинро барои наслҳои оянда боқӣ гузоштаанд, ки дар баробари дигар падидаҳои таърихию фарҳангӣ, анъанаҳо, идҳо ва расму оинҳо ба ҳисоб мераванд. Ин падидаҳо дар давоми асрҳо дар тарбияву ба камол расонидани насли наврасу ҷавонон нақши муҳим бозидаанд.

Аз ин рӯ, мақсад гузошта шуд, ки имкониятҳои ҷашнҳои аҷдодии «Наврӯз», «Меҳргон», «Садда» ҳамчун падидаи таърихӣ дар ташаккулдиҳии ХМ–и хонандагон истифода бурда шавад ва дар маҳфилҳои фанни сикли суҳбатҳои беруназдарсӣ ба ин ҷашнҳо бахшида шавад.

Дар синфҳои озмоишӣ сикли суҳбатҳо оид ба ҷашнҳои қадимаи аҷдодӣ бахшида шудааст. Дар суҳбат бо хонандагон аз таърихи пойдоиш ва ҷашнгирии ҷашнҳои аҷдодӣ маълумоти васеъ дода шуд, ки он барои ташаккули ХМ–и хонандагон зарур аст.

Мушоҳида нишон дод, ки суҳбатҳои беруназдарсӣ доир ба таърихи пайдоиши ҷашнҳои аҷдодӣ («Наврӯз», «Меҳргон», «Сада») ва байналмилалӣ гаштани ҷашни «Наврӯз» барои хонандагон хело дилчаспу таъсирбаш буданд. Онҳо моҳияту мазмуни ин ҷашҳои аҷдодиро эҳсос намуда, боварии комил пайдо намуданд, ки миллати тоҷик аз замонҳои қадим дорои тамаддуни бою гуногунранг ва дилчасп мебошад. Хулас донистани таърихи пайдоиши ҷашнҳои миллии тоҷикон «Наврӯз», «Меҳргон», «Сада» ва мазмуну хусусиятҳои онҳо яке аз

масъалаҳои муҳим ва воситаи таъсиррасонии ҳиссӣ ба ташаккули ХМ–и хонандагон мебошад.

Таҳқиқот нишон дод, ки дар синфҳои болоӣ гузаронидани конфронсҳои илмии хонандагон дар мавзуҳои ҳаётан лозим дар ташаккули ХМ–и хонандагон таъсир мерасонад.

Ба назардошти он ки дар дарсҳо назарияҳои иҷтимоию сиёсии асосгузори ҳаракати маорифпарвари асри XIX Аҳмади Дониш ба хонандагон маълумоти мукаммал додан имконнопазир буд, зарур шуморида шуд, ки аз рӯйи асари академик Раҷабов З.Ш. «Маорифпарвари барҷастаи халқи тоҷик, Аҳмади Дониш» (1961) дар боби «Ғояҳои иҷтимоӣ-сиёсии Аҳмади Дониш» дар мавзуҳои «Танқиди Аморати Бухоро ва шоҳону амалдорон дар мероси адабию педагогии Аҳмади Дониш» ва «Сабабҳои шикаст хурдани аморати Бухоро дар ҷанг бо Россия» дар байни хонандагон конфрнс гузаронида шавад, то ин ки хонандагон маърӯзаҳои омода намудаи худро ба дигарон дастрас намуда таҳлил намоянд [122, с.150].

Аз рӯи маърӯзаи муҳокима шуда, хонандагон оиди «боадолатӣ» ба чунин хулосаҳои мазмуни худшиносии миллидошта омадаанд: Сусти ва золимии шоҳ бадигарон имконият медиҳад, ки он сарзаминро мағлуб намоянд, ҳукумати подшоҳи бояд шахсони бовиҷдону софдил доштан бошад ва барои маълумотноку хирадманд гардидани халқ талош намоянд, зеро агар хоҳи, ки як миллатро несту нобуд сози, месазад, ки дар мадди аввал илму хирад ва донишмандони он халқро маҳв гардонӣ.

Махсусан донистани пайдоиши синфи коргари миллӣ, саноати миллӣ ва баъдан шикаст хурдани Аморати Бухоро аз ҷониби Россия ба ташаккули ХМ–и хонандагон таъсири самаранок расонид.

Таҳқиқот собит намуд, ки дар ташаккули ХМ–и хонандагон аз ҷониби худи онҳо хуб донистану дарк кардани таърихи пайдоиши парчами аҷдоди гузашта, Парчами Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии

Тоҷикистон, Парчами миллии давлатии Тоҷикистони соҳибистиқлол бо рамзҳояш нақши муҳим мебозад.

Бо назардошти он ки дар раванди таълими таърихи халқи тоҷик оид ба масъалаҳои мазкур ба хонандагон қариб, ки маълумот дода нашуда буд, гузаронидани конфронси илмии хонандагонро дар ин сатҳи таҳқиқот зарур ва ба мақсад мувофиқ шуморидем.

Аҳамияти донистани масъалаи парчаму парчамдориро дар ташаккули ХМ–и хонандагон ба эътибор гирифта, дар мавзуи «Парчам-рамзи муқаддасоти давлатдорӣ ва ифтихори миллӣ» ба хонандагони синфҳои миёнаи мактабӣ суҳбатҳо ва бо синфҳои болоии озмоишӣ конфронсҳо гузаронида шуд.

Хонандагон дар конференсия бо мавзуъҳо мушаххас баромад намдуанд. Бинобарсабаби зиёд гардидани ҳаҷми диссертатсия зарурат пеш омад, ки фишурдаи марузаҳои хонандагонро барои исбот дар ин зербоб нишон додаем. Масалан:

**Аз таърихи парчамдорию парчамбардории тоҷикон**

Дар маърӯза хонанда зери роҳбарии омӯзгор қайд намудааст, ки яке аз рамзҳои давлатдории қадимаи халқу миллати тоҷик парчами миллӣ ба ҳисоб меравад, ки он маъно ва таркиби истифодабарии хоси худро доро мебошад. Истилоҳи «парчам» аз вожаи суғдии «парчам», «дирафш», аз забони авестоӣ бошад «драфса», форсии бостон «драфса», паҳлавӣ «драфс» ва бохтарӣ «ягофа» сарчашма гирифта, маънояш овеза, ливо ва аломат мебошад.

Вақте ки парчами Коваи оҳангар боло шуд он «Дирафши Ковиён» ном гирифт. Аҷдодони гузашта зери ин парчам мубориза бурда, мазмуни мубориза баҳри озодию истиқлолиятро соҳиб гаштанд. Аз он давра сар карда, парчам чун рамзи озодию давлатдорӣ миёни мардуми тоҷик муқаддас шуморида мешавад.

## Таъсисёбии Парчами миллии Тоҷикистон

То соли 1929, яъне то ташкилёбии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон мо соҳиби Парчами миллӣ набудем. То ин давра дар ҳамаи ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон акси нишони Ҷумҳурии Узбекистон гузошта шуда буд.

Соли 1929 баробари ташкилёбии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон, Кумитаи Иҷроияи Маркизии Шӯроҳои Тоҷикистон дар бораи қабул ва тасдиқи Парчам ва Нишони давлатии Тоҷикистон қарор қабул мекунад. Аз он вақт саркарда то ба имрӯз ҷумҳурии соҳибистиқлоии Тоҷикистон соҳиби Парчаму Нишони миллии давлатӣ худ гардид, ки ин ифтихори ҳар як тоҷику тоҷикзабон аст.

## Парчами миллии давлатии Тоҷикистон

Парчами миллии Тоҷикистон 24–уми ноябри соли 1992 дар Иҷлосияи таърихии шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидааст, ки он яке аз рамзҳои муҳимми истиқлолияти миллии давлатдории навини тоҷикон, таҷассумгари таърихӣ, рамзҳои давлатдории халқи тоҷик ва инчунин ифодакунандаи мақсаду маром ва орзую умеди тамоми мардуми Тоҷикистон мебошад.

Парчами миллӣ муҳимтарин омили ХМ ва ифтихори давлатдорӣ буда, таъриху фарҳанги қадимаи ниёгон ва тамаддуни таърихи халқи тоҷикро ифода мекунад. Барои эҳё намудани анъанаҳо ва расму оинҳои миллии халқи тоҷик мусоидат намуда, халқҳои гузаштаю ҳозираи тоҷиконро бо ҳам мепайвандад.

Дар қисми хотимавии конференсия аз рӯи панҷ савол суҳбати проблемавӣ гузаронида шуд:

1. Бо қадом мақсад таърихи куҳани парчамдории тоҷикон ифодакунандаи сулҳу истиқлолияти миллӣ гардид?
2. Абулқосим Фирдавсӣ дар «Шоҳномаи» безаволи худ пайдоиш ва моҳияти парчами миллиро чигуна баҳо дода аст?

3. Шоҳ Фаридун «Дирифши ковиёнро» зебу зиннат дода ба ороишгарони чӣ гуфта буд?

4. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон 23–юми ноябри соли 2010 дар Паёми телевизионӣ рангҳои парчами миллиро ифодаги таърих ва арзишҳои фарҳанги миллию сиёсӣ номида, кадом омилҳоро дар назар дошт?

5. 30–уми августи соли 2011 бо фармони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо кадом мақсад Парчами давлатии Тоҷикистон дар баландии 165 метр барахрофта шуд?

Таҳқиқоти гузаронидаи мо собит намуд, ки мақсадноку эҷодкорона истифода бурдани имкониятҳои педагогии таълими таърихи халқи тоҷик дар корҳои беруназдарсӣ роҳи аз ҳама самараноки ташаккули ХМ–и хонандагон мебошад.

Натиҷаи конференсия нишон дод, ки донистани таърихи парчаму парчамдорӣ дар ташаккули ХМ–и хонандагон нақши созгор дорад.

Дар ҷамъбати таҳқиқот бо мақсади муайян намудани натиҷаҳои дар қисматҳои маърифатӣ, эмотсионалӣ-баҳодиҳӣ, рафтор рефлексия ва худбаҳодҳӣ, оид ба дараҷаи ташаккули ХМ–и хонандагони синфҳои озмоишию муқарраррӣ ба даст омада, санҷиши ҷамъбастии анкетавӣ гузаронида шуд, ки он аз 11 саволи иборат буд.

Ҷавобҳои қариб 75,5% хонандагони синфҳои озмоишӣ мукаммал буда, нишондиҳандаи сатҳи баланди ташаккули ХМ–и хонандагон аст.

Таҳлили маълумотҳои илмию таърихии дар таҳқиқот бадаст омада, ба мо имконият дод, ки натиҷаи корҳои озмоиширо дар се дараҷа (баланд, миёна, паст) вобаста ба қисматҳои ХМ дар байни 286-нафар хонандагони синфҳои 11 озмоишӣ ва 284–нафар хонандагони синфҳои 11-и муқаррарӣ бо фоиз муайян намуда, дар ҷадвали №3 нишон диҳем.

**Ҷадвали №3.**

**Дарачаҳои сохти ташаккули худшносии миллии хонандагони синфҳои озмоишии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ**

| Дарачаи ташаккули худшносии миллии хонандагон | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Компонентҳои ХМ | Синфҳои озмоишӣ миқдори хонандагон 286-н. | | | Стнфҳои муқаррари миқдори 284-н. | | |
| Дарачаҳо: | Баланд | Миёна | Паст | Баланд | Миёна | Паст |
| Маърифатӣ | 80,5% | 13,3% | 6,2% | 40,2% | 20,5% | 39,3% |
| Эмотсионалӣ-баҳодиҳӣ | 78,7% | 14,1% | 7,2% | 39,6% | 20,3% | 40,1% |
| Рафтор | 77,2% | 14,7% | 8,1% | 39,3% | 20,6% | 40,1% |
| Рефлексия | 78,7% | 14,1% | 7,2% | 39,3% | 30,6% | 30,1% |
| Худбаҳодиҳӣ | 78,2% | 13,1% | 8,7% | 39,3% | 20,7% | 40% |

**Расми 2.**

**Дарачаҳои сохти ташаккули худшносии миллии хонандагони синфҳои озмоишии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ**




Барои исботи гуфтаҳои боло метавонем фоизи бадастомадаи дарачаи баланди ташаккули ХМ–и хонандагон дар ҷараёни таълими таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ ҳамчун намуна мисол

оварда ба санҷиши давраи аввал муқоиса намоем: Аз 286–нафар хонандагони синфҳои озмоишӣ дараҷаи баланди ХМ ба 78% расид, ки ин нисбат ба давраи аввали санҷиши гузаронидашуда 40% зиёд аст.

Хулоса аз зербоби мазкур хулоса баровардан мумкин аст, ки ташаккули ХМ–и хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ ба чунин муваффақиятҳо ноил гардидааст:

– майлу рағбати хонандагони синфҳои озмоишӣ ба хондану хуб донистани таърихи миллати хеш афзуд гардид;

– дар хонандагон талабот нисбат дар худ ташаккул додани ХМ ҷиддӣ инкишоф ёфт;

– майлу рағбати хонандагони синфҳои озмоишӣ нисбат ба хонандагони синфҳои муқаррарӣ дар гузаронидани чорабиниҳою корҳои тарбиявӣ, зиёд гардид;

– дар хонандагон ҳисси худшиносии шахсӣ, миллатдӯстӣ, ифтихори миллию ватандорӣ, нангу номус ва шаъну шарафи миллӣ афзун гардида ба моҳияти мафҳумҳои «Ман кӣ ҳастам», «Мани идеалӣ», «Ман чӣ гунаам», «Ман чӣ кор карда метавонам», «Ман метавонам» чигуна баҳо доданро дарк намуданд.

## Хулосаи боби дуюм

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили боби дуюм ба мо имкониятҳои педагогии таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсиро дар ташаккули ХМ–и хонандагон мавриди таҳқиқ қарор дода, онро аз ҷиҳати илми ва назариявӣ асоснок намудем.

Ҳангоми гузаронидани тадқиқот ва истифодабарии корҳои озмоишӣ хусусиятҳою имкониятҳои таълимдиҳии маводҳои таълимии ҳар як марҳилаи таърихӣ ва шаклҳою методҳои корҳои беруназдарсӣ дар ҳамин боб инъикоси худро ёфтаанд.

1. Дар ин боб кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки ҳангоми таълими ҳар як мавзуъ хонандагон бо низоми донишҳои илмию, асоснокардашудае, ки дар ташаккули ХМ–и хонандагон таъсир расонида метавонад, мусаллаҳ карда шаванд. Бо ёрии суҳбат ва санҷишҳои тестӣ нақши омӯзиши маводҳои таълимӣ дар ҳалли масъалаи мазкур муайян карда шуда, тарзу усули наву самарабахш муайян карда шудааст.

